# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

НАШРИЯИ ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ

ИЗДАНИЕ ИНСТИТУТА ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ

РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**2017 (1)**

МАҶАЛЛА АЗ СОЛИ 2005 НАШР МЕШАВАД.

МАҶАЛЛА ДАР ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 29.05.14 ТАҲТИ РАҚАМИ 0136/МҶ САБТИ НОМ ШУДААСТ. МАҶАЛЛА ДАР ЯК СОЛ 4 МАРОТИБА ЧОП МЕШАВАД. МАВОДИ ИРСОЛШУДА БОЗГАРДОНИДА НАМЕШАВАД.

**Сармуҳаррир:**

***Абдулхолиқзода Л.А.*** – ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**Муовини сармуҳаррир:**

***Абдухолиқзода А.М.*** – муовини ректори Донишкада оид ба илм ва муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ

**Ҳайати таҳририя:**

***Нуриддинов Ҳ*** - муовини ректори Донишкада оид ба таълим, номзади илмҳои таърих, дотсент

***Мухторов З.*** – директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор

***Ализода Б.П.*** – сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

***Шарипов Ш.*** – мудири кафедраи забонҳои Донишкада, номзади илмҳои филологӣ

***Шарифов Ҷ.*** – (котиби масъул) сармутахассиси бахши таъбу нашри Донишкада

***Шукурова Т.Ф.*** – номзади илмҳои филологӣ

**Ҳайати мушовара:**

***Раҳмон Озода Эмомалӣ*** – роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Раҳмон Асадулло*** – ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо

***Раҳмонзода А.А.*** – ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Давлатов Ҷ.М.*** – директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Раҳимӣ Ф.Қ.*** – президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон



САТҲУ СИФАТИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ БА ДОНИШУ ТАҶРИБА, МАҲОРАТУ МАЛАКА, МАСЪУЛИЯТШИНОСИВУ ТАШАББУСКОРӢ ВА СИФАТҲОИ КАСБИВУ КОРДОНИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ ВОБАСТА АСТ.

*ЭМОМАЛӢ РАҲМОН*

## МУНДАРИҶА

### Президент

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони сокинони шаҳри Душанбе, 15 феврали 2017 ........ 7

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ба Рӯзи модар, 7 марти соли 2017 ........ 29

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат, 20 марти 2017 ........ 37

**Идоракунии давлатӣ**

***Хидирзода М., Ғафорзода А.*** Институционализация лидерства: теоретико-прикладные аспекты ........ 43

***Шосаидов С.Ҳ.*** Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии идоракунии захираҳои инсонӣ ........ 52

***Алимшоев М.М.*** Татбиқи технологияҳои кадрӣ дар мақомоти давлатӣ (дар мисоли мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ) ........ 63

**Мубориза бо коррупсия**

***Файзализода Ҷ.Х.*** Накуҳиши ришваситонӣ ва судхӯрӣ дар фарҳанги исломӣ ........ 67

**Зан ва ҷомеа**

***Каримов А.Қ., Қодиров Д.С.*** Вижагиҳои сарварии занон дар замони муосир ........ 75

***Назриев К.Қ.*** Фаъолшавии нақши занон дар раванди идоракунӣ: хосиятҳои услуби идоракунӣ ва баррасии «менеҷмент бо симои занона» ........ 85

**Геополитика**

***Искандаров Қ.*** Гурӯҳи террористии бо ном «Давлати исломӣ» дар Афғонистон: ташаккул ва пайомади фаъолияти он барои минтақа ........ 90

**Роҳбарӣ**

***Давлатов М.Н.*** Ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ оид ба пайдоиши ҷомеа, ҳокимият ва давлат ....................................... 104

**Технологияҳои иттилоотӣ**

***Хайриддини Аслиддин***. Татбиқи технологияҳои мултимедиявӣ дар раванди таълим .......................................................................................... 115

**Ҷавонон ва ҷомеа**

***Абдураҳмонов З.В.*** Нақши ҷавонони Тоҷикистон дар бартараф намудани оқибатҳои манфии хатарҳои ҷаҳони муосир ......................... 121

**Ҳуқуқи байналмилалӣ**

***Пиров А.*** Падидаи эътирофнамоӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ ............... 129

***Бачамардов А.Н.*** Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии президент ва ҳукумат дар Ҷумҳурии Италия ............................................................... 135

**Суғуртаи кишоварзӣ**

***Шамсуллозода Ш., Шамсуллозода Х.*** Проблемы развития сельскохозяйственного страхования ...................................................... 142

**Забон ва идоракунии давлатӣ**

***Алиева Т.*** Мақоми забони тоҷикӣ дар раванди идоракунии давлатӣ ........................................................................................................ 147

***Шукурова Т.Ф.*** Таксис. Реальная последовательность событий и ее отражение в тексте (на материале немецкого языка) ...................... 153




## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТ БО РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОН ВА НАМОЯНДАГОНИ СОКИНОНИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ, 15.02.2017

**Ҳамватанони арҷманд!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳадафи мулоқоти мо бо шумо, вакилони мардумӣ, роҳбарону фаъолон ва намояндагони сокинони шаҳри Душанбе, ҳамчунин, аъзои Ҳукумати мамлакат, роҳбарони сохтору мақомоти назди Президент ва Ҳукумат, ташкилоту муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, бонкҳои давлативу тиҷоратӣ ва соҳибкорону тоҷирон баррасии вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, мушкилоти мавҷудаи пойтахт ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо мебошад.

Ҳарчанд ки Ҳукумати мамлакат дар замони истиқлолият доир ба масъалаи ободу зебо гардонидани шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти Ватани маҳбубамон ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ гардонид, вале марҳалаи нави рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо

менамояд, ки ба рафъи мушкилот ва ҳалли масъалаҳои маркази кишвар минбаъд низ эътибори аввалиндараҷа дода шавад. Зеро шаҳри Душанбе ҳамчун маркази маъмурии мамлакат ва ойинаи миллати соҳибтамаддуни тоҷик бояд ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонида шавад.

Маҳз ба ҳамин хотир, дар давоми бисту панҷ соли истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати мамлакат ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди шаҳри Душанбе эътибори доимӣ дода истодааст. Дар натиҷа пойтахти кишварамон бо дастгириву ғамхориҳои давлату Ҳукумат ва албатта, ба шарофати заҳмати созандаву ташаббусҳои ватандӯстонаи сокинони он хеле ободу пешрафта гардонида шуд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки ҳанӯз аз оғози солҳои 90-уми асри гузашта шаҳри Душанбе маркази ноороmиву бесуботӣ ва макони амалигардонии мақсадҳои ғаразноки душманони дохиливу хориҷӣ гардид. Дар он солҳо шаҳр ҳатто рисолати худро ҳамчун пойтахти мамлакат гум карда буд, зеро сохторҳои идоракунии давлат пурра фалаҷ гардида, тамоюли марказгурезӣ авҷ гирифт.

Фикр мекунам, ки сокинони шаҳри Душанбе он рӯзҳои вазнину фоҷеабор, яъне айёмеро, ки мардум аз тарси ҷони худ ва аҳли оилаашон ҳатто ба кӯчаи шаҳри хеш ва ба ҷойи корашон баромада наметавонистанд, ҳаргиз фаромӯш намекунанд. Вазъият чунон мураккабу бухронӣ шуда буд, ки ҳатто имкони дар пойтахт гузаронидани иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надошт ва мо маҷбур шудем, ки иҷлосияи XVI таърихии Шӯрои Олиро дар шаҳри Хуҷанд баргузор намоем.

Дар зарфи солҳои баъдӣ зарурати барқарор намудани фаъолияти ҳамаи зинаҳои фалаҷшудаи сохтору мақомоти давлатӣ пеш омада, низоми самарабахши мақомоти ҳокимият ва ислоҳоти куллии идораи давлатӣ маҳз дар пойтахти кишвар ба роҳ монда шуд.

Ҳанӯз аз ҳамон давраҳо рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳр таҳти назорати бевосита ва доимии Роҳбари давлат қарор дошта, дар ин муддат аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва фондҳои марказонидашудаи ҷумҳуриявӣ барои пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти шаҳри Душанбе 18,6 миллиард сомонӣ сарф гардид ва танҳо соли 2016 ба ин мақсад 2,1 миллиард сомонӣ хароҷот карда шуд. Илова бар ин, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ тавассути Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент дар зарфи солҳои 2006-2016 дар ҳудуди шаҳри Душанбе корҳои сохтмону азнавсозӣ ва таъмири асосии 32 иншооти иҷтимоиву хизматрасонӣ ба маблағи умумии якуним миллиард сомонӣ ба анҷом расонида, мавриди истифода қарор дода шуд, аз ҷумла 18 иншооти навбунёд ба маблағи 1,2 миллиард сомонӣ ва 14 иншоот ба маблағи 242 миллион сомонӣ таҷдиду азнавсозӣ гардид.

Дар давраи зикршуда бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд ба корхонаву муассисаҳо, соҳибкорон ва аҳолии шаҳр ба маблағи 35

миллиард сомонӣ қарз додаанд, ки 3,6 миллиард сомонии он ба соли 2016 рост меояд.

Имрӯз шумораи корхонаҳои саноатии шаҳр ба 468 расидааст, ки нисбат ба соли 1991-ум 273 корхона ё 2,5 баробар зиёд мебошад. Вале бояд гуфт, ки соли 2016-ум 57 корхонаи саноатӣ бо сабаби фарсудашавии таҷҳизоти технологӣ ва камбудии молиявӣ аз фаъолият бозмонда, боиси коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кам шудани ҷойҳои корӣ дар шаҳри Душанбе гардидааст. Инчунин, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар 160 корхона паст гардида, дар натиҷа аз 78 намуди маҳсулоти муҳимми саноатӣ истеҳсоли 31 номгӯй (40 фоиз) назар ба соли 2015 кам, 5 номгӯй маҳсулот (6,4 фоиз) умуман истеҳсол нашудааст ва дар натиҷа ҳаҷми содироти корхонаҳои саноатии пойтахт назар ба соли 2015-ум 33 фоиз коҳиш ёфтааст.

Соли гузашта аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ барои бунёду барқарорсозии иншооти муҳимми шаҳр 3 миллиард сомонӣ равона гардид, ки нисбат ба соли 2000-ум 305 баробар зиёд мебошад.

Ҳукумати мамлакат, инчунин, дар даврони соҳибистиқлолӣ ба иқтисодиёти шаҳри Душанбе беш аз 43 миллиард сомонӣ сармояи хориҷиро ҷалб намуд, ки қариб 70 фоизи ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷии кишварро ташкил медиҳад.

Дар замони истиқлолият ба иқтисодиёти Тоҷикистон беш аз 63 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб карда шудааст.

Бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати кишвар барои ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани пойтахти кишвар як силсила тадбирҳои амалӣ андешида шуданд. Аз ҷумла, бо ҷалби сармояи хориҷӣ меҳмонхонаҳои муосир мавриди истифода қарор гирифта, меҳмонхонаҳои амалкунанда аз ҳисоби буҷети давлатӣ таъмиру тармим гардиданд. Аммо таъкид месозам, ки меҳмонхонаҳои таъмиршуда ҳанӯз ҳам ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набуда, барои қабули меҳмонон аз дохил ва хориҷи кишвар шароити зарурӣ надоранд.

Дар натиҷаи таҷдиди фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе, аз ҷумла бунёди терминали нави мусофиркашонӣ, ки арзиши беш аз 400 миллион сомониро ташкил медиҳад, сатҳи қабули меҳмонону мусофирон беҳтар гардида, барои назорати гумрукӣ ва хизматрасонии замонавӣ ба мусофирон имконияти мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар баробари ин, дар шаҳр бо ҷалби сармояи соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ даҳҳо иншооту биноҳои фарҳангиву варзишӣ бунёд гардиданд.

Айни замон, бо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ лоиҳаи “Диёри Душанбе” амалӣ шуда истодааст, ки ҳаҷми умумии сармоягузории он қариб дуюним миллиард сомонӣ мебошад. Тавассути лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар шаҳри Душанбе қариб ҳафтуним миллиард сомонӣ ҷалб гардидааст.

То имрӯз 20 лоиҳа ба маблағи беш аз 3,2 миллиард сомонӣ анҷом ёфта, татбиқи 7 лоиҳа ба маблағи зиёда аз 4 миллиард сомонӣ идома дорад.

Дар самти беҳтар гардонидани таъминоти аҳолии шаҳри Душанбе бо оби тозаи нӯшокӣ 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 600 миллион сомонӣ амалӣ шуда истодааст, ки то имрӯз се лоиҳа ба маблағи 360 миллион сомонӣ ба анҷом расида, татбиқи марҳалаи дуюми лоиҳаи обтаъминкунии шаҳри Душанбе ба маблағи 240 миллион сомонӣ идома дорад ва муҳлати анҷоми он моҳи сентябри соли 2018 муқаррар шудааст.

Дар робита ба ин, хотирнишон месозам, ки таъминоти шаҳр бо оби тоза масъалаи муҳимтарин ва аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Вале мувофиқи таҳлили коршиносон масъалаи бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин намудани аҳолии шаҳри Душанбе эҳтимол баъди амалӣ шудани лоиҳаи мазкур низ ҳалли худро намеёбад. Аз ин рӯ, роҳбарону масъулонро зарур аст, ки ҷиҳати ҳалли ин масъала чораҳои иловагӣ андешанд.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки доир ба масъалаи истифодаи сарфакоронаи оби ошомиданӣ, ки ҳоло масрафи он дар шаҳри Душанбе аз меъёр хеле зиёд аст, назорат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ тақвият бахшида шаванд.

Дар самтҳои сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори энергетикӣ, нақлиётӣ, хоҷагии манзиливу коммуналӣ ва шабакаҳои обу корез низ маблағҳои зиёд сарф шудаанд, вале дар масъалаҳои кам кардани талафоти нерӯи барқ, беҳтар намудани хизматрасонии нақлиётӣ ва манзиливу коммуналӣ дар шаҳр ҳанӯз камбудиву мушкилоти зиёд мавҷуданд.

Истифодабарии солонаи нерӯи барқ дар ин давра аз 2,3 то ба 3 миллиард киловатт-соат афзоиш ёфтааст.

Бо қарорҳои Ҳукумати мамлакат тайи солҳои охир дар шаҳр аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва шарикони рушд як қатор лоиҳаҳои рушди соҳаи энергетика дар ҳаҷми 6,4 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ 2,2 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуданд, ки ба беҳтар таъмин намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти шаҳр бо нерӯи барқ, таъсиси иқтидорҳои нав, таҷдиди шабакаҳои интиқоли барқ, кам кардани талафот ва беҳтарсозии низоми барқрасонӣ равона гардидаанд.

Бо вуҷуди ба кор андохтани иқтидорҳои нави энергетикӣ ва гармӣ ҷараёни корҳои пайваст кардани хонаҳои истиқоматӣ ва иншооту корхонаҳо ба шабакаҳои гармидиҳӣ ниҳоят ташвишовар аст ва ин кор бояд зери назорати қатъӣ қарор дода шавад.

Тавре ки қаблан таъкид карда будам, аз ҳисоби истифодаи гармии Маркази барқу гармидиҳии "Душанбе - 2" имкони сарфаи қариб 200 мегаватт нерӯи барқ пайдо мегардад, ки ин таъминоти аҳолии кишварро бо нерӯи барқ боз ҳам беҳтар менамояд.

Вобаста ба ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, роҳбарони корхонаву идораҳо ва аҳолии пойтахт вазифадор

шуда буданд, ки корҳои таъмиру барқарорсозии шабакаҳои оби гарм ва пайвастани хонаҳои истиқоматиро ҳарчи зудтар ва бо сифати баланд анҷом дода, ба масъалаи истифодаи самараноку сарфакоронаи гармии истеҳсолшаванда ва нерӯи барқ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Доир ба ин масъала дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2016 банди алоҳида пешбинӣ шуда буд. Вале маҳз бо сабаби аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе иҷро нагардидани қарори зикршудаи Ҳукумат мо натавонистем, ки аз аввали фасли сармо ба сарфаи нерӯи барқ муваффақ шавем ва зиёдатии онро ба дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат интиқол диҳем.

Хотиррасон менамоям, ки арзиши қувваи барқ дар Тоҷикистон назар ба аксари кишварҳои олам пасттарин мебошад. Вале бо мурури замон барои амалигардонии лоиҳаҳои таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии амалкунанда ва низоми энергетикии кишвар хароҷоти зиёд лозим мешавад ва аз ин лиҳоз, арзиши қувваи барқ ба меъёри муайян баланд мегардад. Бинобар ин, пайвастшавии аҳолӣ ба шабакаи гармидиҳӣ аз ҷиҳати молиявӣ чандин баробар манфиатовар буда, имкон медиҳад, ки аз буҷети оилавӣ маблағҳои зиёд сарфа карда шаванд. Ман ин масъаларо рӯзи ифтитоҳи Маркази барқу гармидиҳии “Душанбе – 2” махсус таъкид карда будам.

Имрӯзҳо масъалаи талафоти нерӯи барқ, пардохти маблағи барқи истифодашуда аз ҷониби аҳоливу корхонаҳо ва таъминоти устувори он низ ташвишовар аст. Ҳарчанд ки мо барои насби ҳисобкунакҳо лоиҳаи сармоягузориро ба маблағи зиёд амалӣ намудем, вале натиҷаву самараи он қонеъкунанда нест.

Пардохти ҳаққи нерӯи барқи истифодашуда ҳоло ҳам ташвишовар буда, аз сокинони пойтахт тақозо мегардад, ки ҷиҳати гирифтани пеши роҳи истифодаи ғайриқонунии он бо Ширкати “Барқи Тоҷик” ҳамкорӣ намоянд.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Вазъи роҳҳо дар шаҳри Душанбе таҳти назорати ҷиддии Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Зеро яке аз масъалаҳое, ки дар шаҳр беҳбудӣ мехоҳад ва боиси ташвиши сокинони пойтахт мебошад, ба талаботи муосир ҷавобгӯ набудани роҳҳои шаҳр аст. Бо ин мақсад, Ҳукумат чанд сол пеш азнавсозии роҳи Душанбе – Ваҳдатро ба анҷом расонида, дар доираи лоиҳаи "Беҳтар намудани ҳолати роҳи минтақавии Душанбе - Турсунзода” дар ҳудуди шаҳри Душанбе барқарорсозии қитъаи роҳро аз чорроҳаи хиёбони Абӯалӣ Сино то дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе тибқи меъёрҳои замонавӣ оғоз намуд ва имсол корҳои таҷдиди қитъаи роҳро аз бозори “Корвон” то шоҳроҳи Душанбе - Қӯрғонтеппа шурӯъ менамояд.

Умуман, дар доираи сохтмон ва таҷдиди шоҳроҳҳои Душанбе-Чаноқ, Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ - Кулма, Душанбе - Турсунзода, Душанбе –

Қӯрғонтеппа - Панҷи Поён ва роҳҳои Душанбе – Айнӣ - Ҳисор, Душанбе – Рӯдакӣ - Лоҳур беш аз 42 километр роҳҳои шаҳри Душанбе ба маблағи 270 миллион сомонӣ азнавсозӣ карда шудаанд.

Бо вуҷуди дар даврони истиқлолият таҷдиду азнавсозӣ гардидани 185 километр хиёбону роҳҳо ва 123 километр роҳҳои пиёдагард боз 550 километр кӯчаву роҳҳо ва 230 километр роҳҳои пиёдагард ба таъмиру азнавсозии ҷиддӣ эҳтиёҷ доранд ва на ҳамаи роҳҳои шаҳри Душанбе ба талаботи шаҳри муосир ва пойтахти мамлакат ҷавобгӯянд.

Яке аз омилҳои суст ба роҳ монда шудани азнавсозии инфрасохтори коммуникатсионии шаҳри Душанбе бесабаб тӯл кашидани чараёни сохтмону таҷдиди роҳҳо, сатҳи пасти касбияти ширкатҳои ғолиби озмунҳо буда, илова бар ин, сифати корҳои анҷомдодашуда ба талаботи замона мутобиқ нест.

Дар шаҳр 3 корхонаи коммуналии воҳиди давлатии «Автобус» ва як корхонаи коммуналии воҳиди давлатии «Троллейбус» фаъолият мекунад, лекин бо сабаби номукаммалии идораи ин корхонаҳо, фарсуда ва кӯҳна будани нақлиёти мусофиркашонӣ, ба талаботи санитариву эпидемиологӣ ҷавобгӯ набудан ва ташкили нодурусти низоми мусофирбарӣ тариқи хатсайрҳо сокинони шаҳр ба мушкилиҳо дучор мегарданд. Аз 477 автобус ва микроавтобусҳои ин коргоҳҳо беш аз 200 адади онҳо корношоям буда, боқимонда дар ҳолати на чандон хуби техникиву санитарӣ қарор доранд. Аз 166 троллейбусҳои мавҷуда дар 7 хатсайр ҳамагӣ 87 адади онҳо ба мусофирон хизмат мерасонанд. 79 адад троллейбусҳо корношоям мебошанд. Бинобар ин, зарур аст, ки роҳу усулҳои истифодаи нақлиёти замонавӣ бо технологияҳои муосир ҷустуҷӯ карда шаванд, то ки хизматрасонӣ ба мусофирон сари вақту босифат ва бо харҷи ками маблағҳои дотатсионӣ ба роҳ монда шавад. Дар баробари ин, шумораи воситаҳои нақлиёте, ки дар шаҳр ба қайд гирифта шудаанд, қариб 70 ҳазорро ташкил дода, ин рақам мунтазам афзоиш ёфта истодааст.

Бо сабаби аз шаҳри Душанбе гузаштани 160-170 ҳазор нақлиёти боркашон ва мусофирбар ҳамарӯза ҳолатҳои тамбашавӣ ва садамавӣ ба амал омада, чунин вазъ ба ифлосшавии муҳити зист ва ҳавои шаҳр боис гардидааст. Дар баробари ин, зиёд шудани воситаҳои нақлиёти камғунҷоиш (микроавтобусҳо) ва кам гардидани истифодаи нақлиёти ғунҷоишаш зиёд (троллейбус ва автобусҳо) боиси пастшавии сатҳу сифати хизматрасонӣ ба сокинону меҳмонони пойтахт шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми шаҳрдорӣ назорати партовҳо ба шумор рафта, ҳолати имрӯзаи пойтахт дар ин самт ниҳоят ташвишовар мебошад.

Мувофиқи таҳлилҳо аз ҳаҷми умумии партовҳои истеъмолии кишвар 15 фоиз ва аз партовҳои саноатӣ 20 фоиз ба шаҳри Душанбе рост меояд, ки чунин ҳаҷм зарурати гузаронидани чорабиниҳои аввалиндараҷа ва фавриро талаб менамояд.

Тибқи ҳисоботи оморӣ дар пойтахт миқдори сарчашмаҳо ва ҳаҷми партовҳои ба атмосфера партофташаванда низ сол то сол афзуда истодааст. Бинобар ин, масъалаи сари вақт баровардан ва бо технологияҳои муосири ба меъёрҳои экологӣ мувофиқ безарар гардонидани партовҳо аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаб мебошад.

Дар ин раванд, баланд бардоштани маърифати экологии сокинони пойтахт ҳамчун нишонаи маданияти шаҳрнишинӣ аз ҷумлаи роҳҳои муассири ҳалли масъалаи зикршуда ба шумор меравад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Самти дигаре, ки дар шаҳр ба навсозӣ ва ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад, соҳаи маориф мебошад.

Ҳукумат ба рушди илму маориф ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани низоми таълиму тарбия таваҷҷуҳи аввалиндараҷа медиҳад. Аммо аз рӯйи таҳлилҳо маълум мешавад, ки дар шаҳри Душанбе дар ин ҷода камбудиҳои ҳалталаб ниҳоят зиёд мебошанд.

Бо вуҷуди он ки дар замони истиқлолият дар шаҳри Душанбе 29 бинои таълимӣ ва биноҳои иловагӣ барои 24 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудаанд, ҳоло ҳам дар шаҳр муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ намерасанд ва илова бар ин, сатҳу сифати дониши хонандагон ва одобу ахлоқи онҳо коста гардидааст.

Вазъи фарогирии хонандагон ба мактабҳо нигаронкунанда буда, бо сабаби зиёд будани шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ синфхонаҳо намерасанд ва бо истифода аз ин ҳолат баъзе талабагон ба беҳудагардӣ машғул мешаванд.

Ба замми ин, зиёда аз чоруним ҳазор нафар хонандагони шаҳру ноҳияҳои атроф ва дигар манотиқи кишвар дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе таҳсил мекунанд ва табиист, ки чунин вазъ боиси паст шудани сифати таълиму тарбия дар бештари мактабҳои пойтахт гардидааст.

Бо сабаби зиёд будани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе ва ташкили дарсҳо дар ду ва дар баъзе мактабҳо ҳатто дар се баст назорату идоракунӣ дар ин муассисаҳо хеле заиф гардида, сабаби коҳиш ёфтани сифати таълиму тарбия шудааст.

Ҳамзамон бо ин, сатҳи корҳои тарбиявӣ ва маърифатӣ коҳиш ёфта, омилҳои зикршуда сабабгори зиёд шудани ҳолатҳои коррупсионӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабии шаҳри Душанбе гардидаанд.

Дар шаҳр марказҳои беруназмактабӣ, маҳфилҳои ихтироъкорӣ ва дигар машғулиятҳое, ки баъди дарс хонандагонро ҷалб намоянд, кам буда, ин масъала беҳбудӣ мехоҳад. Дар мактабҳо фаъолияти маҳфилҳои эҷодиву илмӣ ба талабот ҷавобгӯ набуда, омӯзгорон бо корҳои иловагӣ кам машғул мешаванд.

Барои ҳалли ин масъалаҳо Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе назоратро доир ба беҳтар кардани сатҳу сифати таълиму тарбия ҷиддӣ ба роҳ монанд ва дар муддати се сол дар шаҳри Душанбе 25 мактаби нави таҳсилоти умумӣ бунёд намоянд, аз ҷумла имсол аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо сохтмони 9 иншооти таълимиро оғоз карда, онҳоро бо таҷҳизоти муосир таъмин созанд. Илова бар ин, барои коҳиш додани шумораи беҳудагардон ва ҷалби хонандагон ба зинаи сеюми таҳсилот тадбирҳои самаранок андешанд. Аз ин лиҳоз, ба вазоратҳои корҳои дохилӣ, маориф ва илм, инчунин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе супориш дода мешавад, ки воридшавии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва умуман, наврасони то синни 14 - соларо баъд аз соати шаши бегоҳӣ ба интернет – кафеҳо манъ намоянд.

Ҳамзамон бо ин, мақомоти дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки дар хусуси ба Қонун “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ворид намудани ҷавобгарӣ нисбат ба падару модароне, ки фарзандони худро беназорат мегузоранд, чораҷӯӣ намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати мамлакат дар давраи истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи рушди соҳаи тандурустӣ дар шаҳри Душанбе ва беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ таваҷҷӯҳи хосса медиҳад.

Агар соли 1991 дар шаҳр ҳамагӣ 30 беморхона барои 600 ҳазор аҳолӣ хизмат расонида бошад, соли 2016-ум 49 беморхона ва дигар муассисаҳои тиббӣ ба 820 ҳазор нафар аҳолӣ хизмат расонидаанд.

Дар баробари ин, дар шаҳр 58 муассисаи ҷумҳуриявии соҳаи тиб фаъолият карда, 202 муассиса ба фаъолияти хусусии тиббӣ машғуланд, ки ба шаҳрвандони пойтахт хизмат мерасонанд.

Ҳамчунин, 506 дорухона ва 9 корхонаи дорусозӣ дар хизмати аҳолии шаҳр қарор дорад.

Махсусан, сохта ва ба истифода додани Маҷмааи тандурустии “Истиқлол”, ки бо таҷҳизоти муосири ташхису табобат муҷаҳҳаз ва дорои дармонгоҳ барои қабули 800 мизоҷ дар як баст ва беморхона барои 650 ҷойи хоб мебошад, яке аз дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ дар самти ҳифзи саломатии сокинони шаҳри Душанбе мебошад. Вале мутаассифона, фаъолияти маҷмааи мазкур ва дигар муассисаҳои тандурустии пойтахт ба таври зарурӣ ва тибқи талабот ба роҳ монда нашудааст.

Ҳоло ҳам як қатор мушкилоту норасоиҳо, аз ҷумла масъалаи дар сатҳи зарурӣ татбиқ нагардидани хизматрасонии тиббии пулакӣ, вазъи санитариву эпидемиологӣ, паст будани савияи донишу малакаи мутахассисони соҳа, риоя нагардидани одоби муошират табибону

ҳамшираҳои шафқат, мувофиқат накардани нархномаҳои ташхису табобат бо муқаррароти ҷорӣ мавҷуданд, ки ислоҳи саривақтӣ мехоҳанд.

Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи фарҳанг диққати аввалиндараҷа дода, дар аксари шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе бунёди як қатор марказу қасрҳои фарҳангӣ ва китобхонаҳо, инчунин, таъмиру азнавсозии театрҳои шаҳрро пурра ба анҷом расонид. Дар ин давра аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба маблағи 130 миллион сомонӣ 36 иншооти фарҳангӣ, аз ҷумла "Боғи устод Рӯдакӣ", боғҳои Парчам ва Нишони давлатӣ, майдони Дӯстӣ бо муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, "Амфитеатр", "Боғи умумишаҳрии фароғату истироҳат", «Наврӯзгоҳи пойтахт» ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ бунёд гардиданд, ки онҳо дар боло рафтани маданияти шаҳрдорӣ ва рушди маърифати фарҳангии сокинони пойтахт таъсири мусбат расонида истодаанд.

Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат дар шаҳри Душанбе Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Кохи Наврӯзро бунёд намуда, сохтмони Театри миллиро босуръат идома дода истодааст.

Гарчанде доир ба эҳёи анъанаҳои миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳангии сокинони шаҳр то имрӯз корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд, вале ҳоло низ дар ин самт камбудиҳо ба назар мерасанд. Фарҳанги шаҳрдории мо беҳбудиро талаб карда, маданияти шаҳрнишинӣ дар бисёре аз маҳаллаҳои шаҳр, хонаҳои баландошёна риоя намешавад ва муомилаву муошират сокинони шаҳр на ҳамеша мутобиқи суннатҳои мардуми куҳанбунёду бостонии мост.

Марказҳои фарҳангу фароғат талаботи аҳолии шаҳрро пурра қонеъ карда наметавонанд, ба чорабиниҳои фарҳангӣ тамошобин кам ҷалб мешавад ва таъсири ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди фарҳанги шаҳрдорӣ эҳсос намегардад.

Ҳоло дар ҳудуди шаҳри Душанбе 73 масҷид, аз ҷумла 4 масҷиди марказии ҷомеъ, 16 масҷиди ҷомеъ ва 53 масҷиди панҷвақта, як ҷамоатхона, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам ва 30 ташкилоти динии ғайриисломӣ фаъолият дорад. Илова бар ин, дар шаҳр соли оянда Масҷиди бузург ба истифода дода мешавад, ки маблағи сохтмони он қариб 700 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Душанбе бо мақсади амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" як шуъба, 4 бахш оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, 5 комиссияи доимӣ ва 1086 комиссияи ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд. Вале аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар фаъолияти шуъбаву комиссияҳои доимии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он камбудиҳои зиёд ба назар расида, то ба имрӯз аксари комиссияҳои ҷамъиятии ташкилоту муассисаҳо дуруст фаъолият намекунанд ва робитаи шуъбаву бахшҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии

шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он бо раисони маҳаллаҳо тибқи талабот ба роҳ монда нашудааст. Чунин ҳолат сабаби риоя нашудани муқаррароти қонунгузории танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ дар ҳудуди шаҳр гардида, мувофиқи маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ соли 2016 қариб 13 ҳазор ҳолати қонуншиканӣ ба қайд гирифта шудааст.

Ғайр аз ин, мақомоти судӣ 127 парвандаи ҷиноятиро баррасӣ намуда, нисбат ба вайронкунандагони талаботи қонун қарорҳои дахлдор баровардаанд.

Инчунин, бисёр ҳолатҳои аз меъёри муқарраршуда зиёд ҷалб намудани воситаҳои нақлиёт ҳангоми тӯйҳои арӯсӣ ва бо суръати баланд ҳаракат кардани онҳо ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳаракати муназзами дигар воситаҳои нақлиётро халалдор сохта, боиси ташвиши сокинони пойтахт гардидаанд.

Аз оғози фаъолияти Маркази худкори «Шаҳри бехатар» қариб 1 миллиону 200 ҳазор далели вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои пойтахт ошкор ва ба қайд гирифта шудааст. Шумораи қоидавайронкуниҳое, ки ҷаримаашон рӯёнида шудааст, беш аз 48 ҳазор ва маблағи ҷаримаи ситонидашуда қариб 73 миллион сомониро ташкил кардааст.

Ҳамаи ин қонунвайронкуниҳо боиси нигаронӣ буда, Прокуратураи генералӣ, Суди Олӣ, вазоратҳои корҳои дохилӣ, маориф ва илм, фарҳанг, кумитаҳои оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, телевизион ва радиоро зарур аст, ки ҷиҳати бартараф намудани ин камбудиву норасоиҳо нисбат ба вайронкунандагони талаботи қонун тибқи муқаррарот чораҷӯӣ намоянд.

Дар шаҳри Душанбе, инчунин, ташаббускорӣ аз ҷониби кумитаҳои маҳалла кам ба чашм мерасад. Ҳол он ки танзиму назорати зиндагӣ дар биноҳои баландошёна ва маҳаллаҳои алоҳида ба дӯши онҳо вогузор шудааст. Онҳо вазифадоранд, ки ҷиҳати боло бурдани фарҳанги шаҳрдорӣ ва риояи талаботи сокини пойтахт бо аҳолӣ ҳамкорӣ намоянд ва камбудиҳои ҷойдоштаро бо мақомоти маҳаллӣ бартараф созанд.

Бо мақсади дастгирии ин бахши муҳимми идоракунии ҷомеа соли гузашта ҷиҳати таъсиси комиссияҳои босалоҳият барои ҳар як кӯчаву маҳалла аз ҳисоби аъзои Ҳукумат, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, вакилони Маҷлиси Олӣ ва вакилони шаҳриву ноҳиявӣ супориш дода будам. Аммо фаъолияти ин комиссияҳо назаррас набуда, онҳо ба ном вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, ба роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент супориш дода мешавад, ки ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти самараноки комиссияҳои зикршуда чораҷӯӣ карда, аз натиҷааш ҳар се моҳ ба Роҳбари давлат гузориш пешниҳод намояд.

Ҳамаи мо вазифадорем, ки пойтахти кишварамонро ҳамчун маркази сиёсиву маъмурӣ ва илму фарҳанг ободу зебо гардонем, ба мардум

фарҳанги шаҳрдориро тарғиб кунем, камбудиҳои ҷойдоштаро сари вақт ислоҳ намоем ва қалби Тоҷикистон - Душанбеи азизро маҳбуби ҳар як соҳибватан ва соҳибдавлат гардонем.

**Ҳамдиёрони муҳтарам!**

Шумораи расмии аҳолии шаҳри Душанбе моҳи январи соли 2017 ба 810 ҳазор нафар расид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 226 ҳазор нафар ё қариб 39 фоиз зиёд мебошад.

Имрӯз дар шаҳри Душанбе 24 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият дорад, ки дар онҳо 104 ҳазор нафар таҳсил мекунанд. Инчунин, дар шаҳр 24 муассисаи таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ бо фарогирии 22 ҳазор нафар касбомӯзон фаъолият менамояд.

Гарчанде шумораи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбӣ, инчунин, хонандагону донишҷӯёни онҳо бамаротиб зиёд шудааст, вале ташаббускорӣ аз тарафи ҷавонони шаҳр кам ба назар мерасад. Ҳол он ки ин нерӯи тавоно метавонад дар зебо гардидани кӯчаву хиёбонҳо ва ободии пойтахт, инчунин, дар боло рафтани фарҳанги шаҳрдорӣ саҳми басо арзишманд гузорад.

Масъалаи солимии ҷомеа, баргузор намудани чорабиниҳои варзишӣ ва ҷалби аҳолии шаҳр ба варзиш низ беҳбудиро талаб менамояд. Бо вуҷуди он ки дар шаҳр толору майдонҳо ва қасрҳои варзишӣ хеле зиёд шудаанд, вале бо сабаби гарон будани маблағи иҷора дар баъзеи онҳо ягон чорабинӣ баргузор намегардад. Дар шаҳраку маҳаллаҳои ҳудуди шаҳри Душанбе аз соли 2010 то соли 2016 танҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 56 майдончаи муосири варзишӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Умуман, барои машқу тамрин ва солимгардонии наврасону ҷавонон ҳоло дар шаҳри Душанбе 654 иншооти варзишии сатҳи гуногун хизмат мерасонад ва шумораи онҳо сол то сол афзуда истодааст. Бо вуҷуди ин қадар дастгириҳо, ҳоло ҳам ҷалби аҳолии шаҳр ба чорабиниҳои варзишӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва толору майдонҳои варзишӣ самаранок истифода бурда намешаванд.

Аз ин рӯ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳиро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати оммавигардонии варзиш ва ташвиқи тарзи ҳаёти солим тадбирҳои иловагӣ андешида, бо ҷалби ҳамаи сарчашмаҳо, махсусан, соҳибкорону тоҷирони бонангу номус бунёди мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ, толорҳо ва майдону марказҳои варзишӣ, инфрасохтори туристӣ ва фарҳангиву фароғатиро вусъати бештар бахшанд.

**Муҳтарам намояндагони сокинони шаҳри Душанбе!**

Таҳлили вазъи риояи қонунгузорӣ дар шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки дар ин самт низ то ҳол камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доранд.

Ҷинояткорӣ дар ҳудуди шаҳр нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳо бамаротиб зиёд боқӣ мемонад ва чунин вазъ боиси ташвишу нигаронӣ мебошад.

Соли 2016 дар ҳудуди шаҳри Душанбе қариб 4800 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки дар муқоиса бо солҳои 2007 – 2010 қариб 30 фоиз зиёд мебошад. Дар панҷ соли охир (солҳои 2011 – 2016) низ содиршавии ҷиноятҳои вазнин 30 фоиз зиёд шудааст.

Омори ҷиноятҳои одамкушӣ, роҳзанӣ, қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ нигаронкунанда боқӣ мемонад. Яке аз равандҳои ташвишовар содир гардидани ҷиноят аз ҷониби баъзе наврасону ҷавонон мебошад, ки диққати махсуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, падару модарон ва аҳли ҷомеаро талаб мекунад. Боиси таассуф аст, ки содиршавии ин намуди ҷиноятҳо сол ба сол зиёд гардида, чораҳои андешидаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои пешгирӣ намудани онҳо самаранок нестанд.

Ҷинояти дуздӣ қариб 29 фоизи шумораи умумии ҷиноятҳои дар 10 соли охир ба қайд гирифташударо ташкил медиҳад.

Масъалаи дигаре, ки оромии ҷомеаро халалдор намуда, боиси нороҳатии мардум гаштааст, авбошӣ мебошад. Агарчи соли 2016 ин намуди ҷиноят дар муқоиса бо се соли пешин камтар шудааст, вале ин ҳолат набояд боиси хотирҷамъии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳр гардад.

Дар 10 соли охир дар шаҳри Душанбе қариб 3 ҳазор ҷинояти авбошӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз чор се ҳиссаи онро ҷавонону ноболиғон содир намудаанд. Тибқи таҳлилҳо ҷинояткорӣ дар шаҳр бо шаклу усулҳои гуногун сурат гирифта, дар содир намудани онҳо ҳатто баъзе мактаббачаҳо низ даст мезананд.

Ҳодисаҳои мунокиша дар мактабҳо, байни мактабҳо ва маҳаллаҳо низ далели зиёд гаштани ин намуди ҷинояткорӣ дар шаҳри Душанбе мебошад. Мунокишаҳо байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва наврасону ҷавонон дар бисёр мавридҳо бо задухӯрдҳои гурӯҳӣ, дағалона вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳатто ҳалокати одамон анҷом меёбанд.

Ҳодисаи дар оғози соли нави 2017 рӯйдода нишон дод, ки то ба ҳол тадбирҳои дар ин самт андешидашуда қонеъкунанда нестанд.

Аз шумораи умумии ноболиғоне, ки вақтҳои охир ҷиноят содир намудаанд, 69 нафар сокинони шаҳри Душанбе ва 52 нафар аз манотиқи дигари кишвар мебошанд. 28 нафари ин ноболиғон хонандагони муассисаҳои таълимӣ буда, 98 нафари дигар дар ҳеҷ куҷо таҳсил намекунанд.

Анъанаи дигаре ки дар мактабҳои шаҳр мушоҳида мегардад, ба ном “саркарда”-ҳое мебошанд, ки ба ҷойи хондан ба авбошӣ, зӯроварӣ ва шиканҷа додани хонандагони мактабҳои дигар машғуланд.

Вазорати маориф ва илм, раёсати маорифи шаҳр ва шӯъбаҳои маорифи ноҳияҳо, инчунин, раёсату бахшҳои кор бо ноболиғони мақомоти

корҳои дохилӣ ва комиссияҳои кор бо ноболиғон дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои он ба ин камбудиҳо эътибор надода, назорати мактабҳоро фаромӯш кардаанд ва ташаббускор нестанд.

Омили дигаре, ки боиси ташвиш мебошад, беҳуда гузаронидани вақт дар марказҳои компютерӣ аст. Наврасону ҷавонон ба ҷойи гирифтани маълумоти зарурӣ, дар ин марказҳо бештар ба тамошои филмҳои дорои мазмуни зӯроварӣ машғул шуда, ин нуқтаҳо аз назорати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, падару модарон ва масъулони соҳаи маориф дур мондаанд.

Санҷишҳои гузаронидаи мақомоти прокуратура дар марказҳои дилхушӣ, интернет-кафеҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳанд, ки дар 5 соли охир қариб 14 000 нафар ноболиғон бо беҳудагардӣ ва дигар корҳои бефоида машғуланд. Доир ба ин ҳолатҳо, аз ҷумла нисбат ба волидайни ноболиғон барои монеъ шудан ба гирифтани таҳсили ибтидоӣ парвандаҳои маъмуриву ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд.

Фаромӯш набояд кард, ки дар пешгирии ин ҷиноятҳо ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо муассисаҳои таълимӣ ва шӯрои падару модарон ниҳоят муҳим мебошад.

Мувофиқи таҳлилҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия содиршавии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта низ дар миқёси шаҳри Душанбе зиёд буда, вазъи мубориза бо коррупсия нигаронкунанда боқӣ мемонад. Аз ҷумла, дар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидории давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он аз ҷониби Агентӣ дар зарфи даҳ сол 800 тафтишу санҷишҳои молиявӣ гузаронида, ба маблағи умумии 159 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шудааст.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, истифодаи ғайриқонунии маблағҳо, асосан дар самти иҷрои корҳои сохтмон ошкор гардидаанд.

Мисоли равшан тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагии Раёсати сохтмони асосии шаҳр мебошад. Дар давраи тафтиш аз тарафи 17 пудратчӣ дар 18 иншоот ба маблағи 677 миллион сомонӣ корҳои сохтмон анҷом дода шуда, санҷиш зарари молиявиро ба маблағи 55 миллион сомонӣ ошкор намуд.

Дар рафти тафтишу санҷишҳои молиявӣ ҳамагӣ 80,6 миллион сомонӣ ба давлат барқарор карда шудааст, ки 50,7 фоизи зарари ошкоргардидаро ташкил медиҳад.

Тафтиши ташаккул ва иҷрои буҷети шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он нишон дод, ки дар ин самт камбудиву норасоиҳои ҷиддӣ, аз ҷумла хароҷоти ғайриқонунӣ, камомад ва тасарруфи воситаҳои пуливу молӣ, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмон ва рӯйпӯшкунии андозу пардохтҳои ҳатмӣ ҷой доранд.

Чунончи, дар раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири асосиву ҷории роҳҳову купрукҳои ҳудуди шаҳри Душанбе барои анҷом додани кору хизматрасониҳо дар 52 иншоот 381 миллион сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Вале тафтиши ҳаҷми корҳои иҷронамудаи 16 пудратчӣ дар 17 иншоот, ки дар маҷмӯъ маблағи 207 миллион сомониро ташкил медиҳад, барзиёд нишон додани арзиши корҳоро аз ҳисоби нодуруст истифода бурдани меъёрҳои сохтмон ба маблағи қариб 2 миллион сомонӣ муайян кард.

Дар 39 ташкилоту муассисаҳои шаҳри Душанбе зарари молиявӣ ба маблағи 14 миллион сомонӣ ошкор гардид, ки он асосан аз ҳисоби изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмон 10,5 миллион сомонӣ ва маблағи кам ҳисобгардидаи андозҳо беш аз 3 миллион сомонӣ ба амал омадааст.

Тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагидории як қатор корхонаву муассисаҳои давлатии шаҳр нишон дод, ки дар ин самт низ камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доранд. Аз ҷумла, санҷиш дар иншооти Маркази тандурустии “Истиқлол” зарари молиявиро аз ҳисоби изофанависии ҳаҷми корҳои сохтмон ва тасарруфи маблағҳои буҷетӣ дар ҳаҷми махсусан калон - 52,6 миллион сомонӣ ошкор намуд. Маблағи зарари молиявии ҳангоми бунёди аввалин бинои баландошёнаи пойтахт “Душанбе Плаза” расонидашуда 40 миллион сомониро ташкил додааст.

Аз ҷониби Агентӣ дар шаҳри Душанбе қариб дуюним ҳазор ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд ошкор карда шудааст, ки маблағи умумии зарари аз ин ҷиноятҳо ошкоргардида 434 миллион сомониро ташкил менамояд.

Дар шаҳри Душанбе вазъи ҷиноятҳои алоқаманд бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар низ ташвишовар мебошад. Дар бораи хатари ин омил ман борҳо таъкид намуда будам.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз соли 2007 то соли 2016 дар кишвар 8373 ҷинояти вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 2963 ҷиноят ё 35,4 фоизи он дар шаҳри Душанбе содир гардидааст.

Мувофиқи маълумоти расмӣ ҳамасола қариб сеяки ҷиноятҳои бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд дар шаҳри Душанбе содир гардида, 38 фоизи нашъаҷаллобон сокинони шаҳри Душанбе мебошанд. Зиёда аз 58 фоизи моддаҳои фалаҷкунандаи асаб, ки дар мамлакат ошкор карда шудааст, низ ба шаҳри Душанбе рост меояд. Шумораи шахсони нашъаманд низ нисбат ба вилоятҳои Хатлону Суғд мутаносибан 4,5 ва 5,4 баробар зиёд аст.

Ҳамаи ин ҳолатҳо водор менамоянд, ки мубориза дар ин самт ба таври қатъӣ тақвият бахшида шавад.

Ман андешаҳои худро дар бораи хатари экстремизму терроризм борҳо изҳор доштаам. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт дар

шаҳри Душанбе ҳанӯз камбудиҳои зиёд ҷой доранд. Солҳои 2012-2017-ум 148 нафар сокинони шаҳри Душанбе ба сафи ташкилотҳои ифротӣ шомил гардидаанд, ки 11 нафари онҳоро донишҷӯён ташкил медиҳанд.

Аз шумораи умумии шахсони зикршуда 16 нафари онҳо соли 2016 ба сафи гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ пайвастаанд. Баъзе маҳалла ва шаҳракҳои шаҳри Душанбе вобаста ба масъалаи мазкур осебпазир маҳсуб меёбанд.

То ҳол 110 нафар сокинони шаҳри Душанбе дар хориҷи мамлакат ғайриқонунӣ ба таҳсили динӣ машғуланд.

Барои баргардонидани онҳо фаъолияти роҳбарони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллаву шаҳракҳо, инчунин, падару модарон бояд пурзӯр карда шавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чунонки аз таҳлилҳо бармеояд, дар шаҳри Душанбе проблема ва мушкилоту масъалаҳои мубрам ва ҳалталаб хеле зиёданд.

Бо мақсади ҳалли масъалаву мушкилоти дар пойтахт ҷойдошта ва дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин бартараф намудани камбудиҳои зикршуда ҳоло мехоҳам таваҷҷӯҳи шуморо ба дастуру супоришҳои зерин ҷалб намоям:

1. Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва роҳбарияти шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он вазифадор карда мешаванд, ки бо мақсади беҳтар намудани шароити иқтисодиву иҷтимоии аҳолии пойтахт, ташкили фаъолияти босамари сохторҳои давлативу бахши хусусӣ, бунёди иншооти мухталиф, беҳтар намудани фаъолияти сармоягузорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии пойтахтро барои давраи то соли 2025 таҳия ва пешниҳод намоянд.

2. Дар сатҳи Конститутсияи кишвар ба шаҳри Душанбе мақоми пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуда, вазъи ҳуқуқии он бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи статуси пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян гардидааст.

Бояд гуфт, ки қонуни зикршуда ҳанӯз 21 сол қабл, яъне соли 1996 қабул гардида, то ба имрӯз мавриди такмили ҷиддӣ қарор дода нашудааст ва муқаррароти он ба талаботи шаҳрдории имрӯза ҷавобгӯ набуда, ба мукаммалгардонӣ ниёз дорад.

Дар қонун бояд хусусиятҳои хоси идоракунии пойтахти мамлакат бо дарназардошти мувофиқати манфиатҳои сокинони пойтахт бо манфиатҳои умумидавлатӣ, асосҳои ҳуқуқии таъмини фаъолияти ташкилӣ, моддиву техникӣ, молиявӣ ва дигар масъалаҳои пойтахт ба инобат гирифта шаванд. Бинобар ин, бо дарназардошти шароити муосири рушди пойтахти кишвар ва зарурати танзими дахлдори вазъи ҳуқуқии он Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати шаҳри Душанбе

дар муддати се моҳ лоиҳаи қонун «Дар бораи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия ва пешниҳод намоянд.

3. Бо мақсади беҳтар кардани идоракунии маҳаллӣ, вазъи манзилҳои истиқоматӣ, тозаву озода нигоҳ доштани маҳаллаҳои аҳолинишин ва ҳалли саривақтии мушкилоти аҳолии кишвар, хусусан, сокинони пойтахти мамлакат қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» ва «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» қабул гардидаанд. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муқаррароти онҳо то ҳол мавриди татбиқи дуруст қарор нагирифтаанд. Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, инчунин, дигар шаҳру ноҳияҳои кишварро зарур аст, ки доир ба татбиқи қонунҳои зикршуда чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Бо дарназардошти мақоми махсуси пойтахти мамлакат вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо зарур аст, ки ҷиҳати сари вақт бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ҳарчи зудтар чораҷӯӣ карда, рушди мунтазаму устувори тамоми соҳаҳо, аз ҷумла даромади буҷет, такмили низоми андозбандӣ, шаффофият ва баланд бардоштани самаранокии хароҷот, инчунин, нигоҳдории вазъи мутавозини буҷетро таъмин намоянд.

Ҳамчунин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҳангоми гузаронидани озмунҳо талаботу муқарраротро риоя карда, махсусан, раванди иҷрои корҳои сохтмон ва риояи санъати баланди меъмориро таҳти назорат қарор диҳад, сифати сохтмон ва истифодаи дурусти маблағҳои буҷетиро ба таври ҷиддӣ беҳтар гардонад.

Ҳамзамон бо ин, ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия супориш дода мешавад, ки санҷиши хароҷоти маблағҳои аз буҷети мамлакат ҷудошуда, инчунин, маблағҳои аз ҳисоби шаҳри Душанбе барои сохтмони иншоот ҷудошударо таъмин карда, аз натиҷаи он то 1 - уми июли соли 2017 ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намояд.

5. Дар ҷараёни идома бахшидан ба корҳои созандагиву ободкорӣ ва баргузории чорабиниҳои дарпешистода аъзои Ҳукумати мамлакат ва роҳбарони мақомоти давлатӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати тақвияти раванди рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар марҳалаи нав ва татбиқи нақшаву барномаҳои амалкунанда ҳамкориро бо сохторҳои пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе тақвият дода, барои боз ҳам замонавӣ гардонидани симои шаҳр ва маданияти шаҳрдорӣ чораҳои судманд андешанд.

6. Ҷиҳати ба танзим даровардани масъалаи идоракунии хонаҳои баландошёна тавассути кумитаи маҳаллаҳо ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе супориш дода мешавад, ки фаъолияти кумитаҳои маҳалларо дар ноҳияҳои пойтахт дар доираи санадҳои танзимкунанда ба роҳ монад.

7. Вазорати молия, Бонки миллии Тоҷикистон, Бонки давлатии амонатгузории “Амонатбонк”, бонкҳои тиҷоратӣ ва Хадамоти алоқаро зарур аст, ки дар сохторҳои худ дар қаламрави мамлакат ва пеш аз ҳама дар шаҳри Душанбе шумораи ҳарчи бештари духтарону бонувонро бо ҷойи кор таъмин намоянд.

8. Роҳбарияти шаҳри Душанберо зарур аст, ки бо мақсади беҳтар ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо вазорату идораҳои дахлдори мамлакат ҳамкории муфиди тарафайнро қавитар гардонида, барои ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ ба хотири рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ чораҳои зарурӣ андешад.

9. Маркази татбиқи лоиҳаи “Обтаъминкунии шаҳри Душанбе” якҷо бо Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе» дар самтҳои ҳалли пурраи бо оби тоза таъмин намудани аҳолии шаҳр, барқарорсозии иншооту дастгоҳҳои санитариву обтозакунӣ ва ислоҳоти низоми молиявию хоҷагидории корхона чораҳои судмандро амалӣ намояд ва ба фаъолияти корхонаи «Обу корези шаҳри Душанбе» диққати ҷиддӣ дода, дар он ҳарчи зудтар тартиботу низом ҷорӣ карда шавад.

10. Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Кумитаи меъморӣ ва сохтмон зарур аст, ки дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳои дахлдор бунёди иншооти навро дар доираи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе бо дарназардошти риояи талаботи санъати меъмории шаҳрсозӣ ба роҳ монда, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои зикргардида ва ҷалби ҳарчи бештари сармоягузорони ватаниву хориҷӣ аз тамоми имкониятҳо истифода намоянд.

11. Кумитаи меъморӣ ва сохтмонро зарур аст, ки дар ҳудуди шаҳр дар тамоми иншооти бунёдшаванда сифати корҳои сохтмонро ҳаматарафа омӯхта барояд.

Роҳбарияти шаҳри Душанбе якҷо бо институтҳои лоиҳакашӣ ва Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент ва Кумитаи меъморӣ ва сохтмон бо дарназардошти хусусиятҳои шаҳр, санъати баланди меъморӣ ва ташкили инфрасохтори иҷтимоӣ, ташкили шаҳракҳои алоҳида дар ҳудуди шаҳр ва дигар меъёрҳои муосири шаҳрсозӣ нақшаи генералии шаҳрро таҳлил карда, доир ба иҷрои корҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

Ҳамчунин, масъулини шаҳрдорӣ якҷо бо Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ҳангоми сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ бунёди инфрасохтори зарурӣ, ба монанди майдончаи бозии кӯдакон, боғчаи бачагона, мактаб, дармонгоҳ, таваққуфгоҳ ва шабакаи обу корезро ба нақша гиранд.

12. Ба ҳалли масъалаҳои кам кардани талафоти нерӯи барқ ва самаранок истифода бурдани он, пардохти саривақтии маблағи барқи истифодашуда, дар асоси ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ беҳтар

намудани хизматрасонии нақлиётӣ ва коммуналиву манзилӣ таваҷҷуҳи махсус дода шавад.

13. Вобаста ба баланд бардоштани маданияти шаҳрнишинии сокинони пойтахт, нигоҳдории муҳити зист ва таъмини зебоиву тозагии хонаҳои баландошёнаи истиқоматӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шаванд.

Инчунин, Вазорати нақлиёт, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати кабудизоркунии атрофи роҳҳои мошингард ва тозаву озода нигоҳ доштани ҳудуди онҳо аз тамоми имкониятҳо истифода намоянд.

14. Роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ вазифадоранд, ки таъмиру тармим ва ҳолати хуби истифодабариву зебоии иншооту биноҳои иловагии маъмурии таҳти идоракунии худро, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ҷойгиранд, дар муҳлати як сол таъмин созанд ва барои кабудизоркунӣ, тозаву озода нигоҳ доштани гирду атроф ва дигар корҳои ободонӣ дар пойтахт саҳми арзишманду ватандӯстона гузоранд.

15. Ҳукумати мамлакат ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор пайвастшавии пурраи иншооти маъмурӣ, таълимӣ, хобгоҳҳо, муассисаҳои иҷтимоӣ ва биноҳои баландошёнаи истиқоматии шаҳрро ба шабакаи гармидиҳӣ то 1-уми октябри соли ҷорӣ таъмин кунанд.

16. Вазорати энергетика ва захираҳои об, Ширкати “Барқи Тоҷик” ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ доир ба таҷдиди низоми таъминоти барқи шаҳри Душанбе лоиҳаи сармоягузориро таҳия карда, азнавсозии хатҳои муҳандисӣ, аз ҷумла обу корез, гармидиҳӣ, хатҳои барқ ва сохтмони зеристгоҳҳои барқиро таҳти назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Инчунин, сохтмони зеристгоҳи нави 220 - киловолтаи Муассисаи барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе, таъмиру азнавсозии бунгоҳ, пойгоҳҳои гармирасонӣ ва каналҳое, ки дар тавозуни сохторҳои ҷумҳуриявӣ қарор доранд, ҳарчи зудтар амалӣ карда шавад.

17. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе масъалаи дар муҳлатҳои муқарраршуда ва бо сатҳу сифати байналмилалӣ анҷом додани корҳои таъмиру таҷдиди роҳҳои дохилишаҳриро зери назорати қатъӣ қарор дода, корҳои роҳсозиро дар ду баст ба роҳ монад.

18. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо зарур аст, ки бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии нақлиётӣ, дарёфти роҳҳои танзим ва ба тартиб даровардани фаъолияти нақлиёти мусофиркашонӣ ва бартараф намудани тамбашавии зиёди воситаҳои нақлиёт ҳамаи чораҳои зарурири амалӣ намояд.

Барои ҳалли масъалаи ба танзим даровардани фаъолияти мусофиркашонӣ дар шаҳри Душанбе зарур аст, ки дар заминаи ҳамкории

давлат бо бахши хусусӣ ва муносибатҳои бозорӣ нақши хизматрасонии хусусиро тақвият бахшида, риояи талаботи меъёриро нисбат ба сифати хизматрасонӣ таъмин созад.

19. Ҷиҳати ба меъёрҳои шаҳрдорӣ мутобиқ намудани инфрасохтори соҳаи иҷтимоии пойтахт ба ободонии ду канори роҳҳои дохилии шаҳраку маҳаллаҳо, сохтмони пулҳо ва гузаргоҳҳои зеризаминӣ дар ҷойҳои серодам, ободу зебо гардонидани майдончаҳои варзишии кӯдакона ва ҷойҳои истироҳатӣ барои калонсолон суръат бахшида шавад.

20. Ба Кумитаи ҷавонон варзиш ва сайёҳӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати мусоидат ба густариши тарзи ҳаёти солим ва мақсаднок ба роҳ мондани фаъолияти муассисаву марказҳои варзишӣ, инчунин, танзими нархи хизматрасонӣ барои наврасону ҷавонон чораҷӯӣ намояд.

21. Ҳукумати мамлакат ҷиҳати харидорӣ намудани техникаву таҷҳизоти ҳозиразамон барои сохторҳои коммуналии ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва ҷудо кардани воҳидҳои кории иловагии муовинони раиси шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он оид ба корҳои ободонӣ ва кабудизоркунӣ тадбирҳои иловагӣ андешад.

22. Дар даромадгоҳҳои шаҳри Душанбе дар заминаи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ таваққуфгоҳҳои кушодаи автомобилӣ барои мусофиркашонӣ ба самтҳои гуногуни шаҳру ноҳияҳои мамлакат сохта, ба истифода дода шаванд.

23. Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии пойтахтро зарур аст, ки тадбирҳоро дар самти беҳбуди фазои сармоягузорӣ, дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла оид ба дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок роҳандозӣ намоянд.

24. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои пойтахт вазифадоранд, ки фаъолияти бозорҳои мансуб ба моликияти давлатӣ, бозорҳои хусусӣ, марказҳои савдои замонавиро дар самти таъмини аҳолии шаҳр бо маҳсулоти хушсифати истеъмолӣ, молҳои саноативу сохтмон ва қисмҳои эҳтиётӣ, инчунин тартибу низом, нарху наво, риояи шакли ягонаи либос, одоби муоширати фурӯшандаҳо, қоидаҳои санитариву гигиенӣ ва зиддисӯхториро ба тартибу танзим дароранд ва масъалаҳои зикршударо қатъӣ назорат намоянд.

25. Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки ҳолати хизматрасонӣ дар ошхона ва нуқтаҳои хӯроки умумии омодакунандаи таомҳои миллиро ба тартиб дароварда, ба масъалаи риояи меъёрҳои тозагиву санитарӣ, сифати маҳсулоти хӯрока ва санъати баланди хӯрокпазӣ ва хизматрасонӣ диққати аввалиндараҷа диҳанд.

26. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва мақомоти дахлдори дигарро зарур аст, ки дар Нақшаи генералии шаҳр

барои ташкили марказҳои савдои ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ тағйироти зарурӣ ворид намуда, барои ба танзим даровардани бозорҳои навбунёд ва риояи меъёрҳои зарурӣ ҳангоми ташкили онҳо чораҷӯӣ намоянд.

27. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, вазорату идораҳо ва ҳамаи корхонаву муассисаҳоро зарур аст, ки ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои аввалиндараҷа оид ба тоза намудан ва ба партовгоҳи умумишаҳрӣ баровардани партовҳои истеъмолию истеҳсолӣ, безараргардонӣ, дуруст ба роҳ мондани низоми ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии он тадбирҳои иловагӣ андешанд.

28. Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати ташкили бозомӯзии ҷавонону калонсолон, таъмири биноҳои таълимӣ ва бо таҷҳизоти муосир таъмин намудани синфхонаҳои фаннӣ чораҳои мушаххас андешанд.

29. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, Вазорати фарҳанг, Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ ва Кумитаи телевизион ва радио ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии сокинони шаҳр, дар самти баргузории чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ ва баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, ҷаҳонбиниву худшиносӣ ва риояи анъанаҳои миллӣ корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ ва тарбиявиро ҷоннок намоянд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо зарур аст, ки дар асоси талаботи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Низомномаи нави комиссияҳои доимиро таҳия ва тасдиқ карда, назоратро дар ин самт пурзӯр намояд.

Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ ва дигар сохтору мақомоти дахлдор барои бартараф кардани камбудиҳо дар ин самт бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҳамкории зичро ба роҳ монанд.

30. Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани интизоми молиявӣ ба Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе супориш дода мешавад, ки назоратро дар муассисаву корхонаҳо ва ташкилотҳои ҳудуди пойтахт ҷиҳати дар сатҳи меъёрҳои муосир ба роҳ мондани фаъолияти ҳисобдории молиявӣ, шаффофияти баргузории озмунҳо барои сохтмони иншоот ва даромаду хароҷоти буҷет, пешгирии тасарруфи маблағҳои буҷетӣ ва ғайримақсаднок истифода намудани онҳо, махсусан, дар иншооти калони сохташаванда боз ҳам пурзӯр намоянд.

31. Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия мубориза бо ҷинояткорӣ, бахусус ҳолатҳои хусусияти коррупсионидошта, ҷиноятҳои бо экстремизм ва терроризм алоқаманд, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҳолатҳоро дар шаҳри Душанбе тақвият бахшида, аз натиҷаи корҳо ба Ҳукумати мамлакат мунтазам маълумот пешниҳод намоянд.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Миллати соҳибфарҳанги тоҷик бо ойинҳои деринаи шаҳрсозиву шаҳрдорӣ ва бунёди марказҳои бузурги илмиву фарҳангӣ шуҳрати оламгир ёфтааст.

Имрӯз шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва маркази илму фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷик боиси ифтихори хурду бузурги мамлакат мебошад ва бурду бохти он на танҳо ба сокинони пойтахт, балки ба кулли мардуми кишвар тааллуқ дорад.

Маҳз барои ҳамин ман доим таъкид менамоям, ки пойтахт симо ва ойинаи давлату миллат буда, рафъи камбудиву мушкилоти мавҷуда ва ба ҷаҳониён ба таври арзанда муаррифӣ кардани он вазифаи на фақат мақомоти шаҳрдорӣ, балки тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, ҳамаи хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад.

Бинобар ин, роҳбарону кормандони ҳамаи мақомоту сохторҳои давлативу ғайриҳукуматӣ, донишҷӯён ва ҳар як сокини шаҳри Душанбе дар хотир дошта бошанд, ки пойтахти мамлакат ҳамчун маркази бузурги маънавиёт, илму маърифат ва хизматрасонӣ бояд дорои шароити хуби инфрасохторӣ, биноҳои маъмуриву истиқоматии бо санъати баланди меъморӣ бунёдгардида, макони ободониву сабзкорӣ, тозагиву зебоӣ ва одоби баланди муошират бошад.

Иҷрои ин вазифаҳо ва риояи маданияти шаҳрдорӣ, пеш аз ҳама, аз ҳар яки мо донишу маърифати баланди инсониро талаб мекунад.

Дар баробари ин, дар хотир бояд дошт, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷузъи таркибии низоми идоракунии маъмуриву давлатии мамлакат ба шумор рафта, бояд фаъолияти худро дар доираи татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ ба роҳ монад.

Дар ин замина, роҳбарону мутахассисони шаҳр, вакилону хизматчиёни давлатии воҳидҳои сохтории дастгоҳи шаҳр ва ноҳияҳои он вазифадоранд, ки бо риояи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва бо дасту дилу нияти пок манфиатҳои давлату миллатро аз ҳама боло гузошта, вазифаҳои имрӯз баёншударо дар сатҳи баланди касбӣ иҷро намоянд.

Мо ба хотири боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба кадрҳои ҷавону умедбахш барои таъин ба мансабҳои давлатӣ ризоият додем.

Имсол мо баргузории якчанд чорабиниҳои муҳимро ба нақша гирифтаем, ки аксари онҳо дар пойтахти кишвар баргузор карда мешаванд. Аз ҷумла, зарур аст, ки барои дар сатҳи баланди ташкиливу омодагӣ ва сазовор истиқбол гирифтани яке аз ҷашнҳои муқаддасу бостонии миллиамон - ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла дар пойтахти мамлакат чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Дар робита ба ин, ман ба кулли мардуми шарифи кишвар ва сокинони соҳибмаърифати пойтахт муроҷиат менамоям, ки ҳар рӯзро барои тозаву озода кардани манзилу кошонаи худ, кӯчаву маҳаллаҳои зист, ободу зебо ва озода гардонидани кишвари маҳбубамон ва шаҳри азизамон, боз ҳам беҳтар намудани шароити зиндагии мардум ва тарбияи фарзандонамон самаранок истифода барем.

Итминони комил дорам, ки сокинони пойтахт дар ин амри хайр пешсаф ва намунаи ибрат хоҳанд буд.

Дар фарҷом бори дигар бо итминон изҳор медорам, ки мову шумо дар давраҳои барои кишварамон вазнин аз уҳдаи бартараф намудани бисёр мушкилоту норасоиҳо баромадем. Ҳоло низ кӯшиш мекунем, ки шаҳри Душанбе ҳамчун маркази давлати соҳибистиқлоли тоҷикон рисолати хешро дар бобати рушди самтҳои мухталифи ҳаёти мамлакат муваффақона иҷро намояд.

Агар мо давлати соҳибистиқлол ва озоди худро дӯст дорем, дар навбати аввал бояд пойтахти онро ободу пешрафта гардонем, барои рушди он аз тамоми имконияту захираҳои мавҷуда истифода барем ва исбот намоем, ки воқеан миллати тамаддунсозу фарҳангӣ, ободгару шаҳрсоз ва шаҳрнишину шаҳрдор ҳастем.

Бовар дорам, ки мардуми сарбаланду ватандӯсти шаҳри Душанбе, алалхусус, хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиё ва ҳар як фарди бонангу номуси халқи азизамон анъанаҳои неки бунёдкориву созандагии Ватани муқаддасамонро идома бахшида, бо сарҷамъиву муттаҳидӣ барои пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ободонии пойтахти он саҳми босазои хешро дареғ намедоранд ва ба дастовардҳои боз ҳам бештари иҷтимоиву иқтисодӣ сазовор мегарданд.

Барои амалӣ гаштани ҳадафу ормонҳои нек ба сокинони ватандӯсту заҳматқарин ва соҳибмаърифату соҳибфарҳанги пойтахти кишварамон барору муваффақият орзу менамоям.

Ба хонадони ҳар яки шумо, ҳамватанони азиз, сулҳу оромӣ, хушбахтиву хушрӯзӣ ва файзу баракат мехоҳам.

**Саломату сарбаланд бошед!**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ РӮЗИ МОДАР, 07.03.2017

**Модарон ва хоҳарони гиромӣ!**
**Ҳозирини арҷманд!**

Модар офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо, сарчашмаи меҳру муҳаббат ва нерӯбахши руҳу ҷон мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, мардуми тоҷик ва умуман, аҳли башар ба ин тимсоли беҳамтову ҷовидона арҷ мегузоранд, бузургии ӯро ситоиш менамоянд ва дар наздаш ҳамеша сари таъзим фуруд меоранд.

Мо низ бо ҳамин сабаб ҷашни фархундаи Рӯзи модарро бо фарорасии баҳор ва Соли нави аҷдодӣ мутобиқ карда, ин ду рамзи некиву саодатро пайи ҳам таҷлил менамоем. Зеро меҳру муҳаббат ва файзу сафои модарон бо айёми эҳё шудани табиат таҷассумгари идомаи ҳаёт ва фардои нек мебошад.

Ба ифтихори ин ҷашни бисёр муборaку фараҳбахш, яъне Рӯзи модар тамоми модарону бонувони мамлакат, фарзандони некбахти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳамаи шумо, ҳозирини арҷмандро аз самими қалб табрик гуфта, бароятон хушбахтиву иқболи нек, толеи баланд ва рӯзгори ободу осударо орзу менамоям.

Дар сатҳи давлатӣ ва бо тантанаву шукӯҳи хосса ҷашн гирифтани Рӯзи модар нишонаи эътибору эҳтироми зиёди давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба модарону занон мебошад, зеро нақши занону модарон дар ободии хонадон, тарбия кардану ба воя расонидани фарзандон, ба онҳо омӯзонидани забони модарӣ, одобу маънавиёт, парвариши эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳӣ, ҳисси миллӣ ва ифтихори ватандорӣ беназир аст. Бонувони мо дар корҳои давлатдорӣ низ фаъол буда, барои пешрафти ҷомеа ва давлат баробари мардон талош менамоянд.

Ҳар кадоми шумо, модарону хоҳарони гиромӣ, тараннумгари зебоӣ, нигаҳдорандаи меҳру муҳаббат ва идомабахши анъанаҳои неки гузаштагонамон буда, дар замири фарзандон меҳри Ватан, падару модар, эҳтироми калонсолон ва арҷ гузоштан ба инсониятро ҷой медиҳед ва онҳоро чун боғбони насли одамӣ парвариш менамоед.

Шоир низ бо дарназардошти ҳамин фазилатҳои модарон гуфтааст:

Файзи ҳастӣ аз вуҷуди меҳрубони модар аст,
Асли мо, ному нишони мо забони модар аст.

Суруди аввалине, ки ба гӯши фарзанд расида, ӯро хоби роҳат мебахшад, аллаи рӯҳнавози модар аст. Меҳри модари мушфиқу ғамхор

барои ҳар як фарзанд аз оғӯши гаҳвора ва айёми тифлӣ оғоз ёфта, ӯро то лаҳзаҳои вопасини умр раҳнамоӣ мекунад ва мадору қувват медиҳад. Яъне бӯйи биҳиштии модар ва лаззати шири поку сафедаш аз машоми фарзанд ҳаргиз зудуда намегардад.

Беҳуда нест, ки гузаштагони хирадманди мо ҳанӯз чанд ҳазор сол қабл ҷашни модарро бо номи «Сипандормуз» таҷлил мекарданд ва ҳар субҳ рӯзи худро бо ниёиши неку хайрхоҳонаи «Дуруд ба зан, дуруд ба мард, дуруд ба зиндагӣ» шурӯъ менамуданд. Аз ин бармеояд, ки Рӯзи модар муборактарин рӯз аст ва хизмати фарзанд дар қиёси ранҷу заҳматҳои модар фақат қатрае аз баҳрро мемонад.

Зан-модар муҷассамаи гӯёи зиндагӣ ва ширинтарин лафз дар забони одамӣ мебошад.

Дар ақсои олам низ сатҳи фарҳанги ҳар қавму миллатро вобаста ба муносибати он ба занону модарон муайян менамоянд. Имрӯз бо қаноатмандӣ метавонем изҳор намоем, ки занону модарони мо дар ҷомеа мақому мавқеи сазовор доранд ва арзишҳои оиладорӣ, инсонӣ ва миллиро дар миёни фарзандони худ ва ҷамъият бо масъулияти баланд тарғиб менамоянд.

Дар урфият мегӯянд, ки зани соҳибмаърифату боиффат гавҳар ва зани ҳунарманду кадбонуи сариштакор хазина аст. Ба ин маънӣ, занону модарони мо хазинаи бебаҳое мебошанд, ки тамоми қувваи худро барои тарбияи фарзандони соҳибмаърифату ватандӯст, дорои ахлоқи ҳамида ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо сарф месозанд.

Модари тоҷик ҳазорон нафар фарзандони бонангу номус, ҷасуру ватандӯст, абармардони хирадманду фарзона, сиёсатмадорони номдору фидокор ва номбардори миллатро ба дунё оварда, дар оғӯши пурмеҳри худ ба камол расонидааст ва онҳоро дар роҳи хизмат ба халқу Ватан раҳнамоӣ кардааст. Аз ин хотир, дӯст доштан, эҳтиром кардан, ба қадри ранҷу заҳмат ва меҳру муҳаббати модар расидан қарзи инсонии ҳар як фарзанди бедордил ва бонангу номус мебошад. Агар ободиву суботи ҷомеаро осоишу оромии ҳар як оила таъмин намояд, дар навбати худ, ободии ҳар як хонадон аз руҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифат ва тандурустии зан – модар сарчашма мегирад.

Таҷрибаи ҳаёт ва таърихи башарият собит месозад, ки дар ҳар кишваре, ки ба модарону бонувон арҷи бештар мегузорад, аҳолии он осудаву пешрафта мебошад. Дарвоқеъ, ба шарофати модар ҳаёт дар рӯйи Замин бардавому пойдор ва маҳз ӯ олитарин муқаддасоти башарӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои ҳар яки мо симои аз ҳама маҳбубу меҳрубон ва нотакрору ҷовидона модар аст.

Модар бароямон на танҳо азизтарин шахс, балки гаронбаҳотарин сарвати миллату давлатамон ба шумор меравад. Дили тавонои модар муҳаббатро мепарварад, рӯҳафтодаву дилшикастагонро умед мебахшад, ба ҳар қадоми мо боли парвоз ва нерӯи зиндагӣ ато мекунад.

Бинобар ин, мо вазифадорем, ки қадру манзалати занону модаронро ба таври шоиста ба ҷо орем ва дар хотир доштa бошем, ки сарчашмаи бузургии кулли бузургони ҷаҳон модар аст.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи дастгирии занону духтарон аҳаммияти аввалиндараҷа дода, ин иқдомро ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат табдил додааст.

Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ бо дарназардошти хизматҳои арзандаи занону духтарон дар таъмин ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ду пешниҳод намудам, ки ҳадаф аз онҳо низ ҳимояи мақоми ин табақаи фаъоли иҷтимоии мамлакат мебошад. Аввалан, таъкид гардид, ки Ҳукумати кишвар ва ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ҷиҳати муқаррар намудани квота ва имтиёзҳо дар зинаҳои гуногун барои занону духтарон чораҷӯӣ намоянд. Ин иқдом имкон медиҳад, ки аз сатҳи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот то зинаҳои болоӣ духтарону бонувони бомаърифат, фаъолу ташкилотчӣ ва пешқадаму ташаббускор ба кор ҷалб карда шаванд ва ба халқу Ватан хизмат намоянд.

Дуюм, бо мақсади ҷалб кардани занону духтарон ба кор дар муассисаҳои низоми бонкӣ, хадамоти алоқа, шуғл ва дигар бахшҳои хизматрасонӣ ба мақомоти марказӣ ва маҳаллии давлатӣ дастур дода шуд, ки минбаъд ба кор ҷавондухтарону бонувони болаёқату соҳибкасбро даъват намоянд, то дар ин сохторҳо низому тартиботи кор боз ҳам тақвият ёбад.

Ҳар ду пешниҳод ба хотири он аст, ки мо дар оянда аз нерӯи созандаи бонувону духтарон боз ҳам бештар истифода бурда, ба амалӣ гардидани ташаббусҳои онҳо мусоидат намоем. Зеро дар мавриди сиёсати гендерӣ Ҳукумат ҳамеша ҷонибдори ибтикороти занону духтарон аст ва онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Ҳоло дар кишвари мо имконият фароҳам оварда шудааст, ки занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа баробари мардон ширкати бевосита ва фаъол дошта бошанд. Дар ин самт як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ шуда истодаанд, ки аз манфиатҳои духтарону бонувон ҳимоя менамоянд ва барои амалӣ шудани ташаббусҳои шоистаи онҳо заминаи воқеӣ фароҳам меоранд.

Ҳоло аз ҷониби Ҳукумати мамлакат боз як барномаи нав доир ба дастгирии занон омода гардидааст, ки рӯзҳои наздик қабул мешавад.

Нақши занони бофарҳангу соҳибмаърифат дар ташвиқу тарғиби пойдории оила ва ҷомеаи солим, инчунин, иштироки онҳо дар таҳия ва амалӣ сохтани барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ низ назаррас мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар низоми хизмати давлатӣ аввали соли 2017 аз шумораи умумии беш аз 19 ҳазор нафар хизматчиёни давлатӣ қариб 4200 нафар ё 22 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Ҳоло 70 фоизи кормандони соҳаи маориф ва 60 фоизи кормандони соҳаи тандурустиро низ занон ташкил медиҳанд.

Сол то сол афзоиш ёфтани шумораи занон дар мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар низ натиҷаи кӯшишҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат доир ба баланд бардоштани мақоми занон мебошад.

Тибқи таҳлилҳо айни замон шумораи занон дар мақомоти судии кишвар – 235 нафар, Прокуратураи генералӣ – 46, Вазорати корҳои дохилӣ қариб – 1500, Вазорати мудофиа – 400, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия – 24, Агентии назорати маводи нашъаовар – 36, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода – 178 нафар, Хадамоти гумрук – 107 ва Гвардияи миллӣ қариб – 300 нафарро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумот аз 235 нафар занони дар мақомоти судӣ фаъолиятдошта 122 нафарашон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар фаъолият доранд. Дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 2755 нафар занон адои хизмат менамоянд, ки аксари онҳо мансабҳои роҳбарикунандаро ишғол мекунанд. Дар маҷмӯъ, дар мақомоти судӣ 90 нафар ва дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 745 нафар занон дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият менамоянд.

Шумораи соҳибкорон аз ҳисоби занон беш аз 138 ҳазор нафар буда, сарварии 20 ҳазору 500 хоҷагии деҳқониро занон ба уҳда доранд.

Бо мақсади мусоидат ба рушди фаъолияти соҳибкории занон Қарори Ҳукумати мамлакат "Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020" қабул шудааст.

Дар ин асос тайи се сол тавассути сохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ қариб ба 6000 нафар занон дар ҳаҷми 18 миллион сомонӣ ёрии молиявӣ пардохта шудааст. Барои духтарону занони хонанишин дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои касбомӯзӣ ташкил шуда истодаанд.

Ҳоло дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои таълими калонсолон беш аз 21 ҳазор нафар ба омӯзиши ҳунарҳои дастӣ ва корҳои хонагӣ машғул буда, касби барояшон мувофиқро аз худ карда истодаанд.

Бо вуҷуди ин, қисми зиёди занону духтарон ҳоло ҳам соҳиби касбу кор ва шуғли муайян набуда, ба захираҳои иҷтимоӣ, маънавӣ ва моддӣ кам дастрасӣ доранд. Барои ислоҳи чунин вазъият моро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии кадбонуҳо ва модарону хоҳарон тадбирҳои иловагӣ андешем, дар маҳалҳо соҳибкории хонаводагӣ ва

соҳибкоронеро, ки дар ин самт фаъолият доранд, дастгирӣ карда, ҷалби духтарону бонувонро ба омӯзиши касбу ҳунар, аз ҷумла ҳунарҳои дастӣ ва дигар навъҳои косибӣ ҳарчи бештар вусъат диҳем.

Ҳукумат дар сиёсати худ ба ҳалли масъалаҳои зикршуда минбаъд низ эътибори ҷиддӣ дода, ташаббусҳои созандаи бонувону духтарони соҳибкору ҳунарманд, бомаърифату ватандӯст ва худогоҳу худшиносро, ки пояҳои давлатдории миллиамонро таҳким мебахшанд, дастгирӣ менамояд. Ҳамчунин, таъкид месозам, ки занону бонувони соҳиби касбу ҳунар ҳамеша рӯзгори ободу осуда доранд, ба қадри заҳмати мардон бештар мерасанд ва худашон низ ҳеҷ гоҳ хору муҳтоҷ намешаванд.

Барои маълумоти шумо боз як мисол меорам. Дар давоми бисту панҷ соли истиқлолият муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбиро қариб 360 ҳазор нафар духтарон хатм карда, ҳоло дар мактабҳои олӣ, коллеҷу литсейҳои касбӣ 115 ҳазор нафар ва дар муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ қариб 5 ҳазор нафар духтарон таҳсил мекунанд. Илова бар ин, аз соли 1997, яъне аз оғози ҷорӣ гардидани квотаҳои президентӣ беш аз ёздаҳуним ҳазор нафар духтарон бо истифода аз ин имконият ба мактабҳои олӣ дохил шудаанд, ки то имрӯз 8 ҳазору 900 нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, дар соҳаҳои гуногун машғули фаъолият мебошанд ва қариб 2 ҳазору 700 нафари онҳо таҳсилро идома дода истодаанд.

**Бонувони азиз!**

Қабули Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи ҳолати кунунӣ ва дурнамои сиёсати давлат дар самти таҳкими мақоми оила мебошад.

Асоси ин ҳуҷҷати муҳимро, ки оила дар он ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва макони тарбияи фарзанд эътироф мегардад, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, солимии занон ва танзими оила ташкил медиҳад.

Бо ин мақсад, мо дар низоми таҳсилоти миёнаи умумии кишвар омӯзиши фанни «Маърифати оиладорӣ» - ро ба роҳ мондем, ки омӯзгорон дар доираи он ба хонандагон масъалаҳои ташаккулу таҳкими оиладорӣ, эҳтирому муносибати ҳамдигарӣ ва дар маҷмӯъ, фарҳанги хонаводагиро меомӯзанд.

Ҳамчунин, ба хотири амалӣ шудани консепсияи зикршуда дар Паёми Роҳбари давлат Вазорати маориф ва илм вазифадор гардид, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таълими Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ба роҳ монад ва маърифати ҳуқуқии насли ояндаро дар ҳифзи оиладорӣ, таълиму тарбияи фарзандон, риояи танзими анъанаҳои миллӣ ва ҷашну маъракаҳо аз айёми мактабхонӣ баланд бардорад.

Ба наврасону ҷавонон омӯзонидани муносибатҳои оилавӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии онҳо ва омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона аз ҷумлаи муҳимтарин арзишҳое мебошанд, ки ба мустаҳкам шудани оила мусоидат менамоянд.

Барои бунёди оилаи солим, таъмини зиндагии орому осуда ва бартараф кардани мушкилиҳо ба навхонадорон зарур аст, ки мазмуну муҳтавои ин қонунҳоро ҷиддӣ аз худ намуда, маърифати оиладории худро ҳарчи бештар баланд бардоранд.

Аҳли ҷомеа бояд дар самти баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона ва пешгирии вайроншавии оилаҳо чораҳои доимии тарбиявӣ андешанд.

Бовар дорам, ки бо кӯшишу талошҳои муштарак мо метавонем ба ҷавонон дар интихоби роҳи дурусти зиндагӣ кумак расонем ва риояи анъанаҳои миллии оиладориву солимии ҷомеаро таъмин намоем.

Ҳамчунин, аз ҷониби фарзандон нигоҳубину ғамхорӣ намудан дар ҳаққи падару модар тавассути Конститутсия танзим гардида, дар ин асос дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" зикр шудааст, ки фарзанди болиғ ва қобили меҳнат уҳдадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин карда, онҳоро дар синни пиронсолӣ аз ҷиҳати моддиву маънавӣ дастгирӣ намояд.

**Модарону бонувони азиз!**

Шумо дар раванди тарбияи фарзандон нақши ҳалкунанда доред ва набояд фаромӯш созед, ки тарбияи фарзанд дар навбати аввал вазифаи муқаддаси падару модар ва баъдан мактаб ва ҷомеа мебошад.

Ҳоло дар аксари манотиқи кишвар масъалаи ҷалби кӯдакон ба мактаб, алалхусус, духтарон ҳал гардида, фарогирии духтарон барои гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ тамоюли афзоиш дорад. Шумораи ҷавондухтароне, ки дар зинаи таҳсилоти баъди олии касбӣ дониш мегиранд, хеле афзуда, сафи онҳо дар муассисаҳои омодагии баъдидипломӣ торафт зиёд шуда истодааст, ки ин, албатта, раванди мусбат ва ба талаботи замони муосир мувофиқ мебошад.

Тавассути квотаҳои президентӣ ҳоло насли сеюми мутахассисони соҳаҳои гуногун тарбия ёфтаанд, ки дар гӯшаву канори мухталифи Тоҷикистон ҳамчун насли ҷавони зиёиёни мамлакат муваффақона кору фаъолият карда истодаанд.

Бояд гуфт, ки баланд бардоштани сатҳи маълумоту маърифат дар миёни занону духтарон шарти муҳимтарини беҳтар гардидани дараҷаи зиндагӣ, коҳиши камбизоатӣ, ҳалли масъалаи шуғл ва рафъи бекорӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, волидайн ҳар қадар ба тарбия ва сатҳи саводнокии фарзанд бештар таваҷҷуҳ намоянд, ҷомеа ҳамон андоза пеш меравад,

нерӯи инсонӣ тақвият меёбад ва мушкилоти оилаву ҷомеа камтар мешавад.

Дар баробари ин, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзан миёни иддае аз занон зиёдаравӣ ба назар расида, дар маъракаву чорабиниҳои оилавӣ сарфаю сариштакорӣ риоя намешавад. Агар ин камбудиҳо бартараф гардида, пеши роҳи хароҷоти барзиёд ва зоҳирпарастӣ гирифта шавад, табиист, ки буҷети хонавода афзуда, вазъи зиндагии оилаҳо боз ҳам беҳтар хоҳад гашт.

Мо ин масъаларо қариб дар ҳар мулоқоту суҳбат таъкид менамоем, зеро медонем, ки соҳиби дастархону маъракаҳо ва сарфакори беҳтарини зиндагӣ, шумо, занону модарони гиромӣ ҳастед. Вобаста ба ин, мардуми мо панду андарзҳои зиёд доранд.

Аз ҷумла гуфтаанд, ки “ба миқдори сари сӯзан сарфа кардани зан баракатро дар хонадон дучанд меафзояд”.

Ин ишораҳо моро водор месозанд, ки маъракаҳоро камхарҷ гузаронем, зиёдаравӣ накунем, ба қадри нозу неъмати зиндагӣ расем ва талаботи қонунҳои миллиамон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ” ва “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”-ро ба хотири рӯзгори ободу оилаи хушбахт ҳамеша риоя намоем.

**Модарону хоҳарони меҳрубон!**

Модар гаҳвораву оламро бо ҳам мепайвандад, рисолати пурзаҳмати парвариши наслҳоро ба дӯш кашида, бо сиришту замири покаш барои ҳастии фарзанд, ободии хонадон ва осоиши ҷомеа талош менамояд. Баробари ин, дар сари гаҳвораи тифлаш шабзиндадорӣ карда, камолоти ӯро интизор мешавад ва тамоми ҳастиашро ба парвариши ҷигарбандаш сарф намуда, аз роҳи сидқ мададгораш мегардад. Ин рисолати бузурги инсонӣ мақому мартабаи модарро боз ҳам муқаддасу беназир гардонидааст.

Ба қадри шири поки модар нарасидан, заҳмати бедорхобиҳои ӯро фаромӯш кардан, ба падару модар ситам кардан ва дар пириву дармондагӣ ба қадри ранҷу азоби онҳо нарасидан бузургтарин гуноҳ аст.

Мо, фарзандон, агар тамоми умр ба модари худ хизмат кунем, бо ранҷи шабзиндадорӣ ва заҳмати ӯ ба хотири тарбияву ба камол расонидани мо баробар шуда наметавонад.

Аз ин рӯ ҳозирин ва кулли ҳамватанонро даъват менамоям, ки модарони худро дӯст доред, нисбат ба онҳо меҳрубону ғамхор бошед, иззаташонро ба ҷо оварда, ҳаргиз озорашон нарасонед ва нигоҳи пур аз меҳру шафқатро аз онҳо дареғ надоред. Қарзи фарзандии мо дар назди шахсияти муборaку биҳиштии модарон ҳамин аст.

Мо дар симои шумо духтарону бонувони азиз олиҳаи бахту саодат ва зебоиро мебинем. Шумо бо меҳру вафоятон шуълаи ишқу умедро абадӣ гардонида, эҳсоси инсониро дурахши пурҷило бахшидаед.

Аз ин рӯ, кӯшиш намоед, ки ин сарвати бебаҳои ҳаёти худро ҳифз карда, меҳру муҳаббатро дар қалби хеш беолоиш ва фурӯзон нигоҳ доред, оиларо асоси зиндагии худ қарор диҳед ва сабуру қаноатпеша бошед.

Аҳли ҷомеа ва фарзандони худро ҷиҳати ҳифзи истиқлолияту озодӣ, амнияти давлатӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ раҳнамоӣ карда, барои бунёди давлати пешрафтаву соҳибтамаддун ва дунявию демократӣ талош варзед ва номбардори ин Ватан ва хоки муқаддаси ниёкони хеш бошед.

Итминони комил дорам, ки шумо ҳамчун офарандаи зиндагиву зебоӣ, бақои меҳру муҳаббат ва чароғи хонадон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон фаъолона ширкат варзида, ба хотири пешрафти давлатамон рисолати созандагии худро бо садоқату устувории модаронаи худ идома медиҳед.

Бо ҳамин умеду орзуҳои нек, шумо, модарону бонувони арҷмандро бори дигар ба муносибати ҷашни фархунда - Рӯзи модар табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо ва ба ҳамаи бонувону хоҳарони мамлакат тандурустиву саодатмандӣ ва дар ҳаёти оилавиатон меҳру муҳаббат, бахту иқболи нек ва рӯзгори ободу осуда орзу менамоям.

Дуруд ва ҳамду сано ба модар – фариштаи ҳаёт ва ҳомии зиндагии башар дар рӯйи Замин!

Сано ба модар - ин олиҳаи меҳру шафқат, раҳнамову раҳбар ва азизи ҳар як хонадон!

Зиҳӣ, занону бонувони шарафманд ва шуълаи ишқи ҳаётбахш!

**Ҷашн муборак бошад, модарону хоҳарони азиз!**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТ БО ЗИЁИЁНИ МАМЛАКАТ, 20.03.2017

**Ҳамватанони азиз!**
**Муҳтарам намояндагони аҳли зиё!**

Дар оғози сухан мехоҳам тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ, кулли тоҷикону форсизабонони дунё ва мардуми кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз, инчунин, ҳамаи шумо, ҳозирини арҷмандро ба ифтихори фарорасии ин ойини хусравонӣ, яъне Наврӯз, ки чанд сол инҷониб ҳамчун ҷашни байналмилалӣ таҷлил мегардад, самимона табрик гӯям.

Наврӯзи бостонӣ, ки хусусияти барҷастаи он ҷашни хурсандии хурду бузург, яъне тамоми мардум мебошад, дар кишвари мо ба шарофати истиқлолияти давлатӣ бо рамзу ойинҳои бисёр дерина ва рангу таровати басо дилчаспу зебандаи худ эҳё гардида, ба яке аз дӯстдоштатарин ҷашнҳои миллии сокинони Тоҷикистони биҳиштосоямон табдил ёфтааст. Яъне мардуми мо – марду зан, пиру ҷавон, ҳама ин ҷашнро интизорӣ мекашанд, барои истиқболи арзандаи он омодагӣ мегиранд, расму ойинҳои наврӯзиро бо хурсандиву хушҳолии зиёд ва дастҷамъона ба ҷо оварда, беҳтарин нияту орзуҳои худро бо Наврӯз, ки Соли нави аҷдодиамон мебошад, пайванд медиҳанд.

Ҳамчун рамзи неки наврӯзӣ мулоқоти Роҳбари давлат бо намояндагони зиёиён низ ҳар сол дар арафаи ин ҷашни мубораки миллиамон доир мегардад.

Бояд гуфт, ки эҳёи ҷанбаҳои мардумии Наврӯз, тарғибу таблиғи мунтазами суннатҳои ин ҷашни бостонӣ, оммавӣ гардонидани ғояву арзишҳои ҷовидонаи он ва ба ин восита таҳким бахшидани пояҳои фарҳангии зиндагии ҷомеаи мо яке аз вазифаҳои муҳимтарини аҳли зиё мебошад. Вобаста ба ин, мехоҳам бори дигар хотирнишон намоям, ки сатҳи донишу маърифати мардум, хусусан, наврасону ҷавононро баланд бардоштан, ҳисси ифтихори миллии наслҳоро бедор сохтан ва дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ асолат ва арзишҳои миллиро ҳифз кардан рисолати ҳар як зиёии ватандӯст ба шумор меравад.

Мо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба аҳли зиё такя карда, ташаббусҳои созандаи онҳоро пайваста дастгирӣ менамоем. Зеро зиёиён ҳамчун нерӯи фаъолу тавонои ҷомеа метавонанд дар ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ нақши басо арзишманд гузоранд ва манфиатҳои милливу давлатиро содиқона ва қотеъона ҳифз намоянд.

Соли гузашта, ки барои мардуми мо соли воқеан таърихӣ буд, зиёиёни мо, аз ҷумла устодону омӯзгорон, олимону донишмандон, шоирону нависандагон, рассомону оҳангсозон ва аҳли санъат ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор гардидани ҷашни 25 - солагии истиқлолияти давлатӣ, пеш аз ҳама, тавассути доир намудани чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ фаъолона ширкат карданд ва дар масъалаи тарғиби моҳияти истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ саҳми пурарзиш гузоштанд, ки мо аз чунин иқдомоти ватандӯстонаи онҳо сипосгузорем.

Воқеан, тарғиби бузургтарин дастоварди халқамон - истиқлолияту озодӣ вазифаи аввалиндараҷаи зиёиён маҳсуб ёфта, онҳо бояд дар таҳқиқоту асарҳои худ аҳаммият ва муҳтавои ин мафҳумҳои муқаддасро боз ҳам васеътар инъикос созанд, ба хотири таҳкими суботи сиёсӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, ифтихори ватандорӣ ва ҳифзи манфиатҳои Тоҷикистони азиз, инчунин, забон, фарҳанг, расму ойин ва суннату анъанаҳои миллӣ минбаъд низ кӯшиш намоянд.

Мо соли 2017-ро Соли ҷавонон эълон намудем ва бовар дорем, ки шумо, аҳли зиё, ташаббусҳои насли ояндасозро дасгирӣ карда, дар қалби ҳар як наврасу ҷавон ҳисси миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиро бедор месозед, онҳоро ба роҳи омӯхтани илму дониш, касбу хунар ва ободу пешрафта гардонидани Ватани азизамон - Тоҷикистон ҳидоят менамоед. Мо бояд ба зиёиёни ҷавон роҳи васеъ кушода, барои онҳо имконият фароҳам орем, ки дастоварду ихтироот ва маҳсули эҷоди худро ба дигарон муаррифӣ созанд. Махсусан, ҷалби ин табақаи нерӯманд ба омӯзиши илм ва аз худ кардани техникаву технологияҳои муосир аҳаммияти бағоят муҳим дорад. Маҳз бо ҳамин сабаб, Ҳукумати мамлакат ба рушди илм диққати махсус дода, ҷалби наврасону ҷавононро ба ин соҳаи муҳим аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷа мешуморад. Аз ин рӯ, сохторҳои илмиву таълимии кишварро зарур аст, ки омӯзиши илмҳои муосир, бахусус, илмҳои табииву риёзиро ҷиддӣ ба роҳ монда, баргузории маҳфилу чорабиниҳои илмиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва муассисаҳои илмӣ бештар созанд ва ҷавононро ба чунин чорабиниҳо ҳарчи бештар ҷалб намоянд.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар рӯзи 22 декабри соли 2016 оид ба нақши калидӣ доштани илми ватанӣ дар рушди устувори ҷомеа таъкид карда будам.

Олимонро зарур аст, ки ба рушди минбаъдаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносиву техникӣ ва ба талаботи ҷомеа равона сохтани нерӯи илмӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда, фаъолияти худро дар самти ихтироъкориву навоварӣ, ҳамчунин, ҷалби ҷавонони болаёқат ба корҳои илмӣ ва ихтироъкорӣ боз ҳам ҷоннок намоянд.

Яке аз ҳадафҳои муҳимтарини мо барои давраи наздик - гузариш аз давлати аграрӣ ба давлати индустриалӣ-аграрӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, дар истеҳсолоти ватанӣ татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ ва инноватсиониву технологии олимони кишвар дар роҳи расидан ба ин ҳадаф нақши асосӣ мебозад.

Бо мақсади мустаҳкам намудани алоқаи илм бо истеҳсолот ва дар истеҳсолоти ватанӣ татбиқ намудани дастовардҳои илм ва технологияҳои инноватсионӣ дар Паём дастур дода будам, ки дар сохтори Академияи илмҳо Маркази татбиқи технологияҳои инноватсионӣ таъсис дода шавад. Фаъолияти илмӣ ва илмиву ташкилии ин марказ бояд дар самти тақвият бахшидани иқтидори истеҳсолоти ватанӣ тавассути татбиқи дастовардҳои илмӣ нақши муассир дошта бошад.

Танҳо робитаи мустаҳками илму амалия метавонад ба истеҳсолот таъсири мусбат расонад ва назарияву ихтирооти олимон дар амал татбиқ гарданд. Аз ин рӯ, олимони моро зарур аст, ки ба омӯзиши проблемаҳои муосир ва кашфиёту ихтирооти ба истеҳсолот нигаронидашуда таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд. Дар баробари ин, олимони соҳаи ҷомеашиносӣ низ бояд корҳои илмии худро ба самтҳои таъмини амнияти давлатӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва огоҳ кардани аҳли ҷомеа аз таъсири хавфу хатарҳои ҷаҳони муосир равона намоянд, зеро ин масъалаҳо торафт аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо карда, ба муносибатҳои байналмилалӣ ва суботу оромии сайёра таъсири амиқ гузошта истодаанд.

Кишвари мо низ аз лиҳози мавқеи ҷуғрофии худ аз таъсири ин равандҳо дар канор буда наметавонад. Бинобар ин, ҷомеашиносон бояд равандҳои зикршударо фаъолона таҳлил карда, оид ба ҷанбаҳои гуногун ва оқибати онҳо ба амнияту суботи давлат ва ҷомеаи мо андешаву хулосаҳои асоснок пешниҳод намоянд.

Дар марҳалаи ҳозира бо истифодаи самаранок аз имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла тавассути расонаҳои хабарӣ зеҳну ҷаҳонбинии мардум, алалхусус, наврасону ҷавононро ба тафаккури илмии прагматикӣ ва пешрафтаву амалгаро табдил додан вазифаи зиёиён мебошад. Дар ин самт аз таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ васеъ истифода намуда, тарғиби тафаккури пешрафта ва ҳисси миллиро вусъат бахшидан қарзи виҷдонии ҳар як зиёии ватандӯст мебошад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Рушди мунтазами соҳаи фарҳанг, ки ба беҳдошти дунёи маънавии инсон таъсири амиқ гузошта, ҷаҳонбиниву тафаккур, зеҳну шуур, майлу рағбати зебоиписандӣ ва ҳунари эҷодгариву анъанаҳои мардуми фарҳангсолори моро ташаккул медиҳад, дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Зарур аст, ки аҳли эҷоди кишвар – олимон, ходимони адабиёт, театр, санъати тасвирӣ, мусиқӣ, кино ва дигарон низ

бо дарназардошти ин рисолати инсонсози фарҳанг ба рушди ҳамаҷониба ва мунтазами он таваҷҷӯҳи боз ҳам бештар зоҳир намоянд.

Ба шарофати соҳибистиқлолӣ мо дар самти ҳифзу нигаҳдории мероси фарҳангии халқи куҳанбунёдамон тамоми тадбирҳои имконпазирро андешидем ва дар даврони начандон тӯлонӣ ба эҳё кардану таҳким бахшидани асолати миллӣ, забон ва фарҳанг, ки рукнҳои асосии давлатдорӣ мебошанд, муваффақ гардидем.

Фарҳанги миллии мо заминаҳои устувор дошта, бо таъриху анъанаҳои қадима ва гуногунрангиву хусусиятҳои хоси худ, аз ҷумла осори хаттии нодир, мусаввараҳои камназир, мусиқии “Шашмақом”, “Фалак” ва садҳо дастоварду падидаҳои дигари ҳунару адаб имрӯз дар ҷаҳон машҳур аст. Ин мероси пурғановати миллиро ҳифз кардан ва таъмин намудани рушди минбаъдаи он вазифаи на танҳо давлат, балки қарзи виҷдониву инсонии ҳар як фарди соҳибфарҳанги кишвар, махсусан, зиёиён мебошад.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ доир ба беҳтар намудани вазъи фарҳанги миллӣ дар аксари шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон корҳои зиёдро амалӣ намудем, вале сатҳу сифати фаъолияти муассисаҳои фарҳангу фароғат ва фарогирии доираҳои гуногуни мардум ба чорабиниҳои фарҳангӣ ҳанӯз ҳам беҳбудӣ мехоҳад. Аз ин рӯ, вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки доир ба ҳалли ин масъала тадбирҳои якҷояро амалӣ гардонанд.

Яке аз бахшҳои дигари фарҳанг, ки ба дастгирӣ ва дар айни замон ба фаъолияти ҳамоҳангшудаи ҳамаи сохторҳои дахлдор дар самти рушди минбаъдаи он ниёз дорад, санъати театрӣ мебошад. Санъати театрӣ метавонад таъриху тамаддун, арзишҳои миллӣ ва ҳаёти муосирони моро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд. Сабаби асосии рушд накардани соҳа набудани асарҳои драмавии мувофиқ ба завқи тамошобини имрӯза мебошад. Бинобар дуруст фаъолият накардани Шӯрои бадеӣ дар назди Вазорати фарҳанг, ташкил нагардидани муҳокимаи асарҳои саҳнавӣ ва набудани талаботи ҷиддӣ нисбат ба интихоби асарҳои саҳнавӣ ба тамошобинон асарҳои каммазмун ва камаҳаммият пешкаш мегарданд. Дар натиҷа имрӯз шумораи тамошобин кам шуда, мавқеи театрҳо дар ҷомеа суст гардида истодааст. Тавре ки медонед, театрро оинаи ҳаёт мегӯянд ва ин навъи санъат бояд руҳи солим дошта бошад. Яъне барои театрҳои кишвар асарҳое таълиф бояд кард, ки руҳи қавии мардуми Тоҷикистонро ифода намоянд, ҳаёти осудаи халқро инъикос кунанд ва завқу ҳаваси тамошобинро ба зиндагӣ бештар гардонанд.

Ҳарчанд ки дар панҷ соли охир дар театрҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ 172 асар ба саҳна гузошта шудааст, вале онҳо ҳанӯз

талаботи тамошобинро қонеъ карда наметавонанд. Қисми зиёди ин намоишномаҳо такрори ҳамдигар буда, аз лиҳози мазмуну мухтаво якрангу якмаром мебошанд. Баъзе намоишномаҳо асарҳои тарҷумавӣ буда, аз рӯзгори мардуми мо дуранд ва тамошобин онҳоро хуб қабул карда наметавонад. Дар аксари саҳнаҳо мавзӯъҳои рӯз, воқеаву рӯйдодҳои даврони истиқлолият, ҳаёти мардуми тоҷик ва масъалаҳои маънавию ахлоқӣ кам мушоҳида мешаванд. Ба мисли дигар эҷодгоҳҳои бузург театр низ бояд ҷавобгӯи равандҳои мубрами ҳаёт бошад. Аз ин рӯ, адибони моро зарур аст якҷо бо ходимони театр асарҳои саҳнавие офаранд, ки ҳаёти гузаштаву имрӯзаи халқи тоҷикро воқеъбинона ва рангин инъикос намуда, ҷаҳони маънавии тамошобинро ғанӣ гардонанд.

Дар баробари ин, ҷиҳати омода кардани ҳунарпешаҳо, коргардонҳо ва рассомони театр, аз ҷумла барои театри миллӣ, ки имрӯзҳо бунёди он идома дорад, инчунин, доир ба ташкили студияҳои хурд дар назди театрҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки дар даврони ҷаҳонишавӣ зарурати гиромидошти фарҳанги миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маънавиёти инсон, тарбия ва ташаккули насли наврасе, ки вазифаҳои азими бунёди ҷомеаи ояндаро ба уҳда мегирад, бамаротиб меафзояд. Дар ин асос мо бояд дар қалби онҳо зиракии сиёсиву худшиносии миллиро, ки дар пояи эҳтиром ва дӯст доштани Ватан - модар, забон ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ташаккул меёбад, тавассути гузаронидани чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ ҷой диҳем. Зеро танҳо шахси аз таъриху фарҳанги миллати хеш бохабар, худшиносу худогоҳ ва дорои ҳисси баланди миллӣ дар ҷомеа мақому мавқеи сазовор пайдо карда метавонад.

Дар марҳалаи кунунӣ сиёсати фарҳангии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба таъмини амнияти фарҳангии кишвар, таҳкими рукнҳои маънавии давлатдорӣ, тавсеаи тафаккури созандаву бунёдгарона, болоравии ифтихори миллӣ ва эҳсоси ватандории сокинони мамлакат, яъне ба тақвияти ҳувияти миллӣ нигаронида шудааст, ки дар ин раванд нақши зиёиён бояд назаррас бошад. Вобаста ба ин, як нуктаи муҳимро хотирнишон месозам, ки фақат миллате, ки ба фарҳанги миллӣ эҳтиром мегузорад, ҳамеша ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, ҳувияти миллиашро устувор менамояд ва собитқадамона пеш меравад.

Имрӯз рушди санъати кино низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин мебошад. Кинои тоҷик бояд дар мавзӯъҳои таърихӣ, ватандӯстӣ, худшиносӣ ва проблемаҳои муосир филмҳои замонавиро ба навор гирад. Вале чунонки мебинем, аксари филмҳо ба завқи тамошобини имрӯза мувофиқ нестанд.

Бо ташаббуси мо моҳи майи соли 2015 Шӯрои ҳукуматӣ доир ба рушди кинематография таъсис дода шуд. Вале ҳарчанд ки аз байн ду сол

сипарӣ гардид, шӯрои мазкур то ба ҳол ягон филмномаро баррасӣ накарда, аз ҷониби адибони кишвар низ асаре пешниҳод нашудааст.

Бо дарназардошти чунин вазъ, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки дар муҳлати ду моҳ доир ба ворид кардани тағйирот ба қарори қабулкардаи худ аз 26 декабри соли 1997 ҷиҳати таъсиси сохтори алоҳида – Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” ва ба он ҳамроҳ намудани “Тоҷиккино” чораҷӯӣ намояд.

Таъкид месозам, ки зиёиёни мамлакат ба масъалаи рушди соҳаи театр ва кино ҳамчун ҷузъи муҳимтарини ҳаёти фарҳангии кишвар набояд бетараф бошанд.

Баръакс, зиёии асил дар раванди ташаккул ва тавсеаи тафаккури миллӣ ҳамеша фаъол буда, ба раванди пешрафти маънавиёти ҷомеа таъсир мерасонад, каму костиҳои ҷомеаро аз ҳама пеш дарк мекунад ва барои рафъи онҳо тадбир меҷӯяд.

Бовар дорам, ки шумо, зиёиёни мамлакат, дар ин амали хайру шоиста минбаъд низ ҳиссаи арзишманди худро гузошта, ба хотири густаришу тавсеаи бештари тафаккури аҳли ҷомеа ҷидду ҷаҳд менамоед ва ҳамчун нерӯи пешқадам дар раванди таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва ободиву пешрафти Тоҷикистони азиз саъю талоши ватандӯстонаи худро дареғ намедоред.

Боиси ифтихор аст, ки мову шумо Наврӯзи имсоларо дар оғози амалишавии ташаббуси нави Тоҷикистон доир ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" ҷашн мегирем.

Об ҳамчун воситаи асосии ҳаёти инсон дар ойини гузаштагони мо рукни муқаддас ва яке аз чор унсури асосии зиндагӣ ҳисобида шуда, сарфакорона истифода намудани онро аҷдоди мо ҳамчун андарзи зиндагии наслҳо бисёр муҳим мешумориданд. Бо дарназардошти мушкилоти об, ки имрӯз башарият ба он рӯ ба рӯ омадааст, аҳли зиёи кишвар бояд дар тарғиби аҳаммияти пешниҳоди мазкур пешсафу фаъол бошанд ва дар самти амалӣ намудани пешниҳоди Тоҷикистон ва ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳон ҳарчи бештар ҷидду ҷаҳд намоянд.

Ба хотири амалӣ шудани ҳадафҳои неки ояндасозатон ба ҳар кадоми шумо барори кор ва комёбиҳои тозаи эҷодӣ мехоҳам.

Бори дигар тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ, ҳамаи шумо, ҳозирини муҳтарам ва кулли зиёиёни кишварро ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо ва ҳар фарди Ватан хонаи обод, бахту саодат ва ба Ватани маҳбубамон сулҳу оромии ҷовидонӣ орзу менамоям.

**Наврӯзатон муборак бошад, ҳамватанони азиз ва аҳли зиёи кишвар!**

# ИНСТИТУЦИОНАЛИЗАЦИЯ ЛИДЕРСТВА: ТЕОРЕТИКО-ПРИКЛАДНЫЕ АСПЕКТЫ

***Хидирзода М.У.****- доктор философских наук, профессор, главный научный сотрудник отдела политологии Института философии, политологии и права имени А.Богоутдинова АН РТ г. Душанбе пр.Рудаки, 33,. тел.: (+992) 918 639 754, E-mail: makhfirat@mail.ru*

***Ғафforзода А.*** *– аспирант Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни,734003,г. Душанбе, пр.Рудаки 121, тел.:(+992) 907 777 740, E-mail: diplomat-ags@mail.ru*

Общепринятое понятие относительно институционализации лидерства выступает понятие о том, что деятельность лидера ограничивается в той или иной степени существующими социальными отношениями, нормами, процедурами принятия решений, которые в последующем способствуют превращению каких-либо социальных отношений в социальный институт, то есть в форму социальных отношений с установленными (письменно или устно) правилами, нормами, санкциями.

Исходя из этого, анализ института лидерства в Таджикистане показывает, что личностные качества лидера, исключительные способности эффективного планирования и управления политическими процессами способствуют совершенствованию и упрочнению данного института.

***Ключевые слова:*** *лидер, институт лидерства, институционализация лидерства, ценностные ориентации, принятие своевременного решения, этапы становления*

# НИҲОДИСОЗИИ САРВАРӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

***Хидирзода М.У****. - доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи сиёсатшиносии Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, тел.:(+992)918 639 754, E-mail:makhfirat @mail.ru*

***Ғафforзода А.*** *- аспиранти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С Айнӣ, 734003,шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, тел.:(+992) 907 777 740, E-mail: diplomat-ags@ mail.ru*

Ниҳодисозии сарварӣ ҳамчун мафҳуми фалсафию сиёсӣ ифодакунандаи раванд ва амалест, ки тибқи он фаъолияти сарвар дар доираи муайяни муносибатҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо ва усулҳои қабули қарор муқаррар гардида, дар ин замина ин ё он шакли муносибатҳои иҷтимоӣ ба ниҳоди иҷтимоӣ мубаддал мегарданд.

Вобаста ба ин, таҳаввули ниҳоди сарварӣ дар Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро доро буда, таҳлили ин раванд нишон дод, ки хислатҳои ҳирфаии сарвар, қобилияти баланди таъмини ҳамгироии иҷтимоӣ дар ҷомеа, банақшагирӣ ва идоракунии самараноки равандҳои сиёсӣ бахри рушди ҳамаҷонибаи ниҳодисозии он мусоидат менамояд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *сарвар, ниҳоди сарварӣ, ниҳодисозии сарварӣ, мавқеъгириҳои арзишманд, қабули қарори саривақтӣ, марҳилаҳои ташаккул*

## INSTITUTIONALIZATION OF LEADERSHIP: THEORETICAL AND APPLIED ASPECTS

***Khidirzoda M.U.*** *- Doctor of Philosophy, Professor, Main Specialist of Politology Department of Bahouddinov Institute of Philosophy, Politology and Low of Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki ave. 33, phone:(+992)918 639 754, E-mail: makhfirat@mail.ru*

***Ghafforzoda A.*** *- post-graduate student of Tajik State Pedagogical University after S.Ayni, 734003, Dushanbe, Rudaki ave.121, phone:(+992)907 777 740, E-mail: diplomat-ags@mail.ru*

A general notion of the institutionalization of leadership is the notion that the activity of a leader is limited in a varying degree by existing of social relations, norms, decision-making procedures, which subsequently facilitate the transformation of any social relations into a social institution, that is, in the form of social relations with established (written or verbal) rules, norms, sanctions.

Based on this, the analysis of the leadership institution in Tajikistan shows that the personal wealth of the leader and phenomenal ability to effectively plan and manage political processes, contribute to the improvement and strengthening of this institution.

***Keywords***: *leader, leadership institution, institutionalization of leadership, values, timely decision making, stages of formation*

Общепринятое понятие относительно институционализации лидерства выступает понятие о том, что деятельность лидера ограничивается в той или иной степени существующими социальными отношениями, нормами, процедурами принятия решений.

Институционализа́ция (также институциализация; лат. *institutum* – установление, обычай, учреждение) — процесс превращения каких-либо социальных отношений в социальный институт, то есть в форму

социальных отношений с установленными (письменно или устно) правилами, нормами, санкциями.[1]

Другая интерпретация предполагает процесс рекрутирования, подготовки, движения к власти, деятельность политических руководителей осуществляющихся в рамках определенных норм и организаций. В отличие от первого понятия, второе охватывает также и процесс становления лидера, т.е. характеризуя сам процесс выдвижения лидера, в дальнейшем определяет четко очерченные границы, в рамках которого должен действовать политический лидер.

Анализ института лидерства в Таджикистане показывает, что его формирование происходило в тяжелых условиях гражданской войны, чему способствовали отсутствие стратегии и правильно выбранных тактических действий, приведшие к социальному взрыву в обществе. Как отмечает Тэтчер М. «беспорядки, эпидемии и финансовые катастрофы тоже могут быть ужасными и разрушительными, но война – все же самое страшное испытание для человека».[2,17]

Отсутствие социальной преемственности осложняло процесс передачи власти. Институт политического лидерства должна была в сложившейся ситуации понять, что характер социальной динамики изменил монотонную общественно-политическую среду. В этом случае необходимо было извлечь пользу из каждой необходимости, чего, к сожалению, не удалось достичь институту лидерства в Таджикистане в начале 90-х годов.[3,35] В результате формирование нового института лидерства происходило в обстановке политической нестабильности, ценностной неопределенности, идеологической разобщенности, анархии и ресурсной необеспеченности. Все это было связано с тем, что трансформация общества осуществлялась политическими силами хаотично, подпитываемый извне, заинтересованными политическими силами.

Однако историческая заслуга Лидера нации, Президента страны, начавшего свой политический путь в переломном этапе развития общества, заключается в том, что он благодаря своей политической гибкости в принятии политических решений смог убедить общество в пагубности дальнейшего продолжения противостояния. Как дальновидный руководитель государства он учитывал целый спектр рисков и возможностей, анализировал каждый свой шаг, каждое принятое решение, чтобы правильно сформулировать стратегию выхода из конфликта.

Историко-политический анализ становления института лидерства в суверенном Таджикистане показывает, что в его развитии можно выделить следующие этапы:

**- этап формирования ресурсных основ, способствующих объединению людей в трудном конфликтном обществе и разрешение внутреннего конфликта.** На данном этапе происходило формирование

ресурсных основ, позволяющих объединить усилия всей общественности на снижение социально-политической напряженности. Формирование ресурсных основ предполагало повышение экономической и политической дееспособности системы, базисная основа государства находилось в глубоком кризисе. Необходимым фактором выступал предотвращение голода, нужды, болезней и разрухи.

Урегулирование политической ситуации выступал одним из наиглавнейших приоритетов в политической программе новоизбранного руководства страны. Заявление Председателя Верховного Совета Республики Таджикистан о том, что начнет свою работу с установления мира, было программным, показывающим обществу путь спасения. К тому же необходимо отметить, и тот факт, что правильное определение приоритетов в процессе управления имеет важное значение для обеспечения эффективности процесса осуществления власти. Не всегда позиция лидера в данном вопросе может совпадать с мнением его команды, однако лидер-стратег сможет убедить свою команду по конкретным достигнутым результатам.

Анализируя данный этап, необходимо отметить и личностные качества лидера, позволяющие найти выход в трудной политической обстановке, активная жизненная позиция, желание действовать, принимать правильные и своевременные политические решения способствовали формированию консолидации общества на пути к достижению мира и установлению стабильности. Гениальность Лидера нации заключается в том, что он обладает непобедимой силой духа, которая позволяет ему смело противостоять любым трудностям. Это качество позволяло ему превратить трудности в двигатель нашей жизни. Из тяжелейших конфликтных ситуаций он смог извлечь пользу, как в плане личного самосовершенствования, так и в плане общественно-политического. В связи с этим необходимо отметить, что дуализм социально-политического конфликта заключался в том, что разрушая старое, создавалось новое, вызывая дезинтеграцию целостной системы, в определенной степени сделал ее более гибкой и способствовал ее приспособляемости к изменяющимся условиям. Иначе говоря, из этой роковой ситуации смог получить пользу, формируя и совершенствуя новые концептуальные и практические основы управления обществом в кризисных этапах его развития.

**- этап постконфликтного восстановления и развития ценностных ориентиров, предполагающее решение задач, направленных на совершенствование деятельности института лидерства в новых исторических условиях, т. е. в условиях интеграции и артикуляции интересов в разобщенном социуме.** На данном этапе происходило всеобщее признание института лидерства. Оправдывая полученный кредит доверия, институт лидерства показал себя именно как движущая и направляющая сила, вокруг которого сплотились все политические силы,

включая и оппозиционные. Слово лидера было окончательным при решении споров по различным политическим и военным вопросам. Все это свидетельствовало о том, что усилению лидерских позиций способствовали, прежде всего, личностные качества лидера, которых признали даже самые заклятые враги. Если раньше принятые политические решения подвергались сомнению, то на втором этапе слово лидера было окончательным. Адекватная самооценка, позитивное отношение к себе и людям, уверенность в себе, вера в свои силы, стремление двигаться вперед умение устанавливать контакт, слушать и понимать выступали важными личностными качествами, позволившие лидеру управлять волей и поведением электората.

Одним из самых сложных задач постконфликтного восстановления наряду с социально-экономическими вопросами стояло и обеспечение ценностной ориентации общества. Известно, что одним из тяжелейших последствий любого конфликта выступает нарушение моральных и ценностных основ общества, потеря основных ценностных позиций участников социально-политических процессов, утрата значения общечеловеческих ценностей, такие как вера и любовь к ближнему, святость родственных отношений, доверие друг к другу, уважение человеческого достоинства и т.д. Исходя из этого, как важная движущая сила институт лидерства сложил много усилий на поиск основных ценностных позиций, способных обеспечить правильные поведенческие позиции участников политических процессов.

Психология насилия проникала глубоко внутры всех социальных слоев. Даже после подписания Общего соглашения о мире и национальном согласии в Таджикистане 1997 года, реинтеграции боевиков оппозиции в Вооруженные силы страны, обеззараживания некоторых главарей бандформирований, обычные бытовые разногласия и недопонимания старались решать именно при помощи оружия или людей в камуфляже. Образ «человека в камуфляже» превратился в социальную «страшилку». Одним из сложных, но в то же время актуальных задач выступало определение статуса и правового регулирования деятельности данной категории людей. Решение вопроса требовало от политического лидера принятие гибкого политического решения, способствующего мирному решению проблемы. Именно на этой основе был принять Указ Президента страны о запрещении выхода военнослужащих за пределы войсковых частей в камуфляже и с оружием. Принятие данного Указа свидетельствовало о том, что институт лидерство обладает ситуацией, благодаря умелому руководству и проведения своей линии по урегулированию социально-политических проблем в обществе.

**- этап институционализации лидерства, как ключевого механизма обеспечения эффективной реализации властных функций, предполагающих наличие норм, определяющих поле деятельности лидера**

**в условиях развития демократических процессов.** Характеризуя данный этап необходимо отметить, что институционализация лидерства в новейшей истории Таджикистана начинается еще с 1994 года, когда с принятием новой Конституции были заложены правовые основы формирования института президентства в Таджикистане. Это означало, что трансформация общественно-политической жизни общества не возможно без реформы формы правления. Переход от парламентской формы к президентской было исторической необходимостью, продиктованной социально-политической реальности. Именно этот шаг мог обеспечить пресечение активизации раскольнических групп, мешающих принятию политически значимых решений.

Глава четвертая Конституции Республики Таджикистан, принятого 6 ноября 1994 года, определяет статус, порядок избрания, присягу, компетенции, неприкосновенность и другие вопросы, связанные с деятельностью Президента в стране.

Согласно статье 64 «Президент Республики Таджикистан является главой государства и исполнительной власти (Правительства). Президент является гарантом Конституции и законов, прав и свобод человека и гражданина, национальной независимости, единства и территориальной целостности, преемственности и долговечности государства, согласованного функционирования и взаимодействия государственных органов, соблюдения международных договоров Таджикистана».[4] Конституционное оформление политического статуса Президента означало, что институт лидерства в Таджикистане нашёл свое институциональное выражение, которое заключалось в конкретном определении правовых контуров, в рамках которого оно функционировало.

Статья 69, определяя компетенции Президента, признает за ним право определения основных направлений внутренней и внешней политики республики и представления Таджикистана внутри страны и в международных отношениях». Это означает, что только Президенту страны как высшему политическому лидеру дано право принимать решения по указанным жизненно важным вопросам государственной деятельности. Другие компетенции Президента, представленные в 29 пунктах, признают за Президентом страны полномочия, связанные с формированием Правительство и назначением высших должностных лиц, отменой или приостановлением действия актов органов исполнительной власти в случае их противоречия Конституции и законам, созданием Исполнительного аппарата Президента и Совета безопасности, назначения референдума, выборов в Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, в местные представительные органы, подписанием законов, определение денежной системы и информированием об этом Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, распоряжение резервным фондом, выполнением функции Верховного Главнокомандующего Вооруженными

Силами Таджикистана, объявление военного положения при реальной угрозе безопасности государства и внесения указа об этом на утверждение совместного заседания Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, использование Вооруженных Сил Республики Таджикистан за её пределами для выполнения международных обязательств Таджикистана с согласия Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, объявление чрезвычайного положения на всей территории республики или в отдельных местностях с незамедлительным внесением указа об этом на утверждение совместного заседания Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон и сообщением в Организацию Объединенных Наций, решение вопросов гражданства, предоставление политического убежища, осуществление помилования, присвоение высших воинских званий, дипломатических рангов, специальных чинов и званий, а также награждение граждан государственными наградами, присваивание государственных премий и почетных званий Таджикистана и другие полномочия, предусмотренные Конституцией и законами. Иными словами, Конституция заложила основу институционализации лидерства в Таджикистане. Это означало, что институт лидерство нашло свое политико-правовое оформление. Определение рамок для осуществления властной воли выступало важным фактором обеспечения дальнейшей деятельности лидера в условиях, когда еще социальные отношения характеризовались значительной трудностью, когда неформальное лидерство отличалось своими противоправными действиями, мешая стабильному развитию политической системы.

Дальнейшее развитие социально-политической жизни общества показало, что только политический лидер как символ единства государства и народа, механизм интеграции социальной общности способен выступать от имени большинства и определить дальнейшие стратегические направления развития национального государства. Социально-политическая реальность и пройденный исторический путь создания нового суверенного Таджикистана показала, что лидерские позиции Президента страны пересекли рамки формального признания. Всеобщее признание, уважение и любовь народа свидетельствовует о том, что Эмомали Рахмон как человек и как историческая личность уже не принадлежит только самому себе, а как неповторимый феномен принадлежит всей нации. Именно это способствовало возвышению лидерских позиций и возникновения феномена Лидера нации в новейшей истории Таджикистана.

История вопроса объявления выдающихся личностей Лидерами наций имеет давнюю традицию. В истории различных народов и государств этого высокого звания удостоились выдающиеся личности, внесшие исторический вклад в развитие своего народа и государства. Такими были Уинстон Черчиль в Великобритании, Джорж Вашингтон в США, Жанна Дарк во Франции.

Лидеры нации были в Турции – Мустафа Кемаль Ататюрк (Отец турок), в Сингапуре – Ли Куан Ю (отец сингапурского чуда), в Китае – Мао Цзэдун (Великий кормчий) и инициатор экономических реформ в Поднебесной –ДэнСяопин.

В наши дни лидер также есть в Иране, это Верховный руководитель и нынешний глава Ирана Али Хосейни Хаменеи. Великий аятолла – один из ближайших соратников лидера Исламской революции Рухоллы Хомейни – руководит государством с 1989 года, был президентом с 1981-го по 1989 год. В Северной Корее Ким Чен Ына называют Королем утренней зари и Выдающимся товарищем, в Японии император Акихито это Тэнно (Небесный хозяин), а в Азербайджане президент Ильхам Алиев – Неповторимый лидер.[5]

Проведя последовательный курс построения и укрепления национального государства, успешно преодолевая постконфликтные трудности, представляя государство и народ на международной арене, выдвигая глобальные инициативы Президент страны заслужил всеобщее доверие, любовь и симпатию всего народа. Все это способствовало тому, что происходило постепенное реформирование института лидерства в Таджикистане. Это реформирование было связано, прежде всего, с повышением авторитета и позиции института политического лидерства в стране. Принятие сначала Закона, а потом внесения изменений и дополнений в Конституцию страны относительно Основоположника мира и национального согласия – Лидера нации, последующее принятие конституционного Закона Республики Таджикистан « Об Основателе мира и национального единства-Лидере нации» определяло новые политико-правовые рамки статуса и деятельности политического лидера страны.

Преамбула конституционного Закона гласит, что «настоящий конституционный Закон устанавливает политическое и правовое положение Основателя мира и национального единства-Лидера нации, как основателя суверенного государства Таджикистан, мира и национального единства, с целью укрепления основ конституционного строя Республики Таджикистан, государственной независимости, территориальной целостности и единства Родины, стабильности и долговечности государства Таджикистан, укрепления демократии, обеспечения экономического, социального и культурного прогресса, защиты исторических ценностей национальной государственности, создания достойных условий жизни и свободного развития для каждого человека».[6]

Формирование института Лидера нации в советской и постсоветской истории таджикского народа свидетельствовует об эволюции института лидерства, благодаря личностным качествам личности. Относительно этой стороны вопроса, статья 2 конституционного Закона гласит, что «Основатель мира и

национального единства-Лидер нации является выдающейся исторической личностью нации, избранный Главой государства на шестнадцатой сессии Верховного Совета Республики Таджикистан, внёсший заметный вклад в создание системы государственности суверенного Таджикистана, установление конституционного строя, достижение мира, национального единства и в соответствии с Конституцией 1994 года избранный всенародным голосованием первым Президентом Республики Таджикистан, внёсший достойный вклад в построение суверенного, демократического, правового, светского и социального государства, предотвративший распад нации, исчезновение государства и избавивший народ от гражданской войны, осуществивший великие судьбоносные свершения в политическом, социально-экономическом, культурно-историческом развитии независимого государства Таджикистан».

Таким образом, анализ процесса институционализации лидерства в Таджикистане показывает, что именно личностные позиции лидера способны корректировать рамки политического влияния. Для этого не нужен железный режим закрытого общества или всеобщее насилие. Необходимо наличие активного желания способствовать интеграции общества, проявление лидерских позиций, силы воли, смелости постоять за свой народ не жалея себя и быть предводителем в самых трудных исторических ситуациях. И самое главное, любить свой народ больше чем самого себя.

**Литература**

1. /https://ru.wikipedia.org/wiki

2. Маргарет Т. Искусство управления государством: стратегии для меняющегося мира.М.2007

3. Хидирова М.У. Институт лидерства в контексте трансформационного общества. Душанбе, 2008

4. Конституция Республики Таджикистан

5. /https://ru.sputnik.kg/politics

6.Конституционный Закон Республики Таджикистан «Об Основателе мира и национального согласия-Лидере нации»

# ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГИИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ИНСОНӢ

***Шосаидов С.Ҳ.*** *– н.и.п., дотсент, директори Пажӯҳишгоҳи забоншиносӣ ва тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улугзода , тел.: (+992)919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

Дар мақола масъалаҳои нақш ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар идоракунии захираҳои инсонӣ, сабабҳои асосии буҳрони фарҳанги идоракунӣ дар корхонаву муассисаҳои ватанӣ ва роҳҳои берун омадан аз он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф саъй намудааст, ки раванди ташаккули самарабахши фарҳанги идоракуниро дар алоқамандии зич бо таъсири омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бозгӯ намояд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, захираҳои инсонӣ, технологияҳои идоракунӣ, фарҳанги идоракунӣ, раванди ҷаҳонишавӣ, салоҳиятнокӣ, ҳувияти миллӣ*

# СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНЫЕ ФАКТОРЫ УПРАВЛЕНИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКИМИ РЕСУРСАМИ

***Шосаидов С.Х.*** *– к.п.н., доцент, директор Научно-исследовательского центра Таджикского государственного института языков им. С.Улугзода, тел.: (+992) 919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

В статье рассматриваются вопросы роли и влияния социально-культурных факторов в управлении человеческими ресурсами, которые, по мнению автора, являются основными причинами возникновения кризиса культуры управления в отечественных организациях, предприятиях и пути их преодоления.

Автор пытается изложить процесс формирования эффективной культуры управления в тесной связи с влияниями социально-культурных факторов.

***Ключевые слова:*** *социально-культурные факторы, человеческие ресурсы, технологии управления, культура управления, процесс глобализации, компетенция, национальная идентичность*

# SOCIAL AND CULTURAL FACTORS OF HUMAN RESOURSES MANAGEMENT

***Shosaidov S.H.*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Professor, Associate, Director of the Research Center of the Ulugzoda Tajik State Institute of Languages, phone: (+992) 919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

The article discusses the role and impact of socio-cultural factors in the management of human resources, the main reasons for the emergence of a culture management crisis in domestic organizations and enterprises.

The author tries to outline the process of forming an effective management culture in close connection with the influence of socio-cultural factors.

***Key words****: socio-cultural factors, human resources, management technologies, management culture, globalization process, competence, national identity*

Истиқлолият ба миллати тоҷик дар шароити ниҳоят ҳассос, мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳон – охири асри XX насиб гардид, ки равандҳо ва тамоюлоти он ба мазмуни таҳаввули ҳастии иҷтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистон, пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии он таъсири амиқ гузошта, дар самти ҳифзи асолат, ҳувияти миллӣ, арзишҳои волои ахлоқиву маънавии мардуми ин сарзамин хатари ҷиддӣ эҷод намуд.

Раванди возеҳи ҷаҳонишавӣ, тамоюлоти ба он пайванди вазъи сиёсӣ, ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон роҳбарияти тозаинтихоби кишваррро водор намуд, ки бо дарки масъулияти баланд барои пайванди ҷомеаи нав ба ҷаҳони мутамаддини муосир, ки ҷавҳари ҳастии онро низоми демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳад, талош варзад.

Иҷрои ин рисолати ниҳоят муҳими таърихӣ дар шароити буҳрони шадиди сиёсиву идеологӣ, ҷанги таҳмилии дохилӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, мавҷуд набудани сохторҳо ва механизмҳои фаъоли идоракунии давлатӣ, дахолати хориҷӣ, раванди рушдёбандаи минтақагароӣ, мушкилоти хеле зиёди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таъмини сулҳу субот, ризоят ва ваҳдати миллӣ оғоз гардид.

Новобаста аз мушкилоти мавҷуда ба роҳбарияти давлат муяссар гардид, ки ҳадафҳои стратегӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди кишварро муайян намуда, тавассути консепсияҳо ва барномаҳои мақсадноки давлатӣ ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳо пайгирона талош варзад.

Дар татбиқи афзалиятҳои миллӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бешак бузург аст.

Назарияи идоракунӣ кайҳост, ки вобастагии рушди ташкилот ва ҷомеаро аз сатҳи ақлу заковат, донишу малака, салоҳиятнокӣ ва дигар сифатҳои роҳбар собит намудааст. Аммо арзёбии воқеии нақш ва саҳми шахсиятҳои бузург, пешвоён, сарварон, роҳбарони давлат ба омилҳои гуногун вобаста буда, меъёрҳои чунин арзёбӣ бо мурури замон пайваста такмил меёбанд.

Барои марҳилаи имрӯзаи рушди иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, ки ҳанӯз муҳлати тӯлонии таърихиро тай накардааст, дигаргуниҳои ҷиддии сиёсӣ ва иқтисодӣ хос буда, онҳо ба тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа таъсир расонидаанд. Ин омил ба рушди фарҳанги идоракунии корхонаву муассисаҳо, ширкату ташкилотҳои ватанӣ, ки бевосита зери таъсири шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташаккул меёбад, низ таъсир мерасонад.

Таҳияи стратегияҳои нави рушди ҷомеаи тозаистиқлоли тоҷик дар заминаи омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, қабл аз ҳама, омӯзишу баррасии стратегияҳои нави рушди инсон аст. Онҳо бояд баҳри ноил гардидан ба сатҳу сифати баланди зиндагӣ ва фаъолияти инсон, ба ташаккули хислатҳо ва қобилиятҳое, ки дар маҷмӯъ иқтидори захираҳои инсониро ташкил медиҳанд, равона гарданд. Бо дарназардошти аҳаммияти масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуд, ки – «ҷиҳати таҳкими заминаҳои рушди босуботу дарозмуддат мо дар стратегияву барномаҳои давлатӣ барои давраи то соли 2030 баланд бардоштани самаранокии истифодаи дороиҳои миллӣ, махсусан нерӯи инсонӣ ва воситаҳои асосӣ, инчунин тақвияти институтсионалии рушди кишварро самтҳои афзалиятнок мешуморем».[3,6]

Ба сифати дороии миллӣ арзёбӣ гардидани нерӯи инсонӣ ва баланд бардоштани истифодаи самараноки онро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлат таъкид намудани Президенти мамлакат бори дигар собит менамояд, ки корманди муосир бояд дорои донишу малакаҳои нави касбӣ, андешаҳои созанда, фикррони стратегӣ, қобилияти зуд қабул намудани қарор, сифатҳои ташаббускориву эҷодгарӣ, навҷӯйиву масъулиятшиносӣ, фазилатҳои нек ва маданияти баланди меҳнат кардан ва муносибат намудан бо ҳамкорон бошад. Аммо раванди ташаккули чунин сифатҳо дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ, ки дар омезишу бархӯрди ҷаҳонфаҳмии хоси даврони шӯравӣ ва тарзи нави идроки воқеияти замони соҳибистиқлолӣ, дастовардҳои назарияи муосири менеҷмент ва таҷрибаи миллии идоракунӣ ҷараён дорад, ногузир ба монеаҳои муайяни объективӣ ва субъективӣ мувоҷеҳ мегардад.

Ба ҳама гуна ташкилот, ба истисноӣ ширкатҳои бузург, ки дар хориҷа филиалу намояндагиҳо доранд, лоақал дар як муҳити фарҳангӣ фаъолият намудан хос аст. Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин маҷмӯи қонуниятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангие мебошанд, ки мақсад, шаклу усулҳои

фаъолияти идоракуниро дар ин ё он ташкилот муайян менамоянд. Аз ин рӯ, омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар шумули онҳо арзишҳои ҳаётӣ ва анъанаҳо афзалият доранд, ба ташкилот, ба сабки ташаккулёбандаи фарҳанги идоракунии он таъсири амиқ мерасонанд

Амсилаҳои муосири идоракунии захираҳои инсонии ташкилот дар Тоҷикистон бе асоси воқеӣ пайдо нашудаанд. Қонуниятҳои муайяни иҷтимоие мавҷуданд, ки ҳама гуна низоми идоракуниро аз лаҳзаи пайдоиш танзим намуда, новобаста ба таҳаввулоти гуногуни сиёсӣ, макроиқтисодӣ ва ғайра ҳамчун воситаи писандидаву афзалиятнок (ва баъзан ҳамчун ягона воситаи имконпазир)  рушди ояндаи онро муайян менамоянд. Новобаста ба ивазшавии низоми иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ҳайати иҷтимоии раванди идоракунӣ тӯли садсолаҳо метавонад бетағйир боқӣ монад. Дар шароити таҳаввулоти идоракунӣ захираҳои инсонии ташкилот дорои қонуниятҳои хос буда, аз бисёр ҷиҳат бо равандҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ алоқаманд мебошад.

Барои дарки низоми мураккаби идоракунии захираҳои инсонӣ дар ташкилотҳои муосир мо бояд сарчашмаҳои пайдоиши онро дар Тоҷикистон таҳлил намоем. Мусаллам аст, ки низоми мавҷудаи идоракунии захираҳои инсонии ташкилот  ҳадди ақал аз мероси замони шӯравӣ, амсилаҳои рафтори дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX (дар ҷараёни бозсозӣ-перестройка) ташаккулёфта, инчунин амсилаҳои идоракунии аз бизнеси байналмилалӣ интихоб ва ба шароити Тоҷикистон мутобиқ гардонидашуда иборат мебошад.

Тавре ки муҳаққиқони тоҷик қайд менамоянд, - «модели «усулҳои анъанавии (шӯравии) идоракунӣ» ҳамчунон дар баъзе ташкилотҳои Тоҷикистон амал карда истода, интиқоли ваколатҳо ба таври сода ва маҳдуд анҷом мепазирад».[3,430]

Татбиқи технологияҳои идоракунии захираҳои инсонӣ, ки дар Ғарб пазируфта шуда, дар соҳаи бизнеси ватанӣ мавриди истифода қарор мегиранд, дар амал пайваста ба мушкилоти иҷтимоӣ-фарҳангии мутобиқшавӣ дучор мегарданд.

Вале новобаста аз яқин будани аҳаммияти назариявӣ ва амалии проблема он ҳанӯз мавриди таҳқиқи  алоҳида қарор нагирифтааст. Дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ мавзӯи таъсири омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аксаран ҳамчун проблемаи байнифаннӣ  ташреҳ ёфта, дар омезиши зичи равобити сотсиологияи идоракунӣ, сотсиологияи иқтисодӣ, назарияи ташкилот, назарияти идоракунии ҳайат ва ғайра мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегирад.

Мавзӯи таъсири арзишҳо ва  омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба идоракунии ҳайат, идоракунии захираҳои инсонӣ  бештар дар осори олимон В.А. Ядов, А.Г. Здравомыслов, Д.Н. Узназде, Ш.А. Надирашвили, А.Г. Асмолов, А,Л. Темницкий, Т.Е. Холл, Г. Хофштеде,

Ф. Тромпернаарс, Н. Адлер, Ш. Шварц, С. Шнайдер, Ж.Л. Барсу ва дигарон баррасӣ гардидааст.

Дар ин асарҳои ин пажӯҳишгарон дастгоҳи мафҳумҳо (дастгоҳи истилоҳот), усул (принсипҳо) ва механизмҳои алоҳидаи идоракунии ташкилотҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Вале дар соҳаи илмҳои гуманитарии ватанӣ, ки заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии фаъолияти хоҷагидориро дар масири рушди таърихии ҷомеа таҳқиқ мекунанд, махсусан дар самти омӯзиши арзишҳои бунёдии фарҳанги иқтисодӣ ва баррасии робитаи мутақобилаи фарҳанги иқтисодӣ бо дигар ҷузъиёти рушди мутамаддини Тоҷикистон ҳанӯз «холигие» мушоҳида мегардад. Тавассути таҳқиқоти густурда мукаммал гардонидани ин «фазои холӣ» бо иттилооти тозаи илмӣ яке аз вазифаҳои муҳими муҳаққиқони тоҷик ба шумор меравад.

Фарҳанги муосири идоракунии ватанӣ, ки дар шароити иқтисоди планӣ ташаккул ва рушд ёфта буд, имрӯз дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ба талаботи азнавсозии инноватсионии иқтисодиёти мамлакат ҷавобгӯ нест.

Сабабҳои хоси бухрони фарҳанги муосири идоракунии корхонаву ташкилотҳои ватанӣ аз инҳо иборат аст:

- беэътиноӣ нисбат ба донишу таҷрибаандӯзӣ, дастовардҳои илмии назарияи муосири идоракунӣ (чунин муносибат бештар дар байни соҳибкорони хурду миёна ба назар мерасад, ки сабаби асосии он мавҷуд набудани низоми густурдаи таҳсилоти касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос барои ҳамин категорияи роҳбарон мебошад);

- бартарият доштани самти мамнӯъиятҳо дар меъёру қоидаҳои рафтору гуфтор. Мавҷудияти тамоюли мамнӯъиятҳо шаҳодати сатҳи пасти рушди фарҳанги идоракунӣ мебошад. Доираи чунин мамнӯъиятҳо махсусан дар самти муайяннамоии ваколатҳо миёни роҳбарон ва тобеон васеътар аст. Дар тафаккури роҳбари имрӯза, ки ҳанӯз комилан ба фазои демократии идоракунӣ ворид нагардидааст, вай (роҳбар) ҳамоно дорои ваколатҳои номаҳдуд, корманд бошад, танҳо сохиби ваколатҳоест, ки аз иродаи роҳбар, аз майлу хоҳиши вай бармеоянд. Дар ин маврид, мавҷудияти нишондоду талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ арзише надоранд. Чунин вазъият, махсусан, дар ташкилоту муассисаҳое, ки дар онҳо шумораи мененҷерони касбӣ камтар аст, бештар ба назар мерасад.

- дар тасвиру муайянсозии уҳдадориҳои функсионалии кормандон ва муносибатҳои расмии меҳнатӣ накш ва таъсири қолабҳо бузург аст. Таъсири манфии онҳо, махсусан дар марҳилаҳои гузариш баръало ба назар мерасад. Вале барои низоми муосири идоракунӣ моҳияти тамоми қолабҳо ягона нест. Бо дарназардошти он ки усулҳои нави идоракунӣ на ҳамеша барои ҳалли самараноки вазифаҳои идоракунӣ мусоидат менамоянд, дар радифи усулҳои нави идоракунӣ мавриди истифода қарор додани қолабҳое, ки дар мундариҷаи онҳо унсурҳои ратсионалӣ (оқилонаи идоракунӣ) бартарият доранд, мувофиқи мақсад аст.

- беэътимодӣ (нобоварӣ, шубҳа) нисбат ба афроди роҳбарикунанда (директор, раис ва амсоли ин). Ду намуди боварӣ маъмул аст. Якум, корманд ба роҳбар эътимод дорад, зеро ӯ ба майлу мароми роҳбар бовар дорад, вай боварӣ дорад, ки ҳадафҳои умумии ташкилот ба мақсадҳои корманди алоҳида ҳамнавоӣ мекунанд. Дуюм, ин боварӣ на танҳо ба майлу мароми инсон, балки боварӣ ба қобилияти ӯ ҷиҳати иҷрои ин майлу хоҳиш ва маромҳо. Ҳарду намуди боварӣ муҳиманд;

- нармдилӣ, баъзан аз андоза зиёд ҳалимӣ зоҳир намудани теъдоди муайяни роҳбарон дар раванди идоракунӣ;

- мусоҳилакорӣ (саҳлангорӣ, бепарвоӣ) нисбат ба корманд, бахусус нисбат ба вазъи иҷтимоии ӯ;

-номуайянии низоми (амсилаи) идоракунӣ, парокандагии донишҳои назариявӣ дар соҳаи идоракунӣ, мавҷуд набудани таҷрибаи кофии идоракунӣ;

-бо душворӣ дарк ва татбиқ намудани навгониҳо, инкор намудан дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва мушкилоти раванди татбиқи онҳо;

- бесарусомонӣ (бенизомӣ, бетартибӣ), мавҷуд набудани мақсадҳои равшану мушаххас, иродаи матин ва майли татбиқи ҳадафҳо;

- шаккокӣ, беэътиноӣ нисбат ба арзишҳои ахлоқӣ дар шаклу усулҳои идоракунӣ;

- танбалӣ (коҳилӣ, беҳавсалагӣ), сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат, аз ҷумла дар самти идоракунӣ;

- майлу хоҳиши беандозаи беасоси воқеӣ барои ба даст овардани фоидаи зиёди фаврӣ. Дар ин маврид, тамоми қонунияту принсипҳои назарияи муосири маркетинг сарфи назар мешаванд: талаботи истеъмолкунанда, арзишу сифати молу маҳсулот, хизматрасониҳо, хароҷоту маҳрумиятҳо аҳамияте надоранд.

- беэътиноии комил нисбат ба сифати молу маҳсулот, кор ва хизматрасониҳо, ки дар байни хосу ом бо калимаву иборҳои таҳқиромези (бренди) *«тоҷикӣ», «тоҷикиш кун», «тоҷикӣ шудааст-ку»* маъмул гардидааст. Чунин рафтор дар ҷараёни идоракунӣ, ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ низ ба назар мерасад.

- майли беандоза ба сӯйи шукӯҳу ҷалол ва ифроткорӣ (ин сифат бештар дар байни роҳбарони ҷавону бетаҷриба ва одатан онҳое, ки аз қишри камбизоати аҳолӣ бо тасодуфи тақдир ба мансаби роҳбарӣ расидаанд, бештар мушоҳида мешавад).

Бартараф намудани ин сабабу омилҳо вазифаи аввалиндараҷаи роҳбарони ширкату корхонаҳо ва муассисаву ташкилотҳои ватанӣ ба шумор меравад.

Дар байни шаклу усулҳои гуногуни идоракунӣ, ки барои бунёди корхонаи самаранок фаъолияткунанда мусоидат хоҳанд кард, фароҳам овардани шароитҳои зарурии иҷтимоӣ-фарҳангӣ мақоми хоса доранд.

Ба қадри кофӣ ташаккул наёфтан ё умуман мавҷуд набудани фарҳанги идоракунии вақт (муҳиммияти омили вақт (арзиши вақт) ҳанӯз ҳамчун сармояи беҳамто дар ҳаёту фаъолият, аз ҷумла дар раванди идоракунӣ аз ҷониби роҳбарони корхонаву муассиса ва ширкатҳои ватанӣ дарк нашудаааст. Ҳол он ки «аксарияти арзишҳои фарҳангиву таърихии рушди инсоният, ки ҳазорсолаҳо ташаккул меёбанд, таҷассумгари асосии омили вақт дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба шумор рафта, хусусияти хос ва қонунияту меъёрҳои онро инъикос менамоянд. Пас, алоқамандии вақти табиӣ, вақти инсон ва вақти таърихӣ дар якҷоягӣ як низоми бузурги зиндагӣ ва рушди имрӯзаро ташкил дода, ҳамчун арзиши бебаҳои вақт намоён мегардад».[1,68]

Идоракунӣ хамеша ба муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ робитаи мустақим ва ногусастанӣ дорад. «Дар ҳолати мавҷуд набудани фарҳанги баланди иҷтимоии менеҷменти корхонаҳо, кормандони онҳо метавонанд берун аз фаъолияти корӣ ба ҳизбҳо ва гурӯҳҳои мазҳабию динӣ пайваст гашта, ба ҷиноятҳои террористӣ ва сиёсию зиддиинсонӣ даст зананд, ки ин монеаи бузурги рушди менеҷменти асри XXI мебошад».[2,415] Аз ин ҷост, ки фарҳанги идоракунӣ дар байни соҳибкорони олам мақоми арзанда касб намуда, ба омили муҳими рушди устувор табдил ёфтааст.

Ба ташаккули фарҳанги самарабахши идоракунӣ омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии зерин таъсири мустақим мерасонанд:

Якум, мақоми иҷтимоӣ, ки инъикосгари мавқеи фард ё гурӯҳ буда, тавассути аломатҳои иҷтимоӣ ва табиӣ, инчунин эътибор ва мавқеъ дар сохтори ҳокимият муайян мегардад. Айни замон, сатҳи фарҳанги идоракунӣ ба баланд гардидани мақоми иҷтимоии намояндагони қишрҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла мутахассисони ҷавон, соҳибкории хурду миёна ба таври бояду шояд мусоидат намекунад. Чунин вазъият боиси он мегардад, ки мутахассисони соҳибтаҷриба, ки дар баробари донишҳои касбӣ дорои малакаҳои муайяни идоракунӣ мебошанд, дар канор мемонанд. Ниҳоят, чунин вазъият ба зуҳури сабки худкомаи (авторитарии) идоракунӣ ва эҷоди мамнӯъиятҳо мусоидат менамояд.

Дуюм, адолати иҷтимоӣ ҳамчун ифодаи баҳои мутлақи маънавии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар маҷмӯъ муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муносибати ҷомеа нисбат фардро инъикос менамояд. Аслан, адолати иҷтимоӣ худуди мушаххас надорад. Ҳатто дар дохили гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ тасаввурот оид ба адолати иҷтимоӣ гуногун аст. Муҳаққиқон шартан се меъёри адолатро ҷудо намудаанд:

- адолати хизматрасониҳо – тибқи асли (принсип) равияи неолибералии «касе, ки бештар кор мекунад, бояд бештар фоида гирад», зимни он давлат бояд дастрасӣ (дастёбӣ) ба хизматрасониҳои иҷтимоиро маҳдуд намуда, худтаъминкуниро дар бозор дастгирӣ намояд;
- адолати талаботҳо (захираҳо дар асоси қоидаҳои талабот, ки бо дастури давлат таҳия гардидаанд, тақсим мешаванд);

- адолати функсионалӣ (барои ояндаи миёнмуҳлат нобаробарӣ дар бозор одилона аст, зеро дар ниҳояти кор он некӯаҳволиро барои ҳамагон ба ҳадди аксар мерасонад). Ин механизм дар сатҳи ташкилоту муассисаҳо, ҳангоми тақсимоти нақшу саҳм, неъматҳои моддиву маънавӣ ва ғайра байни ҳайати ташкилот низ зоҳир мегардад.

Сеюм, - афкори умум, ҳамчун тарзи махсуси зуҳури ҳолати идроки (фаҳмиши) ҳамин иттиҳод (ҷомеа, коллектив, гурӯҳ, даста), ки дар маҷмӯъ муносибати аксарияти аъзои онро нисбату ҳаводису равандҳо, тамоюлоту воқеаҳо тавассути баҳогузорӣ, ибрози андешаҳо ва амалҳо инъикос менамояд.

Дар ин радиф афкори умум ҳамчун омили иҷтимоӣ-фарҳангие, ки ба фарҳанги идоракунӣ таъсир мерасонад, функсияҳои зеринро иҷро мекунад:

- функсияи танзимгари муносибати байни одамон дар сатҳи ҷомеа, шахс ва коллектив, коллектив ва ҷомеа, инчунин байни ҷомеа ва шахс. Дар ин маврид таъйиноти асосии ин функсия – дар замири ҳар фард тарбия намудани ҳисси баланди масъулият нисбат ба кори худ ва рафтору кирдори ӯ дар ҷомеа, дарки моҳияти инсон, ёрӣ расонидан ба ӯ ва ташаккули хисси масъулияти маънавӣ мебошад;

- татбиқи функсияи назоратӣ (эспрессивӣ). Ин хусусият ба афкори умум характери нерӯи пурқувватро аз болои ниҳодҳои ҳокимият таъмин намуда, қодир аст фаъолияти ниҳодҳо ва сарварони корхонаву ташкилот, муассисаву ширкатҳо, аҳзобу давлат ва ғайраро одилона арзёбӣ намояд.

- функсияи машваратӣ (консултативӣ). Моҳияти функсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми зарурат афкори умум қодир аст нисбат ба ҳаллу фасли мушкилоти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, байнидавлатӣ маслиҳату машварат ва дастур диҳад;

- функсияи баҳодиҳӣ (арзёбӣ). Дар ин маврид зуҳуроти муносибат нисбат ба ин ё он факту рақам, ҳодиса, мушкилоту равандҳо мушоҳида мегардад.

Чорумин омили муҳими иҷтимоӣ-фарҳангии рушди фарҳанги идоракунӣ ин сатҳи таҳсилот ба ҳисоб меравад. Таҳсилот – падидаи нисбӣ аст, зеро таҳсилот мустақиман музди меҳнати баланд, мақоми шоистаи иҷтимоӣ, хокимият ва зиёда аз ин баланд гардидани фарҳанги идоракуниро кафолат дода наметаваонад. Вале новобаста ба ин озодии шахс, қабл аз ҳама, аз сатҳи андухти донишҳо оид ба рушди табиату ҷомеа ва тафаккур вобаста аст. Шахси бо чунин донишҳо мусаллаҳ қодир аст равандҳои гуногунро идора намояд. Аммо дониш на танҳо воситаи андухту захиранамоӣ ва пахшу дастрасгардонии фарҳанг ё арзишҳои фарҳангӣ аст, балки истифодаи донишҳо, татбиқи амалии онҳо вазифаи эҷодӣ буда, дар ҳар лаҳзаи нотакрор ва тағйирёбанда ҳаллу фасл хоҳад шуд.

Панҷумин омили иҷтимоӣ-фарҳангии ташаккул ва рушди фарҳанги идоракунӣ ин хусусиятҳои синнусолӣ ба шумор меравconfigured. Ҳар

як марҳилаи синнусолӣ дар рафтори муайяни ҳайати ташкилот падидор мегардад. Бо болоравии синну сол самти талоботу мотватсияи инсон тағйир ёфта, таҷриба ғанӣ мегардад, маҳорату малакаҳо ва ҳатто қалабҳои муайяни рафтор ташаккул меёбанд, суръати азхуднамоии донишу малакаҳои нав паст мегардад. Масалан, самти нерӯманди роҳбар то синни 40-45 солагӣ омода будан ба таваккал кардан, ҳарос надоштан аз хавфу хатарҳо, зуд қабул намудани қарор дар шароити муташаниҷи (ноустувори) иқтисодӣ ва эҷодкорӣ мебошад. Намояндагони синну соли калонтар ба натиҷаҳои дарозмуддат, ба дурнамои рушд майл дошта, бештар ба таҷрибаи худ такя мекунанд

Шашумин омили иҷтимоӣ-фарҳангии ташаккул ва рушди фарҳанги идоракунӣ ин хушбинии (оптимизми) иҷтимоӣ ҳамчун зуҳури ҳолати маънавии инсон маҳсуб меёбад. Омили мазкур дар боварии инсон ба ояндаи нек, дарки мусбати воқеият, эътимод ба имконияти беҳтаршавии шароити зиндагӣ, дарки муҳиммияти худ ҳамчун нерӯи арзишманди иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Ҳамаи ин сифатҳо ҷузъи муҳими маънавии фарҳанги идоракунӣ ба шумор мераванд. Албатта, корманд метавонад фаъол ва ғайрифаъол, дорои нерӯи созанда ва сӯзанда (харобкор) бошад. Агар худпарастӣ, беномусӣ, тарсу ҳарос нерӯи шахсро халалдор сохта, манбаи тавонмандии ӯро хароб намоянд, шавқу завқ ва майлу хоҳиши фаъолияти манфиатовару мусбат, кори эҷодӣ ва ҳамкорӣ, боварӣ ба нерӯи худ ба инсон зӯру тавони иловагӣ мебахшанд.

Ҳафтумин омиле, ки ба ташаккули фарҳанги идоракунӣ таъсир мерасонад ин солимиву кайфияти иҷтимоии ҳайат ба шумор меравад. Ба солимиву кайфияти инсон арзёбии имкониятҳо, кӯшишҳо, мақсаду маром ҷиҳати татбиқи самарабахши нақшаҳои ҳаётан муҳим дар шароити мавҷудаи (мушаххаси) сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсири бузург мерасонанд. Вале ҳангоми андозагирии (арзёбии) солимиву кайфияти иҷтимоӣ инсон набояд фирефтаи ҳолатҳои эмотсионалии яклаҳзаина гардад, зеро чунин кайфият аз авҷу коҳиши рӯҳияи (авзои) ҷомеа вобаста буда, одатан устувор нест. Он метавонад ба самти мусбат ё манфӣ тағйир ёбад. Бинобар ин, натиҷагирӣ бояд дар заминаи баҳогузории вазъи воқеии қонеъгардонии талаботи асосии иҷтимоӣ, ки дар ниҳояти кор ифодагари сатҳи некӯаҳволӣ аст, анҷом ёбад. Кайфияти иҷтимоии инсон аз сатҳи қонегардонии ниёзҳои иҷтимоии ӯ аён мегардад ва он дар навбати худ маҳсули (зуҳуроти) низоми мавҷудаи неъматҳои иҷтимоӣ, истеҳсолу тақсимоти онҳо маҳсуб меёбад. Масалан, таъсири буҳрони иқтисодиву молиявӣ, боло рафтани сатҳи таваррум, гароншавии нархи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои асосӣ боиси бад шудани кайфияти иҷтимоии табақаҳои гуногуни аҳолӣ мегардад.

Ҳаштумин омили муҳиме, ки ба фарҳанги идоракунии захираҳои инсонӣ таъсир бузург мерасонад, ин аз нигоҳи иҷтимоӣ гуногун будани сатҳи таъминоти ҳайат аст. Онро метавон дар сатҳи ҷомеа низ мушоҳида кард. Вале бо вуҷуди таъсири манфии равандҳои сиёсиву иқтисодии

ҷаҳон имрӯз тадбирҳои муассиру саривақтии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси он гардиданд, ки дар мамлакат «сатҳи камбизоатӣ то 31 фоиз паст гардид ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 3,8 фоиз зиёд щуд».[6,4]

Мусаллам аст, ки гуногунии сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ба ҷараёни идоракунии захираҳои инсонӣ ва сатҳи фарҳанги идоракунӣ таъсири муайян мерасонад. Бо дарназардошти таъсири чунин омилҳо «таъмини шароити мусоид барои рушди нерӯи рӯҳию маданӣ, касбию ҳунарӣ ва анъанаҳои таърихии фазилатпарварии миллати тоҷик, ҳамчун вазифаи муҳими ташкили фарҳанги иҷтимоӣ дар корхонаҳо ба шумор меравад. Аз ин рӯ раҳандозии ташаккули ахлоқии менеҷменти ширкатҳо бояд ядрои асосии менеҷменти рушди нерӯи инсонӣ қарор гирифта, ба ин восита ташаккули адолати иҷтимоӣ, инсонгароии (гуманизатсияи Ш.С.) иқтисодиёт ва рушди устувори фарҳанги касбии ҷомеа таъмин карда шавад».[2,414]

Бо дарназардошти хусусиятҳои хоси демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла сифату суръати афзоиши табии аҳолӣ таълиму тарбияи насли солиму бомаърифат яке аз воситаҳои муқтадири рушди ҷомеа, мустаҳкамии қудрати давлатдорӣ ва устувории тамаддуни миллӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, сатҳи андешаву тафаккури идоракунӣ, аз ҷумла идоракунии захираҳои инсонӣ ки маҳсули воқеияти иҷтимоӣ махсуб меёбанд, бояд тавре ташаккул ва рушд ёбанд, ки ба маҷро ва талаботи замони таҳаввулоти азим, ба манфиату ормонҳои мардуми Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад.

Дар заминаи таҳлили осори илмии соҳаи идоракунӣ тамоюлоти зерини рушди афкори идоракунии замони муосир, аз ҷумла идоракунии захираҳои инсониро метавон зикр намуд:

- касбишавии илми идоракунӣ;
- афзудани ҷанбаи прагматикии (амалӣ, корбурдии) илми идоракунӣ;
- аз нигоҳи шумора афзудани дастгоҳи идоракунӣ, мураккабшавии сохтори он, пурзӯр гардидани раванди тафриқаёбии (дифференсиатсияи, гуногуншавии) меҳнати идоракунӣ;
- тақвият ёфтани раванди муҷаҳҳазгардонии техникӣ ва аз нигоҳи технологӣ мураккаб гардидани меҳнати идоракунӣ;
- тамоюл ба инсон - ҳамчун арзиши олитарини тамоми раванди идоракунӣ.

Дар консепсияҳои муосири идоракунӣ инсон мавқеи марказиро намуда, ҳамчун арзиши олии ташкилот арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, тамоми низомҳои идоракунӣ кӯшиш менамоянд, ки таваҷҷӯҳи хешро пеш аз ҳама, ба рушду такомули қобилиятҳои гуногуни кормандон равона созанд, то ин ки нерӯи зеҳниву ҷисмонии инсон дар ҷараёни меҳнати муштарак ба ҳадди аксар мавриди истифода қарор гирад.

Зеро ба андешаи муҳаққиқони соҳаи идоракунӣ «ташкилотҳоро одамон бунёд мекунанд ва одамон метавонанд онҳоро нобуд созанд. Моликияти арзишмантарини бизнес на технологияҳо ва сармоя, балки одамон маҳсуб меёбанд.[4,14]

Ҳамин тавр, илми муосири идоракунӣ, тадриҷан ба сӯйи иҷтимоишавӣ ва равонишавӣ роҳ мепаймояд. Имрӯз ҷустуҷӯи роҳҳои муносиби фаъолгардонии омили инсонӣ дар дохили ташкилот ва баҳисобгирии хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иҷтимоӣ-психологии ҳайати кормандон ба сифати омили муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муштарак дар ҳама гуна ташкилот эътироф гардидааст. Дар ҷомеаи тозаистиқлоли тоҷик низ танҳо ҳамин гуна фаҳмиш ва муносибати идоракунӣ имкон медиҳад, ки рушди самараноки нерӯи инсонӣ таъмин гардида, дар самти идоракунӣ як низоми муосири арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташаккул ва рушд ёбад.

**Адабиёт**


1. Ғаниев Т. Б. Вақтшиносӣ чун омили иҷтимоиву иқтисодии рушди касбӣ дар менеҷмент // Идоракунии давлатӣ.- 2015.-№ 1(25).- С. 65-73.
2. Ғаниев Т. Б. Ташкили менеҷменти захираҳои башарӣ.- Душанбе, 2011.- 472 с.
3. Менеҷмент.- Душанбе: Ирфон, 2015.- 463 с.
4. Менеджмент XXI века / Под ред. С. Чоудхари; Пер. с англ.- М.: Инфра-М, 2002.- 448 с
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2015.-47 с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2016.- 39 с.

# ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ КАДРӢ ДАР МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ (ДАР МИСОЛИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ВМКБ)

***Алимшоев М.М***. - *н.и.т., дотсент, ноиби ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, 736000, ш. Хоруғ, кӯчаи. Шотемур 28, тел.: 93 598 45 96, E-mail: alimshoev@list.ru*

Мақола ба масъалаи истифода ва татбиқи технологияҳои кадрӣ дар мақомоти давлатӣ бахшида шуда, муаллиф дар мисоли амалкарди низоми мазкур дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ бо истинод ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва овардани маълумоти густардаи оморӣ масъаларо мавриди баррасӣ қарор додааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *технологияҳои кадрӣ, амалкард, хизмати давлатӣ, сатҳи касбӣ, стратегияи ислоҳот, озмун, воҳиди сохторӣ, захираи кадрӣ*

# ПРИМЕНЕНИЕ КАДРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ГОСУДАРСТВЕННЫХ ОРГАНАХ (НА ПРИМЕРЕ МЕСТНЫХ ИСПОЛЬНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ ГБАО)

***Алимшоев М.М. -*** *к.и.н., доцент, проректор Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева, 736000, г. Хорог, ул. Шотемур 28, тел.: ( +992) 93 598 45 96, E-mail: alimshoev@list.ru*

Статья посвящена применению кадровых технологий в государственных органах. Автор на примере функционирования кадровых технологий в местных исполнительных органах государственной власти ГБАО со ссылкой на нормативные правовые документы анализирует вопрос, приводя конкретные статистических данные.

***Ключевые слова:*** *кадровые технологии, функционирование, государственная служба, профессиональный уровень, стратегия реформ, конкурс, структурная единица, кадровый резерв*

# HR TECHNOLOGY APPLICATIONS IN GOVERNMENT AUTHORITY (ON THE EVIDENCE OF LOCAL EXECUTIVE AUTHORITIES OF GBAR)

***Alimshoev M.***- *Candidate of Historical Sciences, Professor Associate, Vice-Rector Khorog State University after M. Nazarshoev, 736000, Khorog, Shohtemour str. 28, phone: (+992) 93 598 45 96, E-mail: alimshoev@list.ru*

The article is devoted to the use of human resources technology in government authority; the author exemplifies the application of human resources technology in the local executive authorities of GBAR by reference to normative legal documents, and analyzes the issue, citing specific statistical data.
***Keywords:*** *HR technology, functioning, civil service, professional level, reform strategy, competition, structural unit, employee pool*

Ташаккули хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раванди таҳкими истиқлолияти давлатӣ, низоми нави сиёсӣ, рушди иқтисоди миллӣ, ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо робитаи зич дорад.

Дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ бо сабаби аз байн рафтани низоми тайёр намудани кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бахусус дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ кадрҳои ботаҷриба намерасиданд, ки он ба самаранокии идоракунӣ ва сатҳи касбии кормандони ин мақомот таъсири ҷиддӣ расонид. Кадрҳои ҷавоне, ки аз ҳисоби мақомоти давлатию ҳизбӣ аввали солҳои 90-ум мактабҳои олии партиявии шаҳрҳои Тошканд, Москва, Саратов, Минск, Рига ва дигар ҷойҳоро хатм намуда буданд, бо сабаби аз саҳнаи сиёсат ва идоракунии давлатӣ барканор гардидани ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ барои кор дар мақомоти давлатӣ дигар ҷалб карда нашуданд. Бояд қайд намуд,ки низоми тайёр намудани кадрҳои роҳбарикунанда дар ин мактабҳои олии ҳизбӣ дар сатҳи зарурӣ қарор дошт ва хамкунандагони ин муассисаҳо мутахассисони соҳибкасб буданд.

Бо мақсади мустаҳкам намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос 13 ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» кабул шуда, ба низоми хизмати давлатӣ асос гузошт.

Ташаккули низоми нави давлатдории кишвар талаби қабули санадҳои нави меъёрию ҳуқуқиро тақозо намуд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни 2007 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон», аз 31 августи соли 2007 «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон» аз қабили ҳуҷҷатҳои муҳимтарини раванди ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравaнд.[1,49]

Тавассути хизмати давлатӣ таъмини самаранокии идоракунӣ ва фаъолияти мақсадноки шохаҳои гуногуни ҳокимияти сиёсӣ ва давлат таъмин мегардад. Дар моддаи 27 Конститутсияи кишвар ҷой додани меъёри конститутсионӣ оид ба баробарҳуқуқии шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ – кафолати асосии таъмини баробарҳуқукии шаҳрвандонро ба хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамояд.[1]

Раванди хизмати давлатии кишвари мо дар ин муддати кӯҳтоҳ рушд намуда, дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва самти татбиқи сиёсати давлатии кор бо кадрҳо корҳои зиёд анҷом дода шудаанд. Татбиқи технологияҳои кадрӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давоми ду даҳсолаи охир куллан тағйир ёфта, фаъолияташон самаранок арзёбӣ мегардад.

Ҳайати кадрҳои маъмурии хизматчиёни давлатӣ дар ВМКБ нишон медиҳад, ки теъдоди умумии хизматчиёни давлатӣ ба ҳолати моҳи феврали соли 2016, 719 нафарро ташкил медиҳад, аз онҳо 40 мансаби роҳбарикунандаи воҳидҳои сохтории дастгоҳ, 1 нафар муовини роҳбари дастгоҳи раиси вилоят, 23 мудирони шуъбаҳои воҳидҳои сохтории дастгоҳ, 13 мудирони бахши воҳидҳои сохтории дастгоҳ, 6 роҳбарони воҳидҳои сохтории ҳокимияти иҷроия, 4 муовинони роҳбарони воҳидҳои сохтории ҳокимияти иҷроия, 18 мудирони шуъбаи воҳидҳои сохтории ҳокимияти иҷроия, 73 мудирони бахши воҳидҳои сохтории ҳокимияти иҷроия, 43 раисони ҷамоатҳои деҳот,1 муовини раиси Ҷамоати деҳот, 43 котибони ҷамоатҳои деҳот, ҳамагӣ 265 мансабҳои роҳбарикунанда мебошанд.

Дар ин давра дар мақомоти давлатӣ 10 ҷойи холӣ (1,3 % мансабҳои хизмати давлатӣ мавҷуд буда, 709 нафар хизматчиёни давлатӣ, асосан дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ кор мекунанд. Микдори занон дар мақомоти давлатӣ 192 нафар (27 %) –ро ташкил медиҳанд. [3]

Аз 709 нафар хизматчиёни давлатӣ, 612 нафар бо маълумоти олӣ (86,3 %), олии нопурра 17 нафар (2,3 %), миёнаи касбӣ 77 нафар (10,8%), 3 нафар дорои 2 маълумот кору фаъолият доранд.

Аз 709 нафар хизматчиёни давлатии мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, ки амалан кору фаъолият доранд 192 нафар (27 %) занонро ташкил медиҳанд. Аз байни занон 1 нафар муовини раиси вилоят, 1 нафар раиси шаҳр ва 1 нафар раиси ноҳия, 6 нафар муовинони раиси шаҳру ноҳия, 3 нафар мудири шӯъбаи воҳидҳои сохтории дастгоҳ, 8 нафар мудирони бахши воҳидҳои сохтории дастгоҳ, 1 нафар сардори раёсат, 1 нафар муовини сардори раёсат , 4 нафар мудирони шӯъбаи воҳидҳои сохтории ҳокимияти иҷроия, 17 нафар мудирони бахши воҳидҳои сохтории ҳокимияти иҷроия, 8 нафар раисони ҷамоатҳо, 10 нафар котибони ҷамоатҳо мебошанд. Ҳамагӣ 61 (31,7 %) нафар занон дар мансабҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ кору фаъолият доранд.Аз 43 нафар раисони ҷамоатҳо, 8 нафарашон (18,6 %) ва аз 43 нафар котибони ҷамоатҳои деҳоти вилоят 10 нафарашон (23,2 %) -ро занон ташкил медиҳанд.

Аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 211 нафарашон (29,7 %) –ро ҷавонони то синни 35 сола ташкил медиҳанд. Ба тариқи озмун дар соли 2015 75 нафар ба мансабҳои хизмати давлатии маъмурӣ таъйин

шуданд, ки аз байни онҳо ҷавонони то синни 35 сола 41 нафар (54,6 %) -ро ташкил медиҳанд.[3]

Яке аз масъалаҳои ташкилии соҳаи хизмати давлатӣ ба тариқи озмун ба қор кабул намудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ мебошад. Ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2009 №659 «Дар бораи тасдики Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» корҳои муайяне ба иҷро расонда шуд.

Тибқи талаботи Низомномаи мазкур дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ дар солҳои 2007-2015 618 озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, аз ҷумла 134 озмуни дохилӣ ва 484 озмуни кушода гузаронида шуданд. Ба мансабҳои дар озмун эълоншуда 1228 нафар довталаб ҳуҷҷат пешниҳод намуда, ба 1077 нафар довталаб ба сӯҳбат иҷозат дода шуд. Аз озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии 618 нафар гузаштанд, аз ҷумла аз мақоми мазкур 187 нафар, аз ҳисоби дигар довталабон 431 нафар, 459 нафар аз озмун нагузаштанд.[3]

Дар солҳои 2007-2015 дар вилоят 1325 нафар хизматчиёни давлатӣ ба аттестатсия фаро гирифта шудаанд, 1266 нафар хизматчиёни давлатӣ ба мансаби ишғол намудаашон мувофиқат намуда, 112 нафар ба захираи кадрҳо ворид карда шуда, 29 нафар ба мансаби баландтар, ба 87 нафар пеш аз муҳлат додани рутбаҳои тахассусӣ, 31 нафар ба мансаби пастар гузаронида шуда, ба 95 нафар барои аз курсҳои такмили ихтисос гузаштан тавсия дода шуда, 16 нафар ба аттестатсияи такрорӣ мононда шудаанд.

Аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ дар соли хониши 2015-2016 5 нафар хизматчиёни давлатӣ, аз он ҷумла 2 нафар занон дар магистратураи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намуданд. Аз соли 2009 то соли 2015 ҳамагӣ аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ 47 нафар хизматчиёни давлатӣ, аз он ҷумла 19 нафар занон магистратураи номбурдаро хатм намуданд ва 2 нафари онҳо Абдуллоева Ф. ва Абдураҳмонова П. ба навиштани рисолаҳои номзади илм машғуланд.

Ҳамин тариқ, вазифа ва мақсади асосии хизмати давлатӣ дар амал татбиқ намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ дар самти сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёдкорию созандагӣ, ислоҳоти системаи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ мебошад.

## Адабиёт

1. Қосимов Г.Ҷ., Нуриддинов Ҳ., Искандаров Қ.,Ализода Б.П. Хизмати давлатӣ дар Ҷуҳурии Тоҷикистон. Душанбе,2012

2. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе,2003

3. Бойгонии шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ солҳои 2007-2016

## НАКУҲИШИ РИШВАСИТОНӢ ВА СУДХӮРӢ ДАР ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ

***Файзализода Ҷ.Х.*** *– д. и. п., профессор, мудири бахши таълими Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992)224 31 62, 918 506 324, E-mail: fjumakhon@mail.ru*

Ришваситонӣ ва судхӯрӣ ҳамчун падидаҳои фасодовар ва зишти ҷомеа дар фарҳанги исломӣ мавриди интиқоди шадид ва накуҳиш қарор гирифтаанд, зеро ба шариати исломӣ ихтилофи ҷиддӣ доранд.

Муаллиф бо такя ба маъхазҳои муътабари шарҳу тафсири Қуръони маҷид ва ҳадисҳои Паёмбари ислом (с) саъй намудааст, ки ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи мавриди назар равшанӣ андозад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *ришваситонӣ, фасод, фарҳанги исломӣ, таҳаввули афкор, Қуръони маҷид, ҳадис, суннат, ҳаром, аҳд, замони ҷоҳилият, ҳадя, садақа, лаънат хондан,фақеҳ*

## ОСУЖДЕНИЕ ВЗЯТОЧНИЧЕСТВА И РОСТОВЩИЧЕСТВА В ИСЛАМСКОЙ КУЛЬТУРЕ

***Файзализода Дж.Х.*** *– д.п.н., профессор, заведующий учебной частью Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) (+992)224 31 62, 918 506 324, E-mail: fjumakhon@mail.ru*

Взяточничество и ростовщичество в качестве коррупционных и отвратительных явлений подвергнуты серьёзной критике и осуждению в исламской культуре, так как они противоречат основным догмам ислама.

Опираясь на авторитетные источники, посвященные данному вопросу, такие как толкования Корана и хадисы Пророка ислама, автор пытается пролить свет на различные аспекты данного вопроса.

***Ключевые слова:*** *взяточничество, коррупция, исламская культура, изменение взглядов, Коран, хадисы, сунна, недозволенный, пакт, период, невежество, подарок, подаяния, проклинать, богослов*

## CONDEMNATION OF BRIBERY AND USURY IN ISLAMIC CULTURE

***Faizalizoda J.H.*** *– Doctor of Pedagogy, Professor, Head of Studies Department of the Institute of Public Administration under the President of the*

*Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str. 33, phone:(+992) (+992)224 31 62, 918 506 324, E-mail: fjumakhon@mail.ru*

Bribery and usury as corruptive and disgusting phenomena come under strong criticism and condemnation from Islamic culture, as they go against the basic dogmas of Islam.

Based on authoritative sources dedicated to this issue, such as the interpretation of the Quran and the hadith of the Prophet, the author tries to shed light on various aspects of this issue.

***Keywords**: bribery, corruption, Islamic culture, change of views, Quran, hadith, sanna, illicit, pact, period, ignorance, gift, alms, curse, theologian*

Ислом ҳарчанд дар нимҷазираи Арабистон пайдо ва густариш ёфта бошад ҳам, дар ташаккул ва такомули фарҳанги исломӣ халқу қавмиятҳои гуногун аз ҷумла асосан мардумони эронинажод иштироки фаъол доштанд. Дарк ва баҳодиҳии дурусти вазъи сиёсию иҷтимоии пайравони оини муҳаммадиро дар маҷмӯи омилҳои асосии назарияи Ислом муайян намудан зарур аст. Зимнан ду омили асосии онро муайян мекунем.

Аввалан, эҷоди афкори нави муттаҳидкунандаи халқу қавмҳои гуногуни он замон. Се миллати соҳибтамаддун – араб, форс ва турк дар муқобилият, ҳамзистӣ ва ҳамоҳангии фикрӣ ба ин афкор.

Дувум, принсипи шаффофият ва меъёрофаринии ваҳдат, ки дар асоси қоидаҳои шараф, виҷдон, номус эҷод шуда, асоси шаҳрвандиро ташкил медиҳад, бояд дар марҳилаҳои минбаъда асоси тамаддуни умумиҷаҳониро таъмин намояд.

Қобили таъкиди махсус аст, ки мақсади асосии чунин таҳаввулоти фикрӣ ба вуҷуд овардани муҳити зисти орӣ аз зӯроварӣ, фиребу найранг ва бадахлоқӣ буду бас.

Усули асосии татбиқи ин мақсадро Муҳаммад (с) тавассути дар тафаккури мардум устувор сохтани дарку фаҳмиши нави Худо оғоз намуда, дар атрофи худ ҳамаи касонеро, ки ақидаи ӯро дастгирӣ мекарданд, муттаҳид сохт. Таъсирнокии қонуну қоидаҳои нав ба таҳаввулоти афкори адабӣ мусоидат карда, дар санъат, меъморӣ ва зиндагию некӯаҳволии халқи оддӣ то андозае таҷассум ёфтаанд. Муҳаммад (с) ва кору пайкори ӯ аз он сабаб пазируфта шуданд, ки ӯ бунёдгариро на фақат аз номи Худо, балки инчунин аз номи халқҳои ҷаҳони онрӯза баррасӣ менамуд. Ҳамаи ақоиди диние, ки асрҳо дар Шарқи Наздик бодиягардӣ мекарданд, дар қавлу гуфтори ӯ ба шакли соддаву ҷамъбастӣ (синтез) ва ба таври мукаммал таҷассум ёфтанд.

Муҳимтарин бахшҳои Қуръони карим, ки ангезаҳои беҳтарини одамиро бедор карда, муфтхӯрӣ, порахӯрӣ ва ришваситониро мавриди накуҳиш қарор медоданд, дар шеъру таронаҳо таҷассум ёфта, вирди забони қабилаҳову халқҳо мегаштанд. Имрӯз дар ҳаёти ҷомеаи

Тоҷикистон, мутаассифона, ин падидаҳои зишт ривоҷ ёфтаанд, ки маҳкумият ва решакан сохтани онҳо созгори ҷомеаи ҳалолкор ва боадлу инсоф хоҳад буд.

Дар ояҳои Қуръон масъалаи муносибат ба ришвахорон ҷанбаи ҷиддӣ ва оштинопазир дорад. Дар яке аз ояҳои сураи «Моида» чунин омадааст: «Онҳо шунавандагони сухани дурӯғанд, хӯрандагони ҳароманд (яъне ришвахоранд); агар пеши ту оянд, миёни онҳо ҳукм кун, ё аз онҳо рӯй бигардон. Ва агар аз онҳо рӯй бигардонӣ, ба ту ҳеҷ зиёне нарасонанд; ва агар ҳукм кунӣ, пас дар миёни онҳо ба инсоф ҳукм кун; ба дурустӣ, ки Худо адлкунандагонро дӯст медорад». (Қуръон, 5;42) Агар ин ояро бо мазмуни ояҳои пешинаи ҳамин сура таҳлил намоем, ба осонӣ метавон дарёфт, ки Худо Пайғамбар (с)-ро аз сифати асосии кофирон огоҳ месозад - ба забон рондан ва ба дил имон наовардан. Сифати хӯрандагони ҳаром (ришвахорон) бо ҳамин хислати кофирон ҳаммонанд нишон дода мешавад, ки нисбат ба онҳо аз рӯйи адолат ҳукм кардан ё аз онҳо тамоман рӯй гардонидан дуруст бошад.

Дар ҳамин сура бори дигар дар ояҳои 62-63 масъалаи ҳаром хӯрдан ҳамчун пешаи зишту нописанд маънидод мешавад: «Аз онҳо бисёреро мебинӣ, ки ба гуноҳу тааддӣ ва ҳаром хӯрдани худ шитоб мекунанд. Ҳароина бад чизе аст, ки ба амал оварданд». «Чаро худопарастон ва донишмандон онҳоро аз дурӯғ гуфтанашон ва ҳаром хӯрданашон манъ намекунанд? …». (Қуръон, 5:62-63) Ин ҷо низ сухан дар бораи касоне меравад, ки ба парастидани маъбуди ботил машғуланд, вале чун пеши мардум оянд, иқрор мекунанд, ки ба Худои якто имон овардаанд. Ин қабил одамон дар байни ҳамаи қавму миллатҳо ва динҳои гуногун ҳастанд, ки Худо онҳоро лаънат кардааст. Ва Қуръон аз худопарастону донишмандон даъват ба амал меорад, ки онҳоро аз дурӯғ гуфтан ва ҳаром хӯрдан манъ кунанд.

Ин даъват имрӯз низ аҳамияти фавқулода муҳим касб кардааст, зеро танҳо худотарсӣ ва илман дуруст баҳо дода тавонистани ин падида роҳи халосӣ аз онро нишон дода метавонад. Дар ин ояҳо калимаи арабии «суҳт» ба маънои «*ҳаром хӯрдан*» омадааст. Дар «Тафсири ал-Куртубӣ» омадааст, ки «суҳт», яъне ҳаром хӯрдан, раҳмдилии инсонро бибарад. Бераҳмӣ дар касе бошад, ки ӯро дину эътиқод нест. Ибни Масъуд мегӯяд: «Суҳт» ришва аст. Умар ибни ал-Хаттоб низ таъкид намудааст, ки «ришваи ҳоким суҳт, яъне ҳаром хӯрдани ӯст». Пас Умар ҳадиси Пайғамбар (с)-ро зикр мекунад: «Ҳар пора гӯште, ки аз роҳи ҳаром хӯрдан нумӯъ карда бошад, он сазовори дӯзах аст». Гуфтанд: «Эй Пайғамбари Худо, «суҳт» чист?» Гуфт: «Ришва ситонидан аст барои ҳукми нодуруст баровардан» [8,174].

Дар ин ҷо баррасии мавзӯъ аҳамияти иҷтимоӣ касб мекунад ва шахсе, ки машғули ришва ситонидан аст, унсури хатарноки ҷомеа дониста мешавад. Ҳамин сифати зишти номатлуб боиси бераҳму бедину беэътиқод гардидани ӯ мегардад. Вале дар байни касоне, ки ҳукм мебароранду

тақдири мардум аз фаъолияти дурусти онҳо вобаста аст, майл кардан ба ин хислати хатарнок боиси нооромии ҷомеа мегардад.

Вале чаро Пайғамбар (с) чунин таҳаввулоти фикриро пеш гирифт? Асли малаб сари он аст, ки вазъи иқтисодию иҷтимоии нимҷазираи Арабистони он замон дар ҳолати ногувор қарор дошт. Тамоми кишварҳои ҳамсоя аз қавму қабилаҳои араб ба иллати дар миёни онҳо роиҷ будани ришвахорӣ ҳазар намуда, барои рафтуомади озод намудани онҳо ба шаҳрҳои Руму Сосон мамониатҳо эҷод менамуданд. Дар минтақаҳои ҳамсоя бо ин кишварҳо давлатҳои хурди арабии Лаҳмиён ва Ҳассониён арзи вуҷуд доштанд, ки асосан бо дастури шоҳони сосонӣ ва қайсарони румӣ амал мекарданд. Ҳиҷрати Пайғамбар (с) аз Макка ба Мадина ӯро бо тамоми мушкилоте, ки қабилаҳои араб гирифтори он буданд, ошно кард. Ясриб (Мадина) шаҳре буд, ки дар он номувофиқ будани муносибатҳои шаҳрнишинон бо ахлоқи қабилавӣ равшану ошкор эҳсос мешуд.

Дар роҳи расидан ба бунёдгарӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни қабилаҳо дар Мадина ва умуман нимҷазираи Арабистон Пайғамбар (с) ду усули ҳаётан муҳими муносибатҳои байниқабилавиро пешниҳод намуд:

1. Иттиҳоди қабилавӣ (ahlatun qabaliya). Дар асоси ин иттиҳод Пайғамбар (с) аз рӯйи ин усул ба сардорони ҳамаи қабилаҳо пешниҳод намуд, ки дар бораи риоя намудани ҳуқуқҳои ҳудудии ҳамдигар ва даст кашидан аз ҳар гуна ҳуҷумҳо ба маҳалҳои иқомати муваққатӣ ва ронда бурдани чаҳорпоён бо ҷамоаи исломӣ шартнома (ahd) имзо намоянд. Амалӣ намудани нишондоди ин ҳуҷҷат барои эъмори муносибатҳои нави сулҳофаринии байниқабилавӣ дар Мадина имкон фароҳам оварда, зиндагиро орому бехатар сохт. Бинобар ҳамин бисёр қабилаҳо дини исломро пазируфтанд. Бо вуҷуди ин ришвахорӣ вазъи сиёсиву иҷтимоии қабилаҳоро ногувор месохт. Дар замони ҷоҳилият миёни арабҳо фолбинию фолгӯӣ ривоҷ ёфта буд. Барои пешгӯӣ намудани ояндаи одамону қабилаҳо коҳинон мардумро фиреб дода, бо нақл кардани ин ё он афсонаву асотир гумроҳ мекарданд ва бар ивази он аз эшон ришва меситониданд. Гуфтаи онҳо, албатта, фиреби маҳз буд ва шахси ба коҳин муроҷиатнамуда бо ин роҳ мушкилоти худро осон карда наметавонист. Аз тарафи дигар, шоҳони сосонӣ ва қайсарони румӣ барои таъмин намудани бехатарии роҳи корвонгузар мардуми қабилаҳои гуногунро истифода мебурданд ва ба ивази ришваву пора онҳоро барои ғорати корвонҳо сафарбар менамуданд.

2. Ҳамбастагии иқлимӣ (vahdatun iqlimiya). Татбиқи ин усул баъди ба даст омадани якдилии нисбии қабилаҳои араб дар атрофи андешаи яккахудоии исломӣ ба амал омад ва хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошт. Зеро, тавассути масоҳати биёбонии Арабистони Марказӣ ва Шимолӣ аз Яман то соҳилҳои баҳри Миёназамин якчанд роҳҳои корвонгузар мавҷуд буданд. Пайғамбар (с) ба сардорони гурӯҳи қабилаҳои авлодӣ пешниҳод намуд, ки тартибот ва убури бемамониати корвонҳоро дар ҳудудҳои масъулияти худ ба ӯҳда гиранд. Амалӣ гардидани ғояҳои ин консепсия дар

ҳақиқат боиси беҳтар шудани ҳаёти қабилаҳо ва шӯҳрат касб намудани дини нави яккахудоӣ гардид ва барои рушди минбаъдаи ҷамоаи мусулмонӣ амалан дуруст будани худро собит кард.

Дар ояи 188, сураи Бақара (2:188) Худои таоло фармудааст, ки молҳои худро ба ноҳақ хӯрдани одамон ва молҳои худро ба ҳокимон ҳамчун ришва пешниҳод кардани онҳо, то ки тавассути ҳамин гуноҳу ситам моли мардум хӯрдану мардумозорӣ ба даст ояд, баробари он аст, ки мусулмон моҳи рӯзаро дарёбаду машғули хӯрдану ошомидан бошад. Ва таъкид мешавад, ки шумо инро бидонед:ончуноне ки дар моҳи Рамазон хӯрдан мумкин нест, ба ноҳақ ва додани ришва хӯрдани моли мардум низ раво нест. Дар китоби «ал-Ваҳиз фӣ тафсири-л-Қуръони-л-азиз» низ зимни баррасии ҳамин оя таъкид мешавад, ки «шумо моли якдигарро ба тарзе, ки дар шариат ҳалол нест – аз тариқи хиёнат, ситам кардан, дуздидан, ба қимор рабудан махӯред; ва ба ҳокимон ришва надиҳед, то ба ситам қисмате аз амволи мардумро азони худ кунанд» [10,153].

Дар «Саҳеҳ»-и Бухорӣ дарунмояи баррасии ин мавзӯъ дар ду китоб – «Иҷора» ва «Бахшиш» гузошта шудааст. Китоби «Иҷора» аз 16 бобу 27 (2260-2286) ҳадис иборат аст. Дар ин китоб ҳадисҳое ҳастанд, ки ба ин масъала наздик аст ва аз матни онҳо мавқеи Пайғамбар (с) оид ба ба роҳ надодани ришвахорию пораситонӣ аён мегардад. Масалан, дар ҳадиси 2261 муносибати Пайғамбар (с) ба касе, ки талабгори бо ҳар роҳ соҳиби вазифа шудан аст, чунин баён гардидааст: «Мо касеро, ки омил шудан мехоҳад, ҳаргиз омил таъйин нахоҳем кард».

Китоби «Бахшиш» аз 37 боб ва 70 (2566-2636) ҳадис иборат аст. Дар он аслан дар бораи бахшиш, фазилати он ва ташвиқ кардан ба додани он сухан меравад. Зикр мешавад, ки ба Пайғамбар (с) ҳамсояҳои ансориаш шир, панир, равғани зард, хушбӯӣ ва амсоли онҳоро ҳадя меоварданд ва онҳоро қабул мекард. Ҳамчунин сардорони қабилаҳо ва сарони кишварҳо низ ба ӯ ҳадя мефиристоданд, ки тибқи таомул пазируфта мешуд. Дар ин китоб дар иртибот ба ҳазар кардан аз тановули чизи шубҳанок ва ба ришва монанд чанд нуктаи ҷолиб ба чашм мерасад:

1) Пайғамбар (с) аввал ҳадя ё садақа будани таомро муайян мекард. Агар мегуфтанд, ки садақа аст, ба ёронаш медод, онҳо мехӯрданду худ намехӯрд. Вале агар мегуфтанд, ки ҳадя аст, ӯ низ ҳамроҳи онҳо мехӯрд. Ва аз Умар ибни Абдулазиз чунин нақл карда мешавад: «Ҳадя дар замони Пайғамбар (с) ҳадя буд ва имрӯз ришва аст». Ин ҷо раванди бо мурури замон ба сифати ришва пазируфта шудани ҳадя таъкид карда мешавад.

2) Пайғамбар (с) ибни ал-Утбийя ном шахсеро аз қабилаи Азд барои ҷамъ кардани садақот омил таъйин кард. Баъди бозгаштан ӯ омаду гуфт: «Ин аз они шумост ва ин ба ман ҳадя шудааст». Пайғамбар (с) чунин гуфт: «Пас чаро дар хонаи падараш нанишаст, то нигарон бошад, ки оё ба ӯ ҳадя мекунанд ё не?! Ва қасам ба Он Зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ҳар гоҳ касе аз моли закот ноҳақ чизе бигирад, рӯзи қиёмат, албатта, онро бар гарданаш бор карда биёрад». Сипас даст боло бардошта, ба Худо дуо

гуфт: «Бор Худоё, оё дар ин корҳо чӣ гуна муносибат карданро ба уммат расонидам?!» [1,1500] Ин ҷо қатъан ришва ситонидан ва аз хазинаи давлат чизеро дуздидан манъ карда шудааст ва ин гуноҳ сазовори ҷазои сахт аст.

Минбаъд бо мурури ташаккули ҷомеаи исломӣ дар китобҳои дигари «Саҳеҳ» ба масъалаи ришва ва пора таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намуданд ва барои муқаррар намудани муносибати ислом ба ин масъала ҳадисҳои ҳасан ва заифро низ мавриди омӯзиш қарор доданд. Масалан, дар «Сунан»-и Тирмизӣ назари Пайғамбар (с) ба ин масъала дар бобҳои марбут ба ришва дар ҳадисҳои 1336-1337 чунин оварда мешавад: «Лаънати Худо бар касе бод, ки ришва меситонад ва бар касе, ки ришва медиҳад»[5,622]. Ҳамин ҳадис дар «Сунан»-и Ибни Моҷа зимни ҳадиси 3580 дар боби «Андар кароҳияти ришва ситонидан» чунин омадааст: «Пайғамбар (с) ришвагиранда ва ришвадиҳандаро лаънат хондааст» [7,324]. Дар «Муснад»-и Аҳмад ин масъала хусусияти бештари иҷтимоӣ касб мекунад ва дар боби «Ҳадисҳои нақлкардаи Савбон» чунин оварда мешавад: «Пайғамбар (с) ба ришвагиранда, ришвадиҳанда ва каси миёнарави байни онҳо лаънат хондааст»[2,376].

Дар асоси далолати ҳадисҳои мазкур ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки ислом дар масъалаи ришвахорӣ ва пора додан мавқеи усутувори сиёсӣ-иҷтимоӣ дорад. Ва бад-ин васила ҳал намудани корҳоро хилофи шариат медонад. Ҳама чизе, ки бо ин роҳ ба даст меояд, ислом ҳаром донистааст.

Дар замони муосир ҳама гуна қонунгузориҳо дар давлатҳои мусулмонӣ бо дарназардошти талаботи ҷаҳони муосир, вале бо риояи қатъии ҳамин сарчашмаҳои бунёдӣ, яъне Қуръону суннат, ба амал баровarда мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ гурӯҳи фақеҳони варзидаи олами ислом дар иртибот ба ин ё он ҳолати рухдода дар асоси иҷмоъ ҳукми худро мебароранд.

Дар ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ низ то соли 1920 муносибат ба ин масъала дар асоси фармудаҳои бунёдии Қуръону суннат сурат мегирифт. Вале баъди вожгун шудани аморати Бухоро ва бунёди низоми коммунистӣ ҳуқуқу қонунгузории нав ҷорӣ карда шуд ва мардум аз анъанаву суннатҳои миллии худ дур монданд. Тағйироти мафкуравии сохти нав назари одамонро ба фаҳмишҳои ҳалолу ҳаром ва фарқи байни ҳадяву туҳфа ва ришваю пора сахт коҳиш дод. Тартиботи нави низоми ҳуқуқӣ дар замони шӯравӣ то андозае таҳмилӣ намудор мешуданд. Агар то соли 1950 дар таҷлилу баррасиҳои масоили ҳуқуқӣ каму беш ба анъанаҳои исломӣ ва миллии халқи тоҷик таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешуданд, дар нимаи дуюми асри XX дар Иттиҳоди Шӯравӣ фазои нави ҳуқуқӣ ҳукмрон гардид, ки дар он барои мафҳумҳои тобиши динидошта ҷойгоҳе намонд. Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз бист сол аст, ки дар фазои истиқлолияти сиёсӣ зиндагӣ мекунад. Рушди мустақилона баробари афзалиятҳо баъзе омилҳои манфӣ низ дорад, ки яке аз онҳо коррупсия (фасоду ришвахорӣ) аст. Бо дарназардошти хатарнокии ин масъала 25 июли соли 2005 Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» қабул карда шуд, ки дар он вазифаҳои асосӣ дар ин самт муайян шудаанд. Мавҷуд будани тасаввуроти гуногуни истилоҳӣ дар бораи коррупсия ба «қадимӣ» будани ин амали номатлуб далолат мекунад. Аз ин рӯ дар забони тоҷикии муосир ва лаҳҷаҳои он миқдори фаровони вожаву истилоҳҳо барои ифодаи ҳамин калимаи «коррупсия» «ришва»,«пора»,«фасод» ва истилоҳу вожаҳои гуногун истифода мешаванд. Вале як чиз бегумон аст, ки дар марҳилаи ҳозира ба назар гирифтани фаҳмиш ва баҳодиҳии масъалаи мубориза бо коррупсия аз нигоҳи динӣ-ахлоқӣ барои осон шудани дарёфти давои ин вабои номатлуб мусоидат хоҳад кард.

Мутафаккирони форсу тоҷик бо такя бар ояҳои қуръонӣ ва сунатҳои Паёмбар (с), дар осори хеш оид ба ришваю фоида ва фиреб назари худро баён намудаанд.

Носири Хусрав, ки дар дин ба ҷуз роҳи худошиносӣ ва воситаи идроки ҳақиқат ҳадафе дигар намеҷуст, он гурӯҳи уламоро зери танқид мегирад, ки аз илмҳои динӣ барои фиреб додани мардум ва ришваситонӣ истифода мебаранд:

3-он ки динро дом дорад, бештар парҳез кун,
3-он ки сӯйи ӯ чу омад, сайдро зинҳор нест.
Гоҳ гӯяд: «3-ин бибояд хӯрд, к-ин пок асту хуш»,
Гоҳ гӯяд: «Не, нашояд хӯрд, к-ин куштор нест».

Носири Хусрав ҷойгоҳи порахӯронро дӯзах қарор дода, сагро аз онҳо бошарафтар донистааст, зеро барои кайфу роҳати худ камбағалонро хонахароб кардаанд, бо вуҷуди муфтхӯрӣ хасису мумсиканд, пулу молашон бехайру барака, молашон ҳаром ва гирифтори нафрату ғазаби халқанд:

Рибохора зи аҳли нор бошад,
Куҷо аз хулд бархурдор бошад?
Бувад бо ҳар азиз аҳли рибохор,
Шараф дорад басе саг бар рибохор…[3,140].

Шоири барҷастаи тоҷик ҳаким Саноии Ғазнавӣ бошад, фасоду рибохӯриро дар вайронии мулк, бенизомии замона, амали подшоҳони шаҳватпарасту тамаъкор ва амирони золиму фасодхор медонад:

Подшоҳро зи пайи шаҳвату оз,
Рух ба симинбару симинсанам аст.
Умароро зи пайи зулму фасод,
Дил ба зӯру зари хайлу ҳашам аст.
Фуқаҳоро ғараз аз хондани фиқҳ,
Ҳилаи байъи рибову салам аст.

Мутафаккири барҷастаи форсу тоҷик Хусрави Деҳлавӣ низ дар бисёр қитъаҳои худ ришвахӯронро сахт мазаммат менамояд:

Ќозиёнанд андар ин айём,
Ҳама кофирмизоҷу ришватхор…,
Ҳама дуздикунон ба пардаи шаръ,
На гаҳе тавбаву на истиғфор.
Ҳар киро як дирам бувад даъвӣ,
Тангае ришва боядаш ночор…

Аз оби ҷӯй даст бишӯй, з-оби рӯй машӯй,
Зеро ки оби рӯй набошад чу оби ҷӯй.

Дар ашъори Саъдии Шерозӣ ду ҷиҳат ҷолиб аст: яке нуқсони замон ва дигаре ҳокимонро беибо кӯфтан ва фош кардан. Саъдӣ дуруст гуфтааст, ки барои ин тавр далерона сухан рондан аз ҷиҳати иқтисодӣ ва маънавӣ озод ва мустақил будан лозим аст. Аз он сабаб, ки «даҳони хӯрда шарманда аст», наметавонад ҳақгӯӣ кунад, Саъдӣ илоҷи ин гуна ҳолатро дар «ришватситон»-у «ришвадеҳ» набудан ва аз ҳокимон тамаъ буридан мебинад:

Тамаъ банду дафтар зи ҳикмат бишӯй,
Тамаъ бигсилу ҳар чӣ донӣ, бигӯй.

**Адабиёт**

1. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад Ибни Исмоил Ал-Бухорӣ. Саҳеҳи Ал-Бухорӣ. Ҷ.2.- Душанбе, 2005, ҳадиси 1500
2. «Муснад»-и Аҳмад. – Қоҳира, 2001. Ҷ.6., саҳ.376.
3. Носири Хусрав. Гулчине аз девони ашъор. - Сталинобод, 1957, саҳ.140
4. «Сунан»-и Тирмизӣ. – Бейрут, 1998. Ҷ.1., саҳ.622.
5. «Сунан»-и Абӯдовуд. – Бейрут, 1998. Ҷ.2., саҳ.324.
6. «Саҳеҳ»-и Ибни Ҳиббон. – Бейрут, 1999. Ҷ.11., саҳ. 467
7. Тафсири ал-Куртубӣ. – Бейрут, 2001. Ҷ.1. (Сураи Моида), саҳ.174
8. Тафсири ал-Бағавӣ. – Бейрут, 1987. Ҷ.1. (Сураи Бақара), саҳ. 210.
9. Тафсири «ал-Ваҳиз фӣ тафсири-л-Қуръони-л-азиз». – Қоҳира, 1991. Ҷ.1. (Сураи Бақара), саҳ.153.

## ВИЖАГИҲОИ САРВАРИИ ЗАНОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Каримов А.Қ.*** *- мудири кафедраи ҳуқуқ ва хизмати давлатиии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 915 256 373. E-mail: karimov-ak@mail. ru*

***Қодиров Д.С.*** **-** *муаллими кафедраи идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 987 103 625. E-mail: dovar.qodirov.88@mail. ru*

Масъалаи сарварии занон яке аз масъалаҳои муҳим буда, он дар тӯли марҳилаҳои гуногуни таърих мавриди баррасӣ ва баҳсу мунозираҳои илмӣ қарор доштааст. Муаллифон дар мақола вижагиҳои сарварии занонро дар замони муосир мавриди таҳлил қарор додаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *занон, сарварӣ, сарварии занон, истиқлолият, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, арсаи сиёсат, ҳуқуқи интихоботӣ*

## ОСОБЕННОСТИ ЛИДЕРСТВА ЖЕНЩИН В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

***Каримов А.К.*** *- заведующий кафедрой права и государственной службы Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33. тел.: (+992) 915256373. E-mail: karimov-ak@mail.ru*

***Кодиров Д.С.*** **-** *преподаватель кафедры государственного управления Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003 г.Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.:(+992) 987 103 625. E-mail:dovar.qodirov.88@mail.ru*

Вопрос лидерства женщин остаётся одним из важнейших вопросов, который на различных исторических этапах был предметом рассуждений и дискуссий. В статье авторы исследуют особенности лидерства женщин в современном обществе.

***Ключевые слова:*** *женщины, лидерство, лидерство женщин, независимость, нормативные правовые документы, политическая арена, избирательное право*

# PECULIARITIES OF THE WOMEN'S LEADERSHIP IN MODERN SOCIETY

***Karimov A.K.*** - *Head of the Department of Law and Public Service of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33. Phone: ( +992) 915 256 373. E-mail: karimov-ak@mail.ru*

***Qodirov D.S.*** - *Teacher of the Department of Public Administration of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir str. 33. Phone: (+992) 987 103 625. E-mail: dovar.qodirov.88@mail.ru*

The issue of women's leadership remains one of the most important issues, which at various historical stages has been the subject of discussions. In the article, the authors examine the features of women's leadership in modern society.

***Keywords:*** *women, leadership, women's leadership, independence, normative legal documents, political arena, suffrage*

Қабл аз баррасии хусусиятҳои сарварии занон дар замони муосир истифодаи вожаи занро дар сарчашмаҳои бостон мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Зан дар луғат ба маънои «зиндагӣ» ва «зояндагӣ» аст. Ин вожа дар муқобили вожаи «мард» ба маънои «миро» ва «маргпазир» қарор мегирад. Вожаи «**зан**» аз решаи *зан* ба маънои зоиш ва зоидан, ки дар забони паҳлавӣ ба сурати zan (жан) wanarig, дар забони суғдӣ waeth дар забони форсии бостон wadu ё wad, дар забони авастоӣ vantay ва дар санскрит ба шакли vadhu, дар забони ҳиндии қадим ҷан (jaan) ва дар англисии бостон wifman (вифмен) ба маънои инсони муаннас будааст, (дар баробари верман ба маънои инсони музаккар) ба кор рафтааст. Инчунин қадимтарин корбурди ҳаммаънои (синоним) зан, яъне «**бону**» дар яке аз сангнавиштаҳои тахти Ҷамшед ба тилло ба сурати *банука* (Ba-nu-ka) сабт шудааст, ки духтари Куруш, ҳамсари Доро (Дориюш) ва модари Хишёршоҳ будааст. Дар порсии миёна ва портӣ ба шакли *бонуг* дида мешавад. Чандин бор дар катибаи Шопури аввал дар Каъбаи Зардушт, дар унвони занони дарбор ва ба унвони лақаби Ноҳид (Яздбонуи нигаҳбони об Аноҳита) омадааст[9].

Сарварии занон ҳамчун масъалаи сиёсию иҷтимоӣ ва равонию фарҳангӣ хеле густарда буда, нисбат ба он дар байни мутафаккирони гузашта фикру ақидаҳо гуногун ҷой доранд. Баъзеҳо нақши сарварии занон ва саҳми созандаи онҳоро дар рушду пешрафти ҷомеа зарурӣ ҳисобида, бахри тақвияти минбаъдаи ин раванд пешниҳодҳои судманд

тавсия мекунанд. Аммо иддаи дигар, баръакс, мухолифи мақом ва нуфузи занон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ буда, на танҳо аз ниҳоди сарварии занон, балки аз ширкати онҳо дар ҳаёти ҷомеа норозигӣ мекунанд. Чунин мавқеъ ва ҳолат аз занон, ҳамчун як қисми таркибӣ ва пешбарандаи ҷомеа тақозо менамояд, ки баҳри амалӣ намудани ҳуқуқҳои сиёсии худ бештар ва фаъолона пайкор намоянд.

Масъалаи сарварии занон яке аз масъалаҳои муҳим буда, он дар тӯли марҳилаҳои гуногуни таърих мавриди баррасӣ ва баҳсу мунозираҳои илмӣ қарор доштааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чӣ дар Шарқ ва чӣ дар Ғарб олимон ба ин масъала таваҷҷӯҳи калон зоҳир мекарданд. Гурӯҳе занонро ҳамчун сарварони муваффақ эътироф мекарданд, вале гурӯҳи дигар умуман муқобили иштироки онҳо дар корҳои сиёсӣ баромад менамуданд.

Таърих гувоҳ аст, ки сарварии занон дар сатҳҳои олии ҷомеа таърихи хеле бостонӣ дорад. Аввалин сарвари давлат Нейтхотел – шаҳбонуи Миср (асри XXXI то милод) будааст. То имрӯз, мушаххасан муайян шудааст, ки беш аз 372 нафар зан дар таърихи башар зимоми сарварии давлатро дар арсаи сиёсат дар даст доштанд ва аксарияти онҳо ба таърихи давлатдорӣ ҳамчун ҳокимони равшанфикр, пешқадам ва қавиирода дохил шуданд[11].

Дар таърихи бостонии тоҷику форс зан мақоми арҷмандро доро буд. Аз ҷумла аз Бурондухт духтари Хусрави Парвиз, ки дар Исфаҳон тоҷи шоҳӣ бар сар ниҳод ва Динаг, ки модари Ҳурмузи севум Парвиз буд, ӯ низ дар Исфаҳон салтанат мекард. Хотуни Бухоро 15 сол дар ин давлат ҳукмронӣ намудааст ва ё занони ҷангҷӯе, ки баҳри дифои хонавода ва сарзаминашон паҳлавонона набард менамуданд, кам набуданд. Ҳузури чунин чеҳраҳои таърихӣ муҷиб шуд, ки то фарҳангу ҷомеаи он рӯзгори арҷманд мақоми занро дар таърихи фарҳанги мо сабт кунад[9].

Калимаи «**зан**» дар Қуръони азимушшаън 84 маротиба зикр гардидааст, ки ин баёнгари ҷойгоҳи волои зан дар ислом аст[12].

Бояд таъкид намуд, ки таҷлил аз рӯзи байналмилалии занон ба ибтидои асри XX рост меояд. Ибтикори Клара Сеткина буд, ки 8 марти соли 1914 ба унвони Рӯзи байналмилалии озодии занон номгузорӣ шуд. Ин сана, яъне 8 март аз ҷониби СММ соли 1975 ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии зан» ба расмият шинохта шуд[9].

Аммо бархе аз донишмандони кишварҳои хориҷӣ нисбат ба занон ва иштироки онҳо дар равандҳои идоракунӣ нуктаи назари интиқодӣ доранд. Инро мо дар мисоли Ҷумҳурии исломии Афғонистон мушоҳида менамоем.

Ба масъалаи зан ва ҷойгоҳи он дар давлатдорӣ бархе аз донишмандони афғон нигоҳи манфӣ доранд. Аммо муҳаққиқи афғон Қанбаралии Тобиш дар китоби «Чашмандози шеъри имрӯзи Афғонистон» аз ҷомеаи Афғонистон хостори он аст, ки муносибати худро ба зан тағйир диҳанд. Ин мавзӯъ дар мақолаи Ҷамолиддин Саидзода «Дину дунё ба ҳам омез, ки иксир бувад (Шеъри пешрав дар ҷомеаи пасрав)» таҷассуми худро чунин ёфтааст: «Яке аз ҷанбаҳои манфии кишвари Афғонистон таассуб ва

назари бадбинонаи аҳли он нисбат ба занон мебошад, ки ба таффакуру диди динию мазҳабии эшон вобаста буда, асрҳои аср дар ин сарзамин ҳокимият менамояд ва ба зиндагии мардум соя афкандааст ва маҷоли беруншуд аз он имконнопазир аст. Лиҳозо, Қанбаралии Тобиш дар китоби «Чашмандози шеъри имрӯзи Афғонистон» бо дарду ҳасрати зиёд аз ин падидаи манфии ҳоким дар ҷомеаи Афғонистон дарак медиҳад ва барои халосӣ аз ин гуна биниш ва боварҳои асримиёнагию мазҳабӣ нисбат ба зан рӯ ба коршиносон ва равшанфикрону масъулони ҷомеа меорад, то эшон таассуб ва бовару пиндорҳои пешинро аз нав бубинанд, мавриди таҳлилу таҷзия қарор бидиҳанд ва муносибати худро нисбат ба зан тибқи қонуну қавоид ва талаботи қарни XXI – асри фатҳи кайҳон ва пешравиҳои беназир ислоҳ бинамоянд.

Омӯзиши иштироки сиёсӣ ва сарварии занон таърихи хоси худро дорад. Ин мавзӯъ аз ҷониби мутафаккирони даврони антиқа Афлотун, Арасту, асрҳои миёна Филон Александрийский, Августин, классикони фалсафа ва сиёсатшиносии давраи нав Ф. Бэкон, Т. Гоббс, И. Кант, Ж.-Ж. Руссо ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Маълумот дар бораи баробарҳуқуқии занон ва мардон дар таълимоти марксистӣ боқӣ мондаанд. К. Маркс, Ф. Энгелс масъалаи дуюминдараҷа будан ва билохира поймолкунӣ ва табъизи ҳуқуқи (дискриминатсия) занонро ба миён гузошта буданд. Инқилобчиёни рус М.А. Бакунин, П.А Кропоткин, ғояи марксизмро дастгирӣ намуда, барои баробарҳуқуқии занон ва мардон таблиғот бурдаанд.

Таҳлили адабиёти мавҷуда доир ба масъалаи фаъолияти сиёсии занон нишон дод, ки дар мавридҳои бештари худ сабабҳои намояндагии ночизи занон дар сиёсат, омилҳои маҳдудкунандаи ширкати занон дар сиёсат, ҷанбаи таърихии мушорикати сиёсии занон мавзӯи таваҷҷӯҳи муҳаққиқон мешуданд. Ба ин масъала Ю. Градскова, Г. Силласте, Н. Шведова диққати махсус дода, таҳқиқоти онҳо оид ба мақоми иҷтимоии занон – сиёсатмадорон ба омӯзиши хусусиятҳои иҷтимоӣ - равонии сиёсатмадории занон бар пояи маводи давраи пасошӯравӣ таъсири назаррас расонд.

Дар ҳар ҷо, ки ҳокимият ва ташкилот вуҷуд дорад, сарварӣ ҳам ҳаст. Худи вожаи «сарвар» тарҷумаи калимаи англисии «**leader**» маънои «пешбаранда», «роҳбарикунанда» мебошад.

Қадамҳои аввалини иштироки занон дар сиёсат ин ба даст овардани ҳуқуқи интихоботӣ буд, ки он муддати дурударози таърихӣ идома ёфта буд. Дар нимаи садаи XX занон пайваста баҳри ба даст овардани ҳуқуқҳои сиёсии худ кӯшиш менамуданд. Фарҳангҳо ва тамаддунҳои гузашта ба мавқеи зан назари гуногун доштанд. Дар баъзеи онҳо занон фақат моликияти падарон ва шавҳарони худ буданд, дар дигарашон соҳиби озодиҳои нисбӣ буда, ҳуқуқҳои онҳо бо қонун ҳифз карда мешуданд. Вале дар тамоми фарҳангҳо мардон соҳиби ҳуқуқҳои имтиёзнок буда, худро аз занон боло медонистанд. То нимаи дуюми асри XX яке аз мушкилиҳои

умумӣ он буд, ки занҳо ҳуқуқи интихоботӣ надоштанд. Фақат соли 1893 дар Зеландияи нав ва соли 1902 дар Австралия занҳо ҳуқуқи интихоботӣ ба даст оварданд. Ин амал қадами нахустин дар эътирофи баробарҳуқуқии сиёсии занону мардон гашт. Ҳамин тариқ, зина ба зина соли 1895 дар Австралия, соли 1920 дар ИМА, соли 1931 дар Испания ва баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон дар Фаронса, Италия ва Белгия занон ҳуқуқи интихоботӣ ба даст оварданд.

Дар Швейтсария занон то соли 1971 ҳуқуқи интихоботӣ надоштанд. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон, соли 1958, ҳарду палатаи парлумони Швецсария (Шӯрои кантонҳо ва Шӯрои миллӣ) якдилона оид ба эътирофи ҳуқуқи интихоботии занон қарор қабул намуд, вале ин қарор амалӣ нагашт. Новобаста ба он, ки соли 1968 бургомистри Женева аввалин маротиба зан интихоб шуд, ӯ дар сатҳи умумимиллӣ ҳуқуқи интихоботӣ надошт. Фақат соли 1971 бо ворид намудани тағйирот ба Конститутсия, ки аз се ду ҳиссаи мардон онро ҷонибдорӣ намуданд, мушкилии мавҷуда роҳи ҳалли худро пайдо намуд.

Ҳамаи ин мисолҳои таърихӣ нишонаи он мебошанд, ки агар ҳуқуқҳои сиёсии мардон ба тариқи табиӣ амалӣ шуда бошанд, пас ҳуқуқҳои занон натиҷаи муборизаҳои онҳо баҳри соҳибҳуқуқ гаштанашон мебошанд. Маҳз аз ҳамин сабаб имрӯз ҳам масъалаи сарварии занон як қатор мушкилиҳои худро дорад. Ин мушкилиҳо, пеш аз ҳама, бо мавҷудияти стреотипҳои гендерӣ дар ҷомеа алоқаманд буда, ифодагари нобоварӣ ба қобилият, маҳорат ва нерӯи зеҳнии занон маҳсуб меёбанд[6,60].

Бо ғалабаи инқилоби Октябр, бо Қарори Ҳукумати Шуравӣ дар Тоҷикистон мубориза баҳри баробарҳуқуқии занони тоҷик ба вуқӯъ пайваст.

Аммо новобаста ба вақти дастёбии ҳаққи интихоб барои занон мушкилии сарварии занон ва ҳамшарикии зану мард дар сиёсат, ҳатто дар кишварҳои ба демократия самтгирифта низ ҳалношуда боқӣ мемонад.

Дар тамоми ҷаҳон занон соли 1994 на бештар аз 11% курсиҳоро дар парламентҳо аз они занон буд, тақрибан ҳамин миқдор дар соли 1970 буд. Фақат занони чор кишвари Скандинавия ва Нидерланд (беш аз 1/3 курсиҳо дар парламентҳо ва хукуматҳоро соҳибанд), 20 соли охир намояндагии сиёсии худро ду баробар зиёд кардаанд. Занон дар арсаи ҷамъиятӣ - сиёсии кишварҳои зиёд  комилҳуқуқ нестанд, ки бештар ба ташвиши рӯзмара ва хонавода масруфанд, ё  ки барои гузарондани маъракаҳои сиёсӣ кам даст доранд. Дар аксар мавридҳо фишангҳои хукмронӣ ва молиявиро мардон соҳибанд. Дар роҳи сарварии занон нақши ҷиддиро монеаҳое мебозанд, ки ба ҷомеапазирии ҷинсҳо марбутанд. Аксари одамон дар мақоми пасти занон беадолатии иҷтимоиро намебинанд.

Заноне, ки сифатҳои сарварӣ доранд, маъмулан ба кори хатарнок розианд ва аксаран ғолиб мебароянд. Гарчанд тибқи маълумоти ба

дастовардаи равоншинос Хорнер К, занон аз пешқадамӣ дар кору сиёсат ҳарос доранд, барои он ки аз арзёбии манфӣ аз ҷониби наздикон ё дигар мардон гумонбар мебошанд. Тарсу ҳарос дар пеши сарвар на танҳо дар занони болиғ, ки метавонанд бо хусусиятҳои таҷрибаи ҳаёт муайян гарданд, балки дар духтарони қобилиятнок ва боистеъдод низ дида мешавад[7,212].

Бо фикри Хорнер, сабаби беэътимодии занон ба худ дар худбаҳодиҳии нокифоя нуҳуфтааст, ки ба он набудани ҷоҳталабии лозимаи ҳирфаӣ зам гардидааст, инчунин ба қадри пешравии касбии худ вай бо дигар занон камтар рӯ ба рӯ мешавад.

Ҳангоми интихоби занон ба мансабҳои роҳбарикунанда, донистани кадом сифатҳои сарвариро онҳо соҳибанд махсусан муҳим аст, барои ҳамин гузарондани санҷишҳои тестии қаблӣ ҷиҳати аён намудани ин сифатҳо зарур аст. Ташхиси равонии сифатҳои сарварии занон имкон медиҳад, ки имконоти мавҷуда барои пешбарии онҳо ба мансабҳои раҳбарикунанда татбиқ гардад.

Бояд иброз намуд, ки хусусияти сарварии занони муосир дар такя ба муносибатҳои мартабавӣ чунин шакл мегирад. Муносибатҳои мартабавӣ дар навбати худ ба марказонидашуда ва функсионалӣ ҷудо мешаванд. Дар аксари мавридҳо занон аз муносибати мартабавии функсионалӣ кор мегиранд, ки на чандон муфид арзёбӣ карда мешавад. Агар дар муносибатҳои мартабавии марказонидашуда тамоми функсияҳои идора дар ихтиёри роҳбар бошанд, пас дар муносибатҳои мартабавии функсионалӣ функсияҳои идора ба иҷрокунандагон вогузор карда мешавад. Аз ин рӯ, занони сарвар бояд ҳар дуи ин муносибатҳоро ба таври маҷмӯӣ истифода баранд. Дар иртибот ба муносибатҳои мартабавӣ дар адабиёти илмӣ методҳои роҳбарии авторитарӣ (худкома), демократӣ (коллегиалӣ) ва либералиро таҳлил мекунанд. Занони сарвар дар аксари мавриид аз методҳои демократӣ ва либералӣ кор мегиранд, ки ин на он қадар муфид аст.

Хусусияти хоси марҳилаи нави рушди ҷомеа вобаста ба таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ҷалби фаъолонаи тамоми қишрҳои иҷтимоию демографиро ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии мамлакат тақозо менамояд. Бинобар ин, дар ин марҳила масъала бояд дар масъалаи зан ё мард, ҷавонписар ё ҷавондухтар набошад. Масъала бояд сари тафаккури созанда, ақлу идрок, малакаи касбӣ, ҳисси баланди ватандорию худшиносӣ ва таҷриба бошад. Зеро бунёди давлати мустақили миллӣ дар марҳилаи кунунии тақвияти равандҳои ҷаҳонишавӣ кори саҳл нест.

Мутаассифона, ҳанӯз ҳам дар ҷомеа ақидаҳое мавҷуданд, ки вазифаи асосии зан нигоҳубини оила ва тарбияи фарзанд ба ҳисоб меравад. Дар чунин муҳит, воқеан ҳам имкониятҳои зан ба назар гирифта намешаванд. Ё ин ки оид ба шахсияти зани сарвар чунин ақидае мавҷуд аст, ки занони сарвар аксаран занони танҳое мебошанд, ки ҳаёти оилавии худро барпо

карда натавонистаанд ё агар зан кӯшиши фаъолияти сарварӣ намояд, пас ҳаёти шахсии худро бояд қурбон намояд.

Маҳз ҳамин омил боиси бунёди «сақфи шишагин» дар роҳи болоравии мақоми иҷтимоии занон гашта, мушкилиҳои сунъиро дар роҳи ташаккули ниҳоди сарварии занон бунёд менамояд. Қайд намудан ба маврид аст, ки рӯз то рӯз асоснок набудани ин ақидаҳо собит гашта истодаанд, зеро занон исбот мекунанд, ки қодиранд фаъолияти ҷамъиятиро бахри тақвияти пояҳои ҳаёти оилавии худ истифода баранд.

Тазаккур додан лозим аст, ки дар марҳилаи таҳкими заминаҳои давлатдории миллӣ истифодаи самараноки нерӯи созандаи занон яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ, суботи сиёсӣ ва болоравии сатҳи худшиносию худогоҳии мардум хоҳад гашт.

Ташаккулёбии ниҳоди сарварии занон дар ҷомеаи Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад.

Зикр бояд кард, ки ташаккулёбии сарварии занонро аз нуқтаи назари илми сиёсӣ метавон ҳамчун раванд маънидод намуд, ки ба арсаи муносибатҳои сиёсӣ боз як субъекти муносибатҳоро ворид менамояд. Аз ин рӯ, ҳама гуна раванд оғоз, марҳилаи рушд ва ё болоравӣ ва боз пастравии худро дорад. Заминагузори оғози ин раванд бечунучаро Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан ба қувваи созандаи зани тоҷик эътимоди комил дошт ва бо ташаббуси шахсии худ тавассути қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кӯшиш намуд фазои мусоидро бахри ҷалби ҳарчи бештари занон ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа фароҳам оварад.

Дар ин замина Раиси ҷумҳур иброз доштааст: «Ғамхорӣ дар ҳаққи занон ва ҳар чи бештар ҷалб намудани онҳо ба корҳои ҷомеа ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати мамлакат аст» [13].

Таҳлили имрӯзаи фаъолияти занон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, мавқеи онҳо нисбат ба равандҳои ҷомеа ва нақши онҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии кишвар шаҳодат аз он медиҳад, ки мо айни ҳол мунтазам ба марҳилаи рушд равонаем.

Дар замони истиқлолият мақому мартабаи зани тоҷик хеле баланд гардид, ки ин худ ғамхориҳои рӯзафзуни ҳукумат ва давлат ба ҳисоб меравад. Дар ин муддат 15 санади меъёрии ҳуқуқӣ дар самти баланд бардоштани ҳуқуқ ва манзалати зан дар ҷомеа ба тасвиб расид.

Сиёсати Президенти кишвар дар масъалаи баланд бардоштани мақоми занон дар сиёсат заминаи қавии меъёрию ҳуқуқӣ дошта, дар ин самт як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба тасвиб расидаанд. Пеш аз ҳама, моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз моҳи декабри соли 1999, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои

баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти соли 2005, барномаҳои давлатии «Тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занон ва духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» аз 1 ноябри соли 2006, №496, «Тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015» аз 1 марти 2012, №92 ва «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2011-2020» аз таърихи 29 майи соли 2010, №269 ва ғайраҳо мебошанд, ки баҳри иштироки фаъолонаи занон дар хаёти ҷомеа мусоидат менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти нақши барҷастаи занон дар ҳаёти давлат ва ҷомеа масъалаи таъмини хуқуқу манфиатҳои занону модаронро ҳамеша дар маркази диққати хеш қарор дод, нисбат ба онҳо пайваста ғамхорӣ зоҳир менамоянд ва ибтикороти созандаашон дар доираи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ ҷиҳати мунтазам беҳтар гардонидани вазъи зиндагӣ ва фаъолияти бонувон, ҳифзи ҳуқуқи оила ва модару кӯдак, ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди оила ва сиёсати демографӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ барои занону духтарон ва муҳимтар аз ҳама, ҳарчи бештар ба раванди идораи давлат ҷалб намудани онҳо маҳсуб меёбад[10].

Дар ин самт воситаҳои ахбори омма низ метавонанд нақши калон дошта бошанд. Зеро онҳо қодиранд тавассути баҳодиҳии беғаразона имиҷи зани тоҷикро дар сиёсат ташаккул дода, бахри ҳавасмандии насли ҷавон мусоидат намоянд.

Иловатан, қобили қайд аст, ки барои зан пойдор ва бегазанд нигоҳ доштани оила, тарбияи фарзанд ва ҳамзамон, масъули вазифаҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ будан осон нест. Зеро ҳарду фаъолият ҳам аз зан сабру тоқат, мушкилнописандӣ, садоқат, донишу маҳорати хоса ва одобу ахлоқи ҳамидаро тақозо менамоянд. Ҳамзамон, фаъолияти занон дар ҷабҳаҳои гуногун нишон медиҳад, ки модари тоҷик имрӯз қудрати ба ҳам пайвастани фаъолияти ҳарду ҷабҳаро ҳам дорад. Ақидаи «сиёсат кори зан нест» комилан бебунёд аст, зеро дар сиёсат на ҷинс, балки тафаккури созанда, ақлу идрок, малакаи касбӣ, ҳисси баланди ватандорию худшиносӣ ва таҷриба нақш мебозад.

Сатҳи иштироки занон дар мақомоти гуногуни сохтори идораи давлатӣ сол то сол афзоиш меёбад.

Муайян ва бартараф кардани монеаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ва дигар омилҳое, ки садди роҳи таъмини баробарҳуқуқии воқеӣ мегарданд, яке аз вазифаҳои муҳими давлат ба ҳисоб мераванд.

Проблемаҳои беҳгардонии шароити кори занон, тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд ҳамеша дар маркази диққати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Тоҷикистон дар байни

кишварҳои ИДМ яке аз аввалинҳо шуда конвенсияҳои байналмилалӣ «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизи занон» (Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 1993, №831), «Дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии зан» - ро (Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 1999, №769) ба тасвиб расонд.

Бояд иброз намуд, ки дар тӯли 26 соли истиқлолият қадру манзалати зан дар ҷомеаи тоҷик тадриҷан боло рафт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар низоми хизмати давлатӣ аввали соли 2017 аз шумораи умумии беш аз 19 ҳазор нафар хизматчиёни давлатӣ қариб 4200 нафар ё 22 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Таҳлили гендерии кормандони ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ нишон медиҳад, ки дар ин сохторҳо намояндагии мардон ва занон баробар нест.

Сабабҳое, ки монеаи пешравии занон дар кори роҳбарӣ мегарданд:

- баъзе одатҳои динию миллие, ки нақши занонро дар ҷомеа маҳдуд месозад. Ин пеш аз ҳама нобаробарии тақсими вазифаҳо байни марду зан дар оила ва тарбияи фарзандон мебошад. Корҳои оила, тарбияи фарзандон ба пуррагӣ бар уҳдаи зан аст. Аз ин рӯ, зан вақт намеёбад, ки донишу малакаи худро сайқал ва инкишоф диҳад. Ин бошад монеаи ҷиддии пешравии занон дар ишғоли мансаб мегардад;

- занон нисбати мардон омодагии психологии нисбатан суст барои муборизаи сиёсӣ доранд;

- афкори омма нисбат ба зан, махсусан занони роҳбар, «сахтгир» ва «кунҷков» аст. Намуди зоҳирӣ, ҳаёти шахсӣ, оилавӣ мавзӯи омӯзиши атрофиён қарор мегирад. Дар Шарқ бошад, мафҳуми оила, махсусан, барои занон мафҳуми муқаддас аст. Аз ин рӯ, қисми зиёди занҳо ҷуръат намекунанд, ки вориди сиёсат шаванд.

Барои он ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатию соҳавӣ оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа сари вақт ва ба таври бояду шояд иҷро гарданд, бояд муносибат нисбат ба зан ба куллӣ тағйир дода шавад.

Ҳамин тариқ, масъалаи хусусиятҳои сарварии занонро дар замони муосир ва инчунин дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин раванд хусусияти динамикӣ дошта вобаста ба имкониятҳои мавҷудаи рӯз пайваста тақвият пайдо мекунад. Дар оянда низ рушду такомули он метавонад асоси пешравиҳои минбаъда дар ин самти басо муҳим гардад.

**1.Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ**

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2016.-85 с.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №3,мод.129.

3.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа».

4.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2001 № 391 «Дар бораи Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмин намудани ҳуқуқу имкониятҳои баробарии мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010».

5.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006 №496 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016».

**2.Адабиёт**

6.Хидирова М. Сарварӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ./М.Хидирова.–Душанбе, 2011.- 64 с.

7.Хорнер К. Психология женщины./К.Хорнер. -М., 2003.-350 с.

8.Ҷамолиддин С. Дину дунё ба ҳам омез, ки иксир бувад. (Шеъри пешрав дар ҷомеаи пасрав) /С. Ҷамолиддин. //Масъалаҳои муҳими таърих ва фарҳанги Афғонистон. (Маводи конфронси илмӣ бахшида ба ёдбуди олими шинохта, профессор Ҳ.Назаров).–Душанбе, 2014.–144 с.

**3.Мақолаҳо аз рӯзномаҳо**

9.Гулҳаёи Мадимар. Зан дар таърихи башарият аз Бурондухт то Клара Сеткин /М.Гулҳаё. //Минбари халқ. -2017.-7 март.-С.8-9.

10.Каримова Д. Нақши бонувон дар солимии ҷомеа/Д.Каримова.//Омӯзгор. - 2017. – 3 март.- С.14.

11.Қурбнова Ш. Ҳар куҷо марди бузургест, гирифтори зан аст... / Ш. Қурбонова. //Мароми пойтахт. - 2017. – 7 март.- С.3.

12.Мухторов М. Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд… /М.Мухторов // Минбари халқ. -2017.-7 март.-С.8-9.

13.Эмомалӣ Р. Аз суханрониҳои Пешвои миллат дар мулоқот бо намояндагони занони мамалакат/ Р. Эмомалӣ. //Мароми пойтахт. - 2017. – 7 март.- С.8.

# ФАЪОЛШАВИИ НАҚШИ ЗАНОН ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНӢ: ХОСИЯТҲОИ УСЛУБИ ИДОРАКУНӢ ВА БАРРАСИИ «МЕНЕҶМЕНТ БО СИМОИ ЗАНОНА»

***Назриев К.Қ.*** *– ассистенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки донишҷӯён, бинои рақами 16, кафедраи сиёсатшиносӣ, тел.:(+992) 988 015 311*

Дар мақолаи мазкур нақши занон дар раванди идоракунӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Яке аз унсурҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунӣ бунёди механизмҳои миллӣ барои ҳавасманд намудан ва таҳкими баробарии занон ва мардон маҳсуб мешавад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *занон, идоракунӣ, «менеҷмент бо қиёфаи занона», раванди идорӣ, занон-роҳбар, махсусияти мудирияти занона, услуби идоракунӣ*

.

# АКТИВИЗАЦИЯ РОЛИ ЖЕНЩИН В УПРАВЛЕНЧЕСКОМ ПРОЦЕССЕ: ОСОБЕННОСТИ СТИЛЯ УПРАВЛЕНИЯ И РАССМОТРЕНИЕ ПОНЯТИЯ «МЕНЕДЖМЕНТ С ЖЕНСКИМ ЛИЦОМ»

***Назриев К.К.*** *– ассистент кафедры политологии Таджикского национального университета, г. Душанбе, студенческий городок, учебный корпус 16, кафедра политологии, тел.: (+992) 988 015 311*

В статье рассматривается роль женщин в управленческой деятельности. Одной из основных составляющих государственной политики в области управления является создание национального механизма для поощрения и укрепления равенства между женщинами и мужчинами.
***Ключевые слова:*** *женщины, управление, "менеджмент с женским лицом", управленческий процесс, женщина-руководитель, особенности женского руководства, стили управления*

# ACTIVATION OF THE ROLE OF WOMEN IN THE MANAGEMENT PROCESS: THE PECULIARITIES OF THE STYLE OF MANAGEMENT AND CONSIDERATION OF THE CONCEPT OF «MANAGEMENT WITH THE FEMALE PERSON»

***Nazriev K.K.*** *- Assistant of the Department of Political Science of Tajik National University, Dushanbe, campus, academic building 16, Department of Political Science, phone: (+992) 988 015 311*

The article deals with the role of women in managerial activities. One of the main components of public policy in the field of governance is the creation of a national mechanism for the promotion and strengthening of equality between women and men.

***Keywords***: *women, management, "management with the female person", managerial process, female leader, characteristics of women's leadership, management styles*

***Ҳар кадом зане, ки проблемаи дар хона бавуҷудомадаро дарк менамояд, имкони фаҳми мушкилиҳоеро дорад, ки ҳангоми идораи давлат пайдо мешаванд.***

*Маргарет Тэтчер*

Чунин унвон гирифтани мавзӯъ ба он далолат менамояд, ки ин қишри ҷомеа дар муносибат бо падидаи идоракунӣ аз ҳолати махсус бархӯрдор аст. Чун сухан оид ба идоракунӣ меравад, бешахсиятии он бешубҳа ҳувайдо мегардад, вале замоне сухан дар бораи «зан ва идоракунӣ» меравад, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар идоракунӣ нақши қишри мазкур маҳдуд аст ва ин падидаи басо нодир маҳсуб мешавад.

Дар қадим хирадманде гуфта буд: «Мо ҷаҳонро идора менамоем, вале занҳо моро идора менамоянд». Дар ҳоли ҳозир ҳам, бо гузаштани се ҳазор сол ин андарз маънии навро касб кардааст, гарчанде дар вақтҳои охир мустаҳкамшавии мавқеи занон дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад. Иқтисоддонони амрикоӣ Р. Петерсон ва К. Вермейер ин падидаро «инқилоби ором дар миқёси ҷаҳонӣ» унвон кардаанд. Пажӯҳишгар А. Бебел ин падидаро «инқилобе, ки дар ин садсола ғалаба мекунад ва дар тамоми мамлакатҳо ва қитъаҳои олам мегузарад» номидааст.

Иштироки занҳо дар тиҷорат дар мамлакатҳои пешрафта, падидаи маъмулӣ буда, ҷолиби диққат нест. Ҳамчунин тасаввуре вуҷуд дорад, ки занон ҷинси заиф ҳастанд, ин ба қувваи ҷисмонӣ дахл дорад, вале бояд таъкид намуд, ки дар робита бо муносибати қувваи рӯҳ ва ақл вазъ комилан дигаргуна мебошад. Неруи ақл, махсусан барои зан-роҳбар муҳим буда, он бояд идора кунад, ҳавасманд гардонад ё муҷозот намояд. Аз ҷониби дигар, муносибати мардон нисбат ба ин масъала низ ҷолиб аст, аксарияти мардҳо дар ин андешаанд, ки гӯё фаъолият кардан зери роҳбарии зан як навъ таҳқир бошад. Аммо занҳо нағз медонанд, ки бо мард-сардор чӣ гуна муносибат кунанд.

Вижагиҳои хоси фаъолияти роҳбарӣ ва услуби идоракунии зан-роҳбар инҳоянд:

1. Мотиватсияи фаъолияти меҳнатии занон фарқияти махсус дорад.

2. Дар идоракунии ҳайати шахсӣ зан-роҳбар бештар ба муносибати байни аъзои коллектив таваҷҷӯҳ намуда, барои ӯ бештар фазои муносибатҳои байнишахсӣ дар тафовут бо мард-роҳбар аҳамият дорад.

3. Занҳо бештар эҳсосотианд ва ин хусусият инъикоскунандаи услуби занонаи идоракунӣ мебошад. Дар мавридҳои мухталиф вокуниши зан-роҳбар аз аксуламали мардҳо бо сатҳи эҳсосотиаш фарқ мекунад.

4. Дар иртиботи мутақобила бо фазои берунӣ услуби занонаи идоракунӣ бо уҳдабароӣ, тавоноии мутобиқ шудан бо ҳолати бавуҷудомада фарқ мекунад.

5. Услуби роҳбарии зан-менеҷер бо демократӣ будан, омодагӣ барои ҳамкорӣ ва қабули қарори дастаҷамъӣ фарқ мекунад.

6. Дар ҳолатҳои изтирорӣ занҳо стратегияи тарс ва равиши шона холӣ кардан аз масъулиятро ихтиёр накарда, бар алайҳи мушкилиҳо мавқеи устуворро касб мекунанд.

Равоншинонсон баъзе тарафҳои «зерсояи зан-роҳбарро қайд мекунанд:

• онҳоро зарурат пеш меояд, ки хислатҳои сирф мардонаро, аз ҷумла падидаҳои хушунат ва дағал буданро намоиш диҳанд;

• ҳокимият занҳоро аз мардҳо дида зудтар ва осонтар мутаассир месозад ва ё мешиканад.

Дар ҷомеаи ватанӣ ҳамоно мисли пешин фарҳанги сиёсии мардсолорӣ ҳукмрон аст, ки дар робита бо он сиёсат ҳамчун иртиботи мутақобила ва рақобати байни мардҳо дида мешавад. Зан ва сиёсат дар ҷомеаи анъанавии ватанӣ ҳамоно ду падидаи алоҳида ва бидуни иртибот мебошанд. Дар даврони қабл аз низоми шӯравӣ дар зимни таълимоти таассубии динӣ маҳдудият нисбат ба занон дар ҷомеа вуҷуд дошт, ки аслан сухан аз зан-идоракунанда намерафт. Бо такя ба таълимоти динӣ муносибати зерин нисбат ба зан ва идоракунӣ баррасӣ мешуд, чун «занон чун аҳли сатранд ва ғараз аз эшон ҷавҳари насл аст»[3] ба сиёсат бояд коре надошта бошанд. Агар чун ба ҳукумат расиданд чунон кунанд, ки зоҳибғаразони эшон онҳоро фармоянд. Ба ин хотир ки онҳо дар тасмим наметавонанд мустақил бошанд, ба сиёсат бояд коре надошта бошанд.

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ муносибат ба падидаи мазкур, яъне зан-идоракунанда тамоман дигаргуна гардид. Мавҷи васеи воридшавии занон ба муносибатҳои идорӣ оғоз шуд. «Ҳуррият», ки зимни ғалабаи болшевикҳо ба вуҷуд омад, занонро то андозае озод кард. Иштироки васеи занон дар кори ҷамъиятӣ ва сиёсӣ хеле густарда ба назар расад ҳам, вале ҳамоно фарҳанги сиёсии мардсолорӣ ҳукмронӣ мекунад. Нақши зан дар Иттиҳоди Шӯравӣ мақоми махсус дошт.

Дар фазои пасошӯравӣ ва ба даст омадани истиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин сиёсат идома дода шуда, ҷалби занон ба кори ҷамъиятӣ-сиёсӣ бештар шуд. Тибқи Конститутсия, ки ҳуқуқи занон ва мардонро баробар эълон кардааст,[1] муносибатҳои нав тибқи он ба амал меоянд. Ба модар ва кӯдак равона шудани ғамхории давлат аз он шаҳодат

медиҳад, ки ин қишри аҳолӣ зери ҳимояи доимии давлат ва ҳукумат қарор доранд.

Дар идораи кишвар дар сатҳи амудӣ ва уфуқӣ, дар ҳукумат, парлумон ва суд занон ҷойҳои муайянро ишғол намуданд. Занон дар идораи давлат, худидоракунии маҳаллӣ ва ба ҳайси намояндаи мардумӣ дар ҳокимияти қонунгузор ҷой гирифтанд. Дар соҳаи тиб, маориф, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва ғайра занон фаъолият доранд. Ҳамчунин барои боз ҳам ҷоннок кардани нақши зан дар ҷомеа ва фаъолтар намудани иштироки занон дар идоракунии давлат Кумитаи кор бо занони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мебарад.

Дар бахши қонунгузорӣ нисбат ба ин қишри ҷомеа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мешавад. Яке аз санадҳои муҳиме, ки дар ин самт нақши асосӣ дорад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2005 №89 «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» мебошад. Мувофиқи қонуни мазкур давлат иштироки баробари мардону занонро дар идоракунии давлатӣ кафолат дода, баробарии мардону занонро дар шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ бо тарзу воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ғайра таъмин менамояд.[2]

Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005, таҳти №89 «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», банди 17-и Нақшаи чорабиниҳо доир ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 марти соли 2006 дар мулоқот бо намояндагони занони мамлакат таҳия гардидааст.

Мақсад аз таҳияи Барнома ин муайян намудани сиёсати дарозмуддати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқҳо ва имкониятҳо доир ба тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи кишвар аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд, таъмини ҳуқуқи баробари мард ва зан ҳангоми пешниҳод ва таъйин намудан ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби бештари духтарон ба таҳсил, омода намудани шароити зист ва бо идрорпулӣ таъмин намудани духтарон-донишҷӯёни мактабҳои олӣ мебошад.

Дар қонунгузории миллӣ масъалаи иштироки занон дар идоракунӣ мақом ва таваҷҷӯҳи махсусро соҳиб гаштааст. Ҳамзамон бо дарназардошт ва таваҷҷӯҳ ба санадҳои байналмилалӣ, ки бевосита нисбат ба ҳуқуқҳои занон бахшида шуданд, дар шароити ватанӣ падидаи феминикунонии умури ҳаёти иҷтимоӣ батадриҷ амалӣ карда мешавад. Ҳамчунон, ки маълум аст, санадҳои ватанӣ дар замина ва бо дарназардошти санадҳои

байналмилалӣ таҳия ва қабул мешаванд. Ҷой гирифтани мақоми занон ва ҳуқуқҳои он дар маркази қонунугузорӣ аз санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи зан маншаъ мегирад. Ҳуқуқ баҳри ширкат дар идораи давлат дар Эъломияи ҳуқуқи башар дарҷ шуда, дар якчанд санадҳои асосии байналмилалӣ масъалаи мазкур инкишофи бештар дода шуда, ба таври васеъ ҳуқуқи мазкур ба занҳо низ паҳн гардидааст, ки Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои сиёсии занон (1952), Эъломия оид ба барҳамдиҳии маҳдудиятҳо дар муносибат ба зан(1967), Конвенсия оид ба барҳамдиҳии тамоми шаклҳои маҳдудият дар муносибат бо занон(1979) ва Платформаи пекинии амал(1995) аз ҷумлаи ин гуна санадҳо мебошанд

Феминикунонии ҷомеа ин як шакли модаршоҳӣ ё зансолории сифатан нав аст, ки тақозои замон мебошад. Тақвият додан ва дастгирӣ намудани занон ва эътирофи нақши онҳо дар инкишофи ҷомеа ин тақозои сиёсати гендерии ҳар кишвар мебошад. Зан-идоракунанда дар шароити муосир падидае нест, ки боиси нигаронӣ бошад, балки он як шакли ба марҳилаи нав ворид шудани инсоният мебошад. Дар шароити ватанӣ феминикунонӣ бояд дар чорчубаи арзишҳои миллӣ сурат бигирад, чаро ки он метавонад боиси мушкилиҳои зиёд дар ҷомеа гардад.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №3, мод. 129

3. Низомулмулк. Сиёсатнома -. Душанбе, 1989. С. 140.

# ГУРӮҲИ ТЕРРОРИСТИИ БО НОМ «ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ» ДАР АФҒОНИСТОН: ТАШАККУЛ ВА ПАЙОМАДИ ФАЪОЛИЯТИ ОН БАРОИ МИНТАҚА

***Искандаров Қ.*** *– д.и,т., сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.Тел.: (+992)918 189 730. E-mail: ikas_53@inbox.ru*

Мақола ба таҳлили раванди зуҳур ва фаъолияти гурӯҳи террористии ба ном «Давлати исломӣ» дар Афғонистон бахшида шудааст. Вазъияти имрӯзаи ин гурӯҳ, тамоюл ва омилҳои паҳн гардидани нуфузи он ва эҳтимоли таъсир ва таҳдиди он ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон таҳлил шудааст. Диққати махсус ба вилоятҳои шимоли Афғонистон дода мешавад, ки фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ дар минтақаи мазкур шиддат гирифтааст.

***Вожаҳои калидӣ***: *Давлати исломӣ, ДИ, ДИИШ, ИГИЛ, Афғонистон, экстремизм, терроризм, вилояти Хуросон, Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ*

# ТЕРРОРИСТИЧЕСКАЯ ГРУППА ПОД НАЗВАНИЕМ «ИСЛАМСКОЕ ГОСУДАРСТВО» В АФГАНИСТАНЕ: ФОРМИРОВАНИЕ И ПОСЛЕДСТВИЯ ЕГО ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДЛЯ РЕГИОНА

***Искандаров К. -*** *д.и.н., главный научный сотрудник НИИ государственной службы и государственного управления Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33.Тел.: (+992) 918 189 730. E-mail: ikas_53@inbox.ru*

Статья посвящена процессу возникновения и деятельности террористической группы «Исламское государство» или ДАИШ в Афганистане. Анализируется нынешнее его положение, тенденции распространения влияния в Афганистане и возможные угрозы для стран Центральной Азии, особенно Таджикистана. Особое внимание уделяется ситуации в северных провинциях Афганистана в связи с активностью террористических группировок, присягнувших ДАИШ.

***Ключевые слова***: *Исламское государство, ДАИШ, ИГ, ИГИЛ, Афганистан, экстремизм, терроризм, провинция Хорасан, Таджикистан, Центральная Азия*

# TERRORIST GROUP "ISLAMIC STATE" IN AFGHANISTAN: FORMATION AND CONSEQUENCES OF ITS ACTIVITIES FOR THE REGION

***Iskandarov Q.*** *– Doctor of History, Chief research scientist of the Research Institute of Civil Service and Public Administration of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str. 33. Phone: (+992) 918 189 730. E-mail: ikas_53@inbox.ru*

The article is devoted to the process of initiation and activity of the terrorist group "Islamic State" or the DAISH in Afghanistan. It analyzes its current situation, the trends of the spread of influence in Afghanistan and possible threats for the countries of Central Asia, especially Tajikistan. Particular attention is paid to the situation in the Northern provinces of Afghanistan in connection with the activity of terrorist groups who swore allegiance to the DAISH.

***Keywords:*** *Islamic state, DAISH, DIISH, IS, ISIL, Afghanistan, extremism, terrorism, province of Khorasan, Tajikistan, Central Asia*

Гурӯҳи террористии бо ном «Давлати исломӣ» (ДИ) имрӯз яке аз хатарҳои асосӣ дар дунё ба ҳисоб меравад. Иштироки ҷангиёни зархариди хориҷӣ дар муҳорибаҳои ДИ боиси нигаронии бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон шудааст. Гурӯҳи террористӣ бо номи “Давлат- ал- ислами- фи -Ироқ- ваш- Шом”, яъне Давлатии исломии Ироқ ва Шом (ДИИШ) дар соли 2006 дар Ироқ дар натиҷаи муттаҳид гардидани 11 гурӯҳи тундрави исломӣ бо роҳбарии шуъбаи маҳаллии «Ал-Қоида» ба вуҷуд омад. Ин гурӯҳ то соли 2013 чандон машҳур набуд ва теъдоди пайравони он якчанд ҳазор нафарро ташкил мекард ва асосан онҳоро сарбозону афсарони артиши Саддом Ҳусайн ташкил медоданд. Аз соли 2013 ин гурӯҳ ба муқобили ҳукумати Башор Асад ва мардуми Сурия, дар иттиҳод бо баъзе гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ, ки худро мухолифони бо ном «муътадил» меноманд, машғули ҷанг аст.

Гурӯҳи бо ном ДИИШ баъди он ки 29 июни соли 2014 дар бораи ташкили Хилофати исломӣ дар ҳудуди зери таъсири ин гурӯҳ бо роҳбарии Абдулло Иброҳим, ки расман, номи Абӯбакр ал - Бағдодиро гирифт, дар саросари ҷаҳон машҳур гардид. 1 июли соли 2014 халифаи худхонда бо паёме ба муҷоҳидин ва ҷамоаи мусулмонон дар моҳи шарифи рамазон муроҷиат намуда, онҳоро барои ҷиҳод ва ҳиҷрат ба ҳудуди Хилофат даъват намуд. Дар паёми мазкур минтақаҳое ба монанди Қафқоз, Чин, Лубнон, Ироқ, Яман, Миср ва як қатор кишварҳои аврупоӣ ва ҳатто Австралия ишора шуда буд [13, 10-11].

Ҳамзамон ҳуҷуми густардаи ҷангиёни ДИ ба минтақаҳои ғарбӣ ва шимоли Ироқ оғоз гардид.

Баъд аз эълони таъсиси давлат, ки онро то ҳол ҳеҷ як давлати ҷаҳон эътироф накардааст, ин гурӯҳ нишонаи ҷуғрофиро аз номи худ хориҷ карда, номи «Давлати исломӣ»-ро гирифт. Аммо то имрӯз дар доираҳои коршиносӣ ва расонаӣ номи ДИИШ васеъ истифода мешавад.

Мақсади асосии ДИ- таъсиси давлати теократии суннӣ мебошад, ки ҳамаи давлатҳои мусулмонӣ дар он бояд дохил шаванд, аз ҷумла Эрон ва Исроил, кишварҳои Шарқи Наздик, Африқои Шимолӣ. Ба ғайр аз ин Хилофат иддаои ҳамроҳ намудани Осиёи Ғарбӣ, Аврупо (Испания, давлатҳои Балкан, Руминию ва Австрия) ва Кавказро дорад. Дар соли 2015 вилояти Хуросони ДИ таъсис шуд, ки ба он Афғонистон, Покистон, як қисми Ҳиндустон ва Эрон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ғарби Чин дохил карда шудаанд.

Қобили зикр аст, ки ҳанӯз то эълони вилояти Хуросон, яъне соли 2014 иттилооте дар бораи пайдоиши шахсони ниқобпӯш дар минтақаҳои шарқии Афғонистон дар расонаҳои хабарӣ пайдо шуданд, ки дар минтақаҳои хориҷ аз назорати давлат фаъолият доштанд. Дар он замон касе дар бораи пайравони «Давлати исломӣ» будани онҳо ҳарф намезад. Мардуми маҳаллӣ фикр меарданд, ки онҳо афсарони покистониянд, ки толибонро машқ медиҳанд. Аммо маълум шуд, ки «ниқобпӯшон» бо толибон душманӣ меварзанд ва баъзан толибонро дар минтақаҳои фаъолияти онҳо ҳалқовез меёфтанд. Мақомоти амниятӣ низ дар бораи ин гурӯҳ изҳори беиттилоотӣ мекарданд. Аммо аз ибтидои соли 2015 ба тадриҷ парчамҳои сиёҳи «Давлати исломӣ» дар дасти ин гурӯҳ пайдо шуданд ва муносибати Халифа Абӯбакри Бағдодӣ нисбат ба ҷунбиши «Толибон» ва раҳбари он Мулло Умар низ муайян гардид.

25 январи соли 2015 халифаи бо ном «Давлати исломӣ» Абӯбакри Бағдодӣ Мулло Умарро як «ҷангҷӯи бесавод ва нодон, фоқиди эътибор ва арзиши рӯҳоният ва сиёсат ва доруи таърихи масраф гузашта» [2] хонд. Баъд аз ин сухангӯи Бағдодӣ Абӯмуҳаммад Ал Аднонӣ дар паёми видеоии худ дар бораи ташкили вилояти Хуросони Давлати исломӣ эълон кард. Амири вилояти Хуросон шахсе аз паштунҳои Покистон бо номи Сайид Ҳофизхон ва муовини он собиқ зиндонии Гуантанамо Мулло Абдулрауфи Ходим таъйин гардиданд. Дар Шӯрои вилояти Хуросон, ки аз 12 нафар иборат буд, аз нигоҳи қавмӣ ҳама паштунтабор буданд ( 3 нафар аз Афғонистон ва 9 нафар аз Покистон). Қобили зикр аст, ки ташкили вилояти Хуросони ДИ дар авҷи пирӯзиҳои ҷангҷӯёни ин гурӯҳ дар Ироқ ва Сурия иттифоқ афтод ва табиатан толибонро аз даст додани қаламрави эътиқодӣ ва ҷуғрофиёии худ нигарон сохта буд. Ин нигаронӣ ва тарсу бим дар номаи муовини Мулло Умар Мулло Муҳаммадахтар Мансур унвонии Абӯбакри Бағдодӣ дар 16 июни соли 2015 ифода ёфта буд. Нома бо лаҳни нарм навишта шуда буд ва дар он «доишиҳо» муҷоҳид хонда шудаанд ва гуфта шудааст, ки зарурат аст то ҳамкорӣ

намоем. Дар нома таъкид шуда буд, ки “Доишиҳо ба муҳаббати онҳо (“Толибон” Қ.И.) эҳтиром бигзоранд”. “Толибон” дар ин нома ба Абӯбакри Бағдодӣ навишта буданд, ки “аз нигоҳи ухувати динӣ хайри Доишро мехоҳанд ва аз ин гурӯҳ низ тақозои амали билмисл доранд”. Гурӯҳи “Толибон” ҳамчунин ба ДИИШ гуфтаанд: “ фаъолият дар як сафи воҳид дар Афғонистонро як маслиҳати азими динӣ медонанд ва эҷоди саф ва гурӯҳи дигар дар муқобили онро амале бар хилофи ҷиҳод, муҷоҳиддин ва масолеҳи исломӣ медонанд»[12]. Аз мазмуни нома маълум буд, ки раҳбарони ҷунбиши «Толибон» намехоҳанд то ҷараёни дигаре бо ҳар ном ва мақсаде, ки бошад дар Афғонистон арзи вуҷуд кунад. Дар ҳоле, ки Абӯбакри Бағдодӣ гуфта буд, ки замони «Толибон» гузаштааст.

Бо расонаӣ шудани фаъолияти шохаи вилояти Хуросони Давлати исломӣ баъзе аз коршиносон ба хулоса омаданд, ки «вилояти Хуросон» лоиҳаи навбатии бозигарони бузурги геополитикӣ аст ва ҳадафи он ба тадриҷ ҷойгузини «Толибон» намудани он аст, зеро муҳлати «Толибон» ба охир расидааст. Ба суръат васеъ гардидани ҷуғрофиёи фаъолияти пайравони вилояти Хуросон аз ҷиддияти ин гурӯҳ хабар медиҳад. Агар дар охири соли 2014 танҳо дар як ё ду вилояти Афғонистон ба истилоҳ «ниқобпӯшон» амал мекарда бошанд, дар тобистони соли 2015 дар 25 вилоят аз 34 вилояти Афғонистон фаъолияти онҳо ба мушоҳида мерасид.[15] Гузашта аз он, тамоюли ба сафи вилояти Хуросон гузаштани «Толибон» баъд аз эълон шудани марги Мулло Умар зиёд шуд. Тибқи гузориши СММ тақрибан 10 дарсади «Толибон» байъати худро ба вилояти Хуросон эълон карда буданд. Гурӯҳҳои ифротӣ ва террористии хориҷӣ дар Афғонистон, махсусан бузургтарини онҳо «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ҳам ба Давлати исломӣ байъат кардаанд ва ба фоидаи он таблиғ мекунанд.

Аз ибтидои фаъолияти ДИИШ пойгоҳҳои асосии он вилояти Нангарҳор дар шарқи Афғонистон аст ва минтақаҳои васеи ин вилоятро доишиҳо дар зери назорат доранд. Аммо дар дигар вилоятҳо, аз ҷумла дар шимоли Афғонистон ҳам пайравони Давлати исломӣ амал мекунанд. Гарчанде, мувофиқи таҳлилҳо ҳоло ДИИШ дар Афғонистон кӯшиши анҷоми амалиётҳои густурдаро надорад ва танҳо дар марҳилаи таблиғ ва сарбозгирӣ машғул аст, аммо дар баъзе минтақаҳои шимол онҳо ҳамроҳ бо «Толибон» фаъолият доранд ва махсусан дар амалиёти ишғоли шаҳри Кундуз ҳам дар соли 2015 ва ҳам соли 2016 саҳми фаъол доштанд. Аз охирҳои соли 2015 дар вилояти Нангарҳор радиои «Садои хилофат» ба кор оғоз намуд, ки ба забонҳо пашту, дарӣ ва узбекӣ таблиғоти худро амалӣ менамояд.

Дар раванди шаклгирии «вилояти Хуросон», як силсила ҳодисаҳое дар сафҳои «Толибон» дар соли 2015 ба вуқӯъ омад, ки то ҷое гумонҳоро дар бораи қувват гирифтани шохаи ДИИШ дар Афғонистон ва кӯшиши заиф сохтани «Толибон» тақвият мебахшид. Яке аз ин воқеаҳо паҳн

гардидани хабари марги раҳбари «Толибон» Мулло Умар буд, ки дар рӯзҳои дар Исломобод оғоз гардидани музокироти сулҳ миёни «Толибон» ва ҳукумати Афғонистон расонаӣ шуд, ҳарчанд ки ӯ 2,5 сол пеш фавтида будааст. Эълони ин хабар дар ин рӯзҳо оё тасодуфӣ буд? Дар сурате, ки ин хабар дар ҳамон рӯзҳо ба манфиати якпорчагии «Толибон» набуд. Хабари дигар дар бораи ба раҳбарии «Толибон» интихоб намудани Мулло Муҳаммадахтар Мансур боиси норозигии бахше аз фармондеҳони бонуфуз ва хонаводаи худи Мулло Умар гардида, дар сафҳои ин ҷунбиш ҷудоӣ андохт ва ниҳоят ҳадди аққал гурӯҳе аз «Толибон» ҷудо шуда, Шӯрои Аморати исломиро бо раҳбарии Мулло Муҳаммадрасул Нурзай ташкил карданд. Ҳамзамон теъдоде ҳам ба сафҳои вилояти Хуросон пайвастанд.

Аммо ба ҳар сурат ба раҳбарияти нави «Толибон» муяссар гардид, то пайомадҳои ногувори ихтилофҳоро ва аз ҳама мухим пошхӯрии ҷунбишро пешгирӣ намояд. Бо вуҷуди ҳама мушкилот дар «Толибон», вазъияти имрӯзаи Афғонистон ба он далолат мекунад, ки нерӯи аслии мухолифи давлат ҷунбиши «Толибон» боқӣ мондааст, ки дар солҳои 2015-2016 фаъолиятҳо ва минтақаҳои зери нуфузашро густариш додааст. Имрӯз тамоми амалҳои террористӣ ва интиҳориро дар Афғонистон ҳамин гурӯҳ ба анҷом мерасонад, ки дар асари он бештар аҳолии бегуноҳ талаф меёбад. Эҳтимолан, яке аз сабабҳои фаъол гардидани «Толибон» хуруҷи қисми асосии нерӯҳои байналмилалии мусоидат ба амният ба раҳбарии ИМА аз Афғонистон буданд, ки ба дунболи он амрикоиҳо «Толибон»-ро як гурӯҳи шӯришӣ хонданд ва эълон карданд, ки бо «Толибон» ҷанг нахоҳанд кард. Гузашта аз он, бо зуҳури вилояти Хуросони Давлати исломӣ ҳама таваҷҷӯҳ ба сӯйи ин гурӯҳ афтид ва бо дарназардошти ба вилояти Хуросон дохил намудани минтақаи васеи кишварҳое мисли Афғонистон, Покистон, шарқи Эрон, шимолу ғарби Ҳиндустон, 5 кишвари Осиёи Марказӣ ва ҳатто ғарби Чин таҳдид аз ҷониби ин гурӯҳ барои на танҳо Афғонистон, балки тамоми минтақа ҷиддӣ гирифта шуд. Изҳороти мақомоти амниятии Афғонистон дар бораи ҳадафҳои ин гурӯҳ, ки бесубот сохтани Осиёи Марказӣ аст ва интиқоли ҷанг аз ҷанубу шарқи Афғонистон ба шимоли кишвар, ба марзи кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронии раҳбарони Россия ва ин кишварҳоро афзоиш дод. Бо авҷ гирифтани мухолифатҳои вилояти Хуросон бо «Толибон» ҷунбиши «Толибон»-ро ба Россия ва Эрон наздик сохт ва махсусан намояндагони воломақоми Россия аз мавҷудияти «манфиатҳои муштарак» бо «Толибон» суҳбат мекунанд.

Дар чунин шароит саволи асосӣ он буд, ки оё имкони ҷойгузини «Толибон» гардидани ДИИШ вуҷуд дорад? Дар ин шароит баъзе аз коршиносони афғонистонӣ ва хориҷӣ ба ин назаранд, ки «Давлати исломӣ» ҷойи пойе дар Афғонистон пайдо карда наметавонад. Онҳо ба мавҷудияти ихтилофҳои ҷиддӣ миёни “Толибон” ва ДИИШ таъкид мекунанд. Аммо барои дарки муносибати ин ду гурӯҳ бояд ба унсурҳои

хориҷии даргир дар Афғонистон ва Покистон аз як тараф ва ба идеологияи ин ду гурӯҳ, аз тарафи дигар, таваҷҷӯҳ кард. Аз ин нигоҳ Ал-Қоида, «Толибон», ДИИШ маҷмӯае аз ҷараёни радикалӣ ва ифротии аҳли суннат мебошанд, ки аз рӯйи аҳдоф ва идеология аз баъзе лиҳоз робитаи наздик ва дар ҷойҳое ҳам, ихтилоф доранд. Аммо ин ихтилофот бештар бар сари қудрат ва нуфуз ва эҳтимолан барои манфиатҳои ҳомиёни онҳост. Таҳлилгари масоили Афғонистон ва Покистон Пирмуҳаммад Мулозаҳӣ ба ин назар аст, ки ҷаҳони аҳли суннат дар посух ба ин пурсиши муҳим, ки чаро мусулмонон қудрати пешинаро аз даст додаанд ва аз қофилаи тамаддуни ҷадид ақиб монда, ба сурати мустамликаи кишварҳои Ғарбӣ даромадаанд, ба ин бардошти муштарак расидаанд, ки заъфи ислом натиҷаи фаромӯшии амри ҷиҳод аст ва тамоми созмонҳои радикалии исломӣ, ба навъе вафодорӣ ва тамоюли худро ба эҳёи амри ҷиҳод ва зарурати он барои бозсозии қудрат дар қолаби хилофат нишон додаанд[10].

Тафовут миёни гурӯҳхои радикалии исломӣ танҳо дар роҳу равишҳои дастёбӣ ба ин ормон аст. Аз нигоҳи идеологӣ тафовути бардошт дар равиш, хилофатгароёнро дар се гурӯҳ қарор додааст, ки асоси ҳамаи онҳо мактаби салафия аст. Ба маънои дигар, дунёи аҳли суннат ба се навъ салафия сару кор дорад: салафияи иршодӣ-таблиғӣ, салафияи ҷиҳодӣ ва салафияи ҷиҳодӣ- такфирӣ. Намунаи салафияти иршодӣ-таблиғӣ чунин аҳзоби исломие ба мисли «Ихвону-л-муслимин», «Ҷамъияти исломии Афғонистон», «Ҷамоати исломии Покистон» мебошанд, ки расидан ба қудратро аз роҳи демократия, таблиғ ва интихобот пеш гирифтанд, аммо таҷриба нишон дод, ки то ҳол чандон муваффақ нашуданд. Таҷрибаи «Ихвону-л-муслимин», ки аз тариқи интихобот Муҳаммад Мурсиро дар Миср ба курсии президентӣ расонид ва ноком шуд, намунаи возеҳтарини корношоямии салафияи иршодӣ-таблиғӣ тасаввур мешавад.

«Ал-Қоида», ки бо ҷунбиши «Толибон» робитаи наздиктарин дорад, намунаи олитарини салафияи ҷиҳодӣ мебошад. Вале таҷрибаи чанд даҳаи гузашта нишон додааст, ки салафияи ҷиҳодӣ ҳам наметавонад ба ҳама интизориҳои исломгароёни радикал ҷавобгӯ бошад. Ба ин сабаб аз дохили салафияи ҷиҳодӣ ҷараёни сеюм- салафияти ҷиҳодӣ-такфирӣ шакл гирифт, ки гуруҳи бо ном «Давлати исломӣ» намунаи боризи он аст.

«Толибон» дар ин тасниф ба салафияи ҷиҳодӣ дохил мешаванд. «Толибон» дар фарқият аз ДИИШ пайрави мактаби салафии девбандӣ-ҳанафӣ мебошанд. Коршиносон ҳангоми муқоисаи ин ду гурӯҳ маҳз ба ҳамин нишона такя мекунанд. Аммо ба ақидаи девбандиҳо пайравӣ аз як мазҳаби фиқҳӣ ё калом ба маънои пайравӣ аз тамоми оро ва уқули он мазҳаб ва имоми он нест. Уламои девбандӣ ба ивази тақлид аз мактаби фиқҳии ҳанафӣ тақлид аз мазоҳиби чоргонаи аҳли суннатро лозим ва зарурӣ медонанд. Аз ин ҷост, ки «Толибон» дар Афғонистон қоидаҳои

сахтгиронаеро ҷорӣ намуданд, мухолифи низоми демократӣ ва ҷумҳурӣ буданд, раҳбарашонро «амиралмуъминин» эълон карданд.

Уламои девбандӣ бовар доранд, ки «дар паспардаи низоми ҷумҳурӣ фалсафае нуҳуфтааст, ки ба ҳеҷ унвон ба дин ҳамхонӣ ва ҳамсӯӣ надорад ва яке аз лавозими он қабул намудани низоми дунявӣ (секулор) аст. Онҳо муътақиданд, ки ҷумҳурият ба аксарияти оро мақоми худоӣ дода аст ва ҳеҷ гуна тасмим ва ҳукми он рад намешавад. Девбандиҳо ҳукумати фардиро мавриди қабули ислом медонанд, ки аҳкоми ниҳоӣ то ҳадди зиёде дар ихтиёри халифа ва ё амиралмуъминин мебошад»[11, 102-103].

Аз ин нигоҳ, онҳо ба ақидаи ДИИШиҳо ҳамсӯӣ доранд. Аммо фарқ дар он аст, ки «Толибон» мехоҳад гӯё аморати аздастрафтаи худро дар ҷуғрофиёи имрӯзаи Афғонистон барқарор созад, дар ҳоле ки ДИИШ ҳадафҳои глобалӣ ва даъвои хилофати исломиро дорад.

Чуноне ки маълум аст, дар ибтидо раҳбарони «Толибон» ҳам сохтори сиёсии Афғонистониояндаро дар шакли хилофат медиданд. Онҳо таъкид мекарданд, ки «зарурати эҷоди шакли нави сохти сиёсӣ нест ва бояд меъёрҳои давраи паёмбар Муҳаммад(с) ва хулафои рошидин асос қарор дода шаванд ва мақсади ягонаи онҳо бозгашт ба «даврони тиллоии ислом» аст».[5] Муҳаққиқин ба ин назаранд, ки мақсади ташкили хилофат дар доираи Афғонистон маҳдуд намешуд. Рӯзнома «Тулӯи афғон», чопи Қандаҳор навишта буд: «Давлати исломӣ на аз рӯйи асли миллию ҷуғрофиёӣ, балки аз рӯйи асли идеологӣ ташкил мешавад. Аз ин рӯ фарқияти забонӣ, нажодӣ, эътиқодоти динӣ, нишонаҳои ҷинсӣ наметавонанд доираи ин давлатро маҳдуд кунанд. "Орзуи ниҳоии мо, - навишта буд рӯзнома, - он аст, ки тамоми кишварҳои исломӣ дар ниҳояти кор дар як хилофати ягона ва тақсимнашаванда муттаҳид шаванд».[5] Аммо баъдан бо кадом иллате давлати онҳо Аморати «Толибон» эълон шуд. Вале Мулло Умар амиралмуъминин унвон гирифт ва тамоми созмонҳои террористии байналмилалӣ дар Афғонистон ба ӯ вафодории худро эълон карданд.

Аммо таҷрибаи Аморати исломии «Толибон» ҳам таҷрибаи шикастхӯрда аст ва имрӯз ҳадди аксар чизе, ки метавонад «Толибон» ба даст биёварад, саҳм гирифтан дар давлати имрӯзаи Афғонистон ва даст кашидан аз инҳисори қудрат аст. Зеро «Толибон» ба афзори стратегии шабакаҳои истихборотии минтақавӣ мубаддал шудааст. Бар хилофи «Толибон» ДИИШ тавонистааст дар Ироқ ва Сурия ҷуғрофиёе ба даст биёварад ва андешаи хилофатро ба таври ҷиддӣ матраҳ кунад. ДИИШ дар назар дорад. ки бахши дувуми хилофати худхондаи худро дар доираи Хуросони бузург ташкил кунад. Аммо савол инҷост, ки оё чунин шароит дар Афғонистон мавҷуд аст? Бисёре аз коршиносон ақида доранд, ки идеологияи ДИИШ барои афғонҳо бегона аст ва наметавонад қобили қабул бошад. Масалан таҳлилгари масоили Афғонистон Ваҳиди Мужда ба ин назар аст, ки пайравони ДИИШ ваҳҳобӣ мебошанд ва ваҳҳобиҳо

дар Афғонистон хеле каманд, фақат дар ҷойҳое аз Бадахшон фаъолият доранд.[9] Дар ҳоле ки мебинем пойгоҳи асосии вилояти Хуросон имрӯз шарқи Афғонистон, бахусус вилояти Нангарҳор аст ва дар ин ҷо ДОИШ тавонистааст барои ҷалб ба сафҳои худ аз масоили қавмӣ истифода намояд. Гузашта аз он, бо вуҷуди тафовутҳо, бешубҳа байни «Толибон» ва вилояти Хуросони ба истилоҳ Давлати исломӣ умумиятҳои зиёд вуҷуд дорад ва агар «Толибон» бо ҳама сиёсати сахтгиронаи худ дар Афғонистон тавонистанд қудрати худро амалӣ кунад, доишиҳо ҳам метавонанд барои худ ҷойи пой пайдо кунанд. Масалан, «Толибон» ҳам дар солҳои 90 - асри гузашта ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии ғайриисломиро хароб мекарданд, нигораҳои музейҳо шикаста шуданд, муҷассамаҳои бузурги Буддо тарконида шуданд. Мисли доишиҳо толибон ҳам дар мазҳари омм, аз ҷумла дар варзишгоҳи марказии ш. Кобул одамонро ба қатл мерасониданд, занону духтаронро сангсор мекарданд, ба ҳазорон нафар ҷиҳодиҳо паноҳ дода буданд. Тасодуфӣ нест, ки коршиносон «Толибон» ва ДИИШ-ро ду тарафи як сикка меноманд.

Бо вуҷуди ин, маҳз фаъолияти шохаи ДИИШ дар Афғонистон кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия, ИМА, Эрон ва Чинро нигарон сохтааст. Ин дар ҳолест, ки баъзе коршиносон ҳатто мавҷудияти худи ин созмонро дар Афғонистон зери шубҳа мегиранд ва сару садоҳоро дар бораи ташаккули чунин созмон кори ҳадафманди идораҳои ҷосусии баъзе аз кишварҳо медонанд. «Таҳдид ва хатарҳо» ба минтақа ба кишварҳои бузург бо мақсади ҳалли масъалаҳои геополитикии худ заруранд: барои баъзеҳо ба хотири истиқрори пойгоҳҳои низомӣ, барои дигарон ҷиҳати истифодаи транзитии ҳудуди мо».[8]

Гурӯҳи дигари коршиносон ба ин назаранд, ки ДИИШ, аслан дар Афғонистон вуҷуд надорад ва ин гурӯҳҳое, ки худро ДИИШ мехонанд, аслан ҳамон толибонанд, ки бо дастури идораи ҷосусии низомии Покистон бо номи ДИИШ фаъолият мебаранд ва баъзан парчамҳои сафеди худро ба байрақҳои сиёҳи ДИИШ иваз менамоянд, дар ҳоле ки бо ДИИШ дар Сурия ва Ироқ ҳеҷ иртиботе надоранд. Ба ақидаи собиқ сардори Раёсати амнияти миллии Афғонистон Амрулло Солеҳ ҳар як ташкилоте, ки мехоҳад ба ДИИШ шомил шавад бояд якчанд марҳилаи санҷишро аз сар гузаронад ва наметавон бо боварӣ гуфт гурӯҳе, ки дар Афғонистон худро ДИИШ меномад, аз ин санҷиш гузашта бошад.

Аммо фармондеҳи неруҳои НАТО дар Афғонистон генерал Ҷон Николсон бовар дорад, ки «Давлати исломӣ» дар Афғонистон бо созмони марказии худ дар Ироқ ва Сурия иртибот дорад. Дар мусоҳибаи худ бо "Associated Press" ӯ изҳор доштааст, ки ДИИШ дар Афғонистон аз ҳама санҷишҳо гузаштааст ва «вилояти Хуросон» дар рӯйхати гурӯҳҳои ДИИШ дар маҷаллаи мутааллиқ ба ин гурӯҳ шомил аст, бо созмони ДИ дар Сурия ва Ироқ робитаи молӣ ва стратегӣ баркарор намудааст.[4]

Дар гузориши Котиби генералии СММ дар бораи таҳдид ба субот ва амният аз ҷониби ДИИШ ва сатҳи кумакҳои СММ ба давлатҳои аъзо барои мубориза бо ин таҳдид (31 майи соли 2016 ) низ гуфта шудааст, ки «манбаи муҳими маблағгузории ДИИШ дар Афғонистон, воситаҳое мебошанд, ки аз ДИИШ дар Ироқ ва Ҷумҳурии Сурияи Араб интиқол меёбанд. Ин воситаҳо (маблағҳо), ки аз тариқи кишварҳои сеюм интиқол меёбанд, кофӣ буданд, ки дар семоҳаи аввали соли 2016 ДИИШ дар Афғонистон қисми калони ҳосили тарёкро дар чор ноҳияи вилояти Нангарҳор харидорӣ намояд ва ҳаҷми он мувофиқи арзёбиҳо чанд миллион доллари амрикоиро ташкил менамояд. Бо гузориши баъзе давлатҳои аъзо баъдан доишиҳо киштзорҳои тарёкро ба оташ кашиданд. Ин ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки ин гурӯҳи террористӣ дар Афғонистон воситаҳои молии кофӣ дар даст дорад ва дар шароити имрӯза барои машғул шудан ба қочоқи маводи мухаддир барои фаъолияти худ зарурат надорад».[6]

Баъзе аз гурӯҳҳо ва ҳато сиёсатмадороне мисли раиси ҷумҳури пешини Афғонистон Ҳамид Карзай кӯшиш доранд, исбот намоянд, ки ДИИШ дар миёни мардуми Афғонистон реша надорад, онҳо афғон нестанд ва ҳеҷ рабте ба Афғонистон надоранд. Аммо воқеият ин аст, ки доишиҳои Афғонистон ҳама афғонанд на араб, агар арабҳо ҳам бошанд, онҳо кам мебошанд. Сухан дар бораи вилояти Хуросон меравад, на аз ДИИШ-и Ховари Миёна. Аммо ҷойи шак нест, ки эҳтимоли омадани доишиҳо аз Сурия ва Ироқ ҳам вуҷуд дорад. Ба назари мо, агар ба Эътилофи байналмилалии зидди ДИИШ ба раҳбарии Амрико умед мебастанд, имкон дорад, ки ҳоло ДИИШ Сурияро пурра зери назорати худ даровarda буд. Ташкили эътилофи нав аз кишварҳои Ироқ, Сурия, Эрон ва Русия ва оғози амалиёти низомии Русия дар Сурия то ҷое шиддати паҳншавии нуфузи ДИИШ-ро дар Афғонистон ҳам коста намуд. Аммо шикасти ДОИШ дар Сурия ҳам метавонад доишиҳоро ба Афғонистон бикашонад. Пайравони ин гурӯҳи террористӣ ҳатман кӯшиш ҳоҳанд кард, ки фаъолияти худро ба кишварҳои дигар интиқол диҳанд, ки Афғонистон кишвари муносибе ҳисобида мешавад.

Чуноне ки маълум аст, дар даврони ҳокимияти «Толибон» ҳазорон нафар аз ҷиҳодиҳо-ваҳҳобиҳои арабтабор дар Афғонистон фаъолият доштанд ва роҳбарони онҳо Усома бини Лодан, А.М. Зарқовӣ, Абӯбакри Бағдодӣ ва дигарон бо раҳбарони аҳзоби исломии Афғонистон, махсусан Гулбиддини Ҳикматёр робитаи наздик доштанд. Худи раҳбари имрӯзаи ДОИШ Абӯбакри Бағдодӣ дар пойгоҳҳои муҷоҳидон дар Афғонистон машқ кардааст. Бо иқрори раиси хадамоти низомии ҷосусии Покистон (ISI) Ҳамид Гул Абӯбакри Бағдодиро худаш дар урдугоҳҳои тарбияи муҷоҳидон дар Афғонистон дар соли 1988 дидааст.[14]

Гузашта аз он, Абӯбакри Бағдодӣ дар замони ҳукумати «Толибон» чанд муддат раёсати амнияти вилояти Ҳиротро бар уҳда дошта, иттилооти дасти аввалро назорат мекард.[17] Дар Афғонистон ҳазорон

нафар ҷиҳодӣ ва террористи байналмилалӣ аз даҳҳо кишвар паноҳ ёфта, ба машқу тамрин машғул буданд.

Имрӯз ҳам омили зуҳури ДИИШ-ро ҳимоятҳои хориҷӣ медонанд. Коршиноси Афғонистон Ваҳиди Мужда ба таври ошкоро Покистонро дар ҳимоят аз вилояти Хуросон айбдор мекунад.[9] Аммо фикр намекунем, ки Покистон дар ҳимоят аз ин гурӯҳ танҳо бошад.

Пойгоҳҳои асосии ДИИШ ва урдугоҳҳои тарбияи ҷангиён дар шарқи мамалакат қарор доранд. Пойтахти ДИИШ дар Афғонистон вилояти Нангарҳор ва дақиқтар вулусволии Ачин мебошад.

Баъди хабари марги Мулло Умар, воқеан теъдоди пайравони ДИИШ аз ҳисоби толибони норозӣ афзоиш ёфт, ҷуғрофиёи фаъолияти он васеъ гардид. Доишиҳо дар вилоятҳои Ғазнӣ, Урузгон ва ҳатто ҷанубу ғарби Афғонистон аз зуҳури худ дарак доданд. Аммо дар натиҷаи фаъолиятҳои ҳам раҳбарони «Толибон» ва ҳам баъзе кишварҳои хориҷӣ, ки аз қувват гирифтани ДИИШ нигарон буданд дар нимаи аввали соли 2016 тамоюли ба тарафи ДИИШ гузаштани толибон то ҷое, кам шуд ва ҳатто баъзе гурӯҳҳо аз нав ба «Толибон» пайвастанд.

Омили дувуми камранг сохтани фаъолияти ДИИШ зарбаҳои ҳавоии неруҳои амрикоӣ ва амалиёти заминии нерӯҳои давлатӣ бо ҷалби малишаҳои қабоилӣ ба муқобили ин гурӯҳи террористӣ дар шарқи Афғонистон буд. Аз рӯйи маълумоти расонаҳои хабарӣ, аз ҷараёни конфронси видеоии генерал Чарлз Кливленд дар се моҳи аввали соли 2016 нерӯҳои ҳавоии ИМА ба муқобили ҷангиёни ДИИШ дар ноҳияҳои кӯҳистонии Нангарҳор дар ҳудуди 70-80 зарбаи ҳавоӣ заданд. Доишиҳо кӯшиш доштанд мавзеъҳои худро дар ин минтақа таҳким бахшида, маркази маъмурии вилоят- шаҳри Ҷалолободро зери назорати худ қарор диҳанд. Дар натиҷа, ба қавли генерали амрикоӣ «ДИИШ дар Афғонистон шикаст хӯрд ва то апрели соли 2016 аз 6-8 вулусволие (ноҳия), ки таҳти назорати худ дошт танҳо дар 2-3 вулусволӣ боқӣ мондааст.[7] Дар ҷараёни ҳамин амалиёт роҳбари бо ном «вилояти Хуросон» Ҳофиз Сайидхон кушта шуда, ба ҷойи ӯ Абдул Ҳасиби Лугарӣ ба сифати раҳбари муваққатии ин гурӯҳи террористӣ таъйин гардид.[18]

Аммо баъзе коршиносон ба ин назаранд, ки маълумотҳои генерали амрикоӣ дар бораи талафоти ДИИШ ва ноҳияҳои озодкардашуда аз назорати ин гурӯҳ, дақиқ нестанд. Шабакаи телевизионии «Толо ньюс» 28 октябри соли 2016 хабар дод, ки ДИИШ танҳо дар вилояти Нангарҳор ҳудудҳои бисёр васеъро дар панҷ вулусволӣ зери назорат дорад. Ба қавли коршиносон доишиҳо ҳангоми амалиёти низомӣ ноҳияҳои амалиётро тарк ва баъди хатми амалиёт ва берун шудани неруҳои низомӣ аз нав он минтақаҳоро ишғол мекунанд. Ин воқеият дар гузориши СММ ҳам инъикос шудааст. « Дар соли 2015, - гуфта шудааст дар гузориши дуюми СММ, неруҳои эътилофи байналмилалии зидди террористӣ ба муқобили ДИИШ амалиёти ҳадафмандонаро анҷом доданд. Аммо ДИИШ ақибнишинии тактикиро истифода намуд: ҷангиёни худро аз минтақаҳои

асосӣ ба тарафи минтақаҳои кӯҳистонӣ дар марзи Афғонистону Покистон берун кашид».[3] Ба ҳар сурат, бешубҳа ҳамлаҳои ҳавоии неруҳои амрикоӣ ва амалиёти заминии неруҳои давлатӣ суръати паҳншавии нуфузи ДИИШ-ро то ҷое ва то муддате боздоштанд ва ба ин гӯруҳ талафоти ҷонӣ расониданд. Аммо бо гузашти замон ба назар мерасад, ки аз нав доманаи фаъолияти ДИИШ васеъ мешавад. ДИИШ дар вилоятҳои шимолӣ низ нуфуз кардааст. Аз рӯйи маълумотҳои волии вилояти Балх Ато Муҳаммади Нур дар баъзе аз вулусволиҳои Бадахшон, дар вулусволиҳои Дашти Арчӣ ва Чордараи Кундуз, Ишкамиши Тахор, Қайсор ва Алмори Форёб, Баркаи вилояти Бағлон, Кӯҳистон ва Качани вилояти Сари Пул гурӯҳҳое амал мекунанд, ки ба ДИИШ пайваст шудаанд. Ато Муҳаммади Нур бовар дорад, ки пайравони ДИИШ ба шимол оварда шудаанд.[19] Дар ҳоли ҳозир ин гурӯҳҳо ба таблиғ ва паҳн кардани идеологияи экстремистӣ, машқу тамрини ҷавонон дар ин гурӯҳҳо, ҷалбу ҷазби ҷавонон омӯзиши ҷангҳои партизанӣ ва сохту сози минаю василаҳои тарканда машғуланд.

Як тамоюли дигар дар ин вақтҳо маълум мешавад, ки гурӯҳҳои маҳаллии «Толибон» дар шимол ба ДИИШ мепайвандад, аммо инро дар замоне ифшо намекунанд. Чуноне ки волии вилояти Балх Ато Муҳаммади Нур изҳор намудааст, волии номниҳоди «Толибон» дар Самангон Мулло Яъқуб, ки бо лақаби Акаи Мансур машҳур аст ба ДИИШ пайваста будааст, ё фармондеҳи «Толибон» дар Чимтоли вилояти Балх Мавлави Борӣ тасаввур мешуд, барои «Толибон» хизмат мекард, аммо вақте амалиёти низомӣ дар ин минтақаҳо анҷом шуд, маълум гардид, ки Мавлавӣ Борӣ машғули сохтани пойгоҳ барои ДИИШ аст.[16]

Тибқи хабарҳои тозаинтишоршуда доишиҳо дар ду минтақаи вилояти Ғур низ пайдо шудаанд ва кӯшиш доранд, пойгоҳи низомӣ барои идораи тамоми Ғарби Афғонистон бунёд кунанд. Назар ба маълумоти мувини сардори пулиси вилоят фармондеҳони ДИИШ собиқ аъзои ҷунбиши «Толибон» мебошанд ва ДОИШ тоҳол беш аз 200 нафар ҷавонони маҳаллиро ба сафи худ ҷалб намудааст.[18] 25 октябри соли 2016 ҷангиёни гурӯҳи террористии ДИИШ дар ин вилоят ба таври оммавӣ 36 нафар деҳқони бегуноҳро дастгир ва ба қатл расониданд.[1] Ин ҳодиса нишон медиҳад, ки доишиҳо шеваи дар мазҳари омм ба таври оммавӣ ба қатл расонидани одамонро, ки ДИИШ дар Сурия ва Ироқ истифода мекунад, ба кор гирифтааст.

Дар бораи теъдоди ҷангиёни ДИИШ дар Афғонистон маълумоти дақиқ вуҷуд надорад. Манбаъҳои русӣ теъдоди онҳоро аз 10 то 12 ҳазор тахмин мекунанд. Намояндаи хоси Президенти Русия дар умури Афғонистон Замир Кобулов изҳор доштааст, ки «агар дар соли гузашта теъдоди ҷангиёни ДИИШ аз чанд даҳ то дусад нафар мерасида бошад, имрӯз шумораи онҳо ба 10 ҳазор нафар, аз рӯйи маълумоти дигар ба 12 ҳазор нафар мерасад».[7] Манбаъҳои ғарбӣ дар марҳилаи рушди ДОИШ

шумораи ҷангиёни онро 4-5 ҳазор нафар тахмин менамуданд. Ин рақам баъд аз амалиёти густурдаи неруҳои эътилофи байналмилалӣ дар ибтидои соли 2016, ба қавли онҳо хеле коҳиш ёфтааст.

Дар гузориши дуюми СММ 31 майи соли 2016 гуфта шудааст, ки « тирамоҳи соли 2015 аз рӯйи арзёбиҳо дар вилояти Нангарҳор дар сафи ДИИШ аз 1400 то 2000 ҷангиён вуҷуд доштанд. Аммо дар семоҳаи аввали соли 2016 шумораи онҳо аз як ҳазор нафар камтар шудааст. Як қатор аъзои ҷунбиши «Толибон», ки дар соли 2014 ба ДИИШ пайваста буданд, аз нав ба раҳбари нави «Толибон» Ахтар Муҳаммад Мансур савганди вафодорӣ ёд кардаанд»[3]. Бо вуҷуди ин, аз рӯйи маълумоте, ки аз Афғонистон аз манбаъҳои гуногун мерасад, дар вилоятҳои гуногуни Афғонистон гурӯҳҳое арзи вуҷуд кардаанд, ки худро ДИИШ мехонанд. То кадом сатҳ онҳо бо созмони аслии ДИИШ дар Ироқ ва Сурия робита доранд, маълум нест. Аммо бояд аз рӯйи амалкарди онҳо ба фаъолияташон баҳо дода шавад. Ин гурӯҳҳо ҳатто нисбат ба аҳолии осоишта, аз шеваҳои бисёр бераҳмона кор мегиранд, манбаъҳои фаровони молӣ доранд ва ҷавононро ба сафи худ ҷалб менамояд. Гурӯҳҳои радикалии исломии хориҷӣ ба мисли ҲИУ, «Ансорулло», ҲИТШ, ШИД (Шӯрои исломии ҷиҳод) ва ғайра ба манфиати ин гурӯҳ кор мекунанд, сарбозгирӣ менамоянд. Дар вилоятҳои гуногуни ҳаммарз бо кишварҳои Осиёи Марказӣ марказҳои тарбияи террористонро таъсис додаанд, ки даҳҳо мураббии хориҷӣ ба доишиҳо фанни террор, сохтани мина ва васоили дигари таркандаро меомӯзанд. Рӯз то рӯз доираи фаъолияти амалҳои террористии ДИИШ афзоиш меёбад. ДИИШ дар гаравгонгирӣ ва қатли 30 нафар мусофирони автобус дар масири Ҳирот – Ғазнӣ дар моҳи апрели соли 2016, гаравгонгирии 10 нафар мусофир дар шоҳроҳи Кобул-Ҷалолобод, ҳамлаи интиҳорӣ ба шуъбаи бонк дар Ҷалолобод, ки 33 нафар кушта ва беш аз 90 нафар захмӣ шуданд, ҳамла ба намоиши сулҳомези ҷунбиши «Рӯшноӣ» дар Кобул 23 июли соли 2016, ки ду нафар маргталаб худро дар байни иштирокчиёни намоиш таркониданд ва дар натиҷа 80 нафар кушта ва 236 нафар захмӣ шуданд, амалиёти террористӣ дар назди Суди олӣ дар Кобул, амалӣ террористӣ дар шифохонаи «Чорсад бистар»- и ба номи Сардор Муҳаммад Довуд дар шаҳри Кобул 8 марти соли 2017, ки 38 нафар кушта ва даҳҳо нафар захмӣ бар ҷой гузошт ва даҳҳо ҳамин гуна амалҳои маргталабона даст дорад.

Мутаасифона, шабакаҳои истихборотии Покистон, Арабистони Саудӣ ва баъзе кишварҳои дигари минтақа зери шиори ҷиҳод то имрӯз оташи ҷангро дар Афғонистон шуълавар нигоҳ медоранд. Дар чунин шароит ҳеҷ ҷойи шак нест, ки ҳатто агар музокироти сулҳ ба натиҷае бирасанд ва «Толибон» бо шарте дар давлат саҳм пайдо кунанд, гурӯҳҳои дигар бо доишиҳо мепайванданд ва ҷанг идома меёбад, зеро ҳеҷ нишонае аз хотимаи рақобатҳои геополитикӣ дар минтақа ба чашм намехӯрад. Дар ин шароит эҳтимоли ба Афғонистон омадани ҷиҳодиҳо-

такфириҳо мисли солҳои 90 аз эҳтимол дур нест ва мутаассифона, касе аз мардуми Афғонистон намепурсад, ки оё онҳоро қабул доранд ё на. Мисли ин, ки дар Сурия касе аз давлат ва мардуми он напурсидааст, ки чиро мехоҳанд. Аз рӯйи баъзе маълумот 95 дар сади ҷангиҳои ДИИШ дар Сурия шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд. Тақвияти ДИИШ дар Афғонистон, ҳатман таҳдиде барои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа маҳсуб мешавад. Албатта, кишварҳо ва ё шабакаҳое, ки ин гурӯҳро ҳимоя мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки фаъолияти онҳоро зери назорат бигиранд. Аз як тараф, онҳоро кумак мекунанд, аз тарафи дигар, ба онҳо зарба мезананд ва иҷозат намедиҳанд, ки пирӯз шаванд. Ҳадафи ин гурӯҳҳо бухронсозӣ аст. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки террористон, ҳатман дар марҳилаи муайяне аз таҳти назорат хориҷ хоҳанд гардид.

### Адабиёт


1. Акценты недели: Политический процесс в Афганистане 24-30 октября 2016 года: http://afghanistan.ru/doc/104051.html.

2. Андешманд Муҳаммад Икром. Оё «Давлати исломӣ» дар Афғонистон ҷойгузини «Толибон» мешавад?// http://www.goftaman.com/daten/fa/articles/part40/andeshmand-18-06-2015.pdf

3.Второй доклад ООН по вопросу "Исламского Эмирата", 31 мая 2016 г., Нью Йорк// http://www.voltairenet.org/article192134.html.

4.ДИИШ дар Афғонистон бо созмони аслии худ дар иртибот аст//http://kokchapress.com/49233.

5.Добаев И.П.. Политические институты исламского мира: идеология и практика НПРО третьего поколения//society.polbu.ru/dobaev_politinstitutes/ch07_all.html.

6.Доклад Генерального секретаря об угрозе для международного мира и безопасности, которую создает ИГИЛ (ДАИШ), и о масштабах усилий Организации Объединенных Наций по оказанию поддержки государствам-членам в борьбе с этой угрозой// http://www.voltairenet.org/article192134.html

7.ИГИЛ в Афганистане: новый проект «империи добра»// http://politrussia.com/world/igil-v-afganistane-890.

8.История возникновения ИГИЛ по версии таджикского ученого//www. Asia-plus 12.01.2015

9.Мужда Вахид. Ман гурӯхи «Толибон»-ро як гурӯҳи террористӣ намедонам.// http:www/ariaye.com.08.07.2015 г.

10.Мулозаҳӣ Пирмуҳаммад. ДИИШ ҷойи «Толибон»-ро хоҳад гирифт?// http:www/ariaye.com.

11. Суҳайло Амон. Мактаби девбанд ва бунёдгарой дар Афғонистон ва Покистон. Кобул, 2014. С. 102-103.

12.Толибон ба ДОИШ ба муҳаббат эҳтиром бигзоред//www. khama press

13.Угроза ИГИЛ: пути противодействия национально-религиозному экстремизму. Сборник информационно-аналитических материалов. М., 2016.С 10-11.

14. Ҳидоят Ҳабиб. ДОИШ кист ва онро чи касе ба хотири кадом аҳдоф офарид?// www/ariaye.com.

15.Казахстанская правда.-2016.-7 апр.

16. 8 собх.- 2016. -24 март

17. http:www/ariaye.com.07.07.2015 г.

18. http:www/ariaye.com.11.08.2016 г.

19. http://www.tolonews.com/fa/afghanistan/24708-daesh-expands-activities-in-afghanistan-noor

20. http:www.ariaye.com.11.05.2016

# АҚИДАҲОИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚИИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ ОИД БА ПАЙДОИШИ ҶОМЕА, ҲОКИМИЯТ ВА ДАВЛАТ

***Давлатов М.Н.*** *– сармутахассиси шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел..: (+992) 909 883 338. E-mail: dmarufchon86@mail.ru.*

Дар мақолаи мазкур, оид ба ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар бораи пайдоиши ҷомеа, ҳокимият, давлат ва аҳамияти он дар замони ҳозира сухан рафтааст. Муаллиф, махсусан оид ба мафҳум ва моҳияти ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар бораи пайдоиши ҷомеа, ҳокимият ва давлат, таваққуф намудааст.

***Калидвожаҳо:*** *ахлоқ, адолат, ҳуқуқ, давлат, сиёсат, ҷомеа, ҳокимият, назария,афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ*

# ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫЕ ИДЕИ ХУСЕЙНА ВОИЗА КОШИФИ О ВОЗНИКНОВЕНИИ ОБЩЕСТВА, ВЛАСТИ И ГОСУДАРСТВА

***Давлатов М.Н.*** *– главный специалист аттестационного отдела общественно-гуманитарных наук Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан, Тел..: (+992) 909 883 338. E-mail: dmarufchon86@mail.ru.*

В данной статье рассматриваются политико – правовые взгляды Хусейна Воиза Кошифи о возникновении общества, власти, государства и его значения в современном этапе.

***Ключевые слова***: *мораль, право, государство, политика, общество, власть, теория, политико-правовые взгляды*

# POLITICAL AND LEGAL VIEWS OF HUSSEIN VOIZ KOSHIFI ON THE INITIATION OF SOCIETY, POWER AND STATE

***Davlatov M.N.*** - *Key Specialist of the Appraisal Department of Social and Human Sciences of the Supreme Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan, phone: (+992) 909 883 338. E-mail: dmarufchon86@mail.ru.*

This article deals with the political and legal views of Hussein Voiz Koshifi on initiation of society, government, state and their significance in modern time.

***Keywords***: *morality, law, state, politics, society, power, theory, political and legal views*

Афкори сиёсӣ-ҳуқуқии асримиёнагии форсу тоҷикро бе саҳми Ҳусайн Воизи Кошифӣ тасаввур кардан мушкил аст. Ин симои барҷастаи фарҳангӣ дар асарҳои худ: «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Футуватномаи султонӣ», «Рисолаи Ҳотамия» оид ба тарзи давлату давлатдорӣ, ягонагии ҳокимияти динию дунявӣ, саҳми шахсони соҳибмансабу соҳибмақом ва ашхоси тавонгар дар идоракунии давлат андешаҳои ҷолибе баён намудааст, ки ҳоло ҳам пурарзишанд.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ яке аз намоёнтарин чеҳраҳои адабию фарҳангӣ ва афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ахлоқии тоҷику форс ба ҳисоб меравад, ки бо осори ғановатманду гаронмоя ва пурмуҳтавой худ дар таърихи афкори сиёсӣ-ҳуқуқии асримиёнагии тоҷик маъруфият пайдо кардааст. Дар осори гаронмояи ӯ анқариб тамоми масъалаҳо ва муаммоҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳаётиву ҳуқуқӣ ҷой дода шудааст. Азбаски доманаи мавзӯоти осрои Кошифӣ хеле серпаҳлу ва фарох мебошанд, бинобар ин дар ин мақола масъалаҳои афкори сиёсӣ-ҳуқуқии мутафаккир мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

Ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Кошифӣ асосан дар асарҳои ӯ «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Футувватномаи Султонӣ» ва «Рисолаи Ҳотамия» инъикос ёфтаанд. Ба ақидаи Кошифӣ давлат маҳсули рушди табии ҷомеаи инсонӣ буда, асоси онро ниёзҳои одамон ташкил медиҳанд ва давлат на барои умуман зистан, балки барои хушбахтона зистан бунёд мегардад. Кошифӣ баръакси ақидаи Арасту иброз медорад, ки дар давлат на шахсони алоҳида (подшоҳон, ҳокимон, сиёсатмадорон) балки ҳуқуқ ва ахлоқ ҳукмрон бошад. Дар амсилаи давлати Арасту ҳуқуқ бо адолат айният дорад. Қонунҳо хиради мутавозин мебошанд, ки ба онҳо ҳеҷ гуна эҳсосоти хушбинӣ ва ё бадбинӣ халал ворид нахоҳанд кард. Ӯ ҳадди мувозинати ҷомеа ва давлатро шохаи муҳими адолат ҳисоб мекунад. Кошифиро ба истилоҳи имруза метавон мафкурасози табақаи миёнаи ҷомеа номид. Ӯ аз миёни шаклҳои ҳокимият шакли ахлоқӣ – ҳокимияти табақаи миёнаҳолро беҳтарин ва онро шакли мукаммали ҳокимияти аксарият медонад.

Аз нигоҳи Кошифӣ, ҳуқуқ ва давлат мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд буда, барои идоракунии ҷомеа мавқеи муҳим доранд. Бояд зикр намуд, ки ақидаҳои Кошифӣ дар бораи ҳокими хирадманд, ҳамчун шахсӣ олиҳиммату накӯрой дорои ҳамаи сифатҳои волои инсонӣ муътақид ба баробариву озодии комили одамон ва ахлоқу фарҳанг дар робита бо воқеияти давлативу сиёсии замони зиндагии муҳаққиқ ҷанбаи ормонӣ дорад. Дар ин робита, чунин андешаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ як навъ пешгуии равандҳои пешрафти ҳаёти сиёсиву давлатӣ мебошанд, ба хотири муайян намудани роҳҳои инкишофи давлатдорӣ иброз гаштаанд. Чунин тарзи таҳлили илмӣ оид ба имкони таъмини баробариву хушахлоқии мардум,

интихоби ҳукмрони давлат, тарбияи ахлоқию маънавии аҳолиро дар назар дорад, ки албатта аз аҳаммият холӣ нест.

Кошифӣ пешрафти минбаъдаи ҷомеа ва давлатро дар робита бо воқеияти замони худ, дар доираи ҷаҳонбинии худ, сатҳи пешрафти илму фарҳанги замонаш муайян кардааст. Андешаҳои ӯ, ҳарчанд ормонӣ бошанд ҳам, вале ӯ имконпазир будани тарзҳои демократии ҳокимиятдорӣ, шаклҳои имконпазири ҳаёти демократиеро, ки акнун, баъди якчанд асрҳо ба вукуъ пайвастанд, пешгӯӣ намудааст.

Кошифӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсии давлат дахл карда, давлати ормониро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Чунин истилоҳ аслан тавсифи ин ё он низоми мавҷуда набуда, вале бояд дар оянда арзи вуҷуд намояд. Муттафаккир дар осори худ давлатро мансуби мақому манзалати табақаи ҳукмрон тавзеҳ дода, ба мақоми ҳукмронони давлати ормонии худ танҳо шоҳи адолатпеша ва хирадмандро сазовор медонад. Зеро ба ақидаи ӯ, маҳз шоҳи одил ба некӯаҳволӣ ва адолати иҷтимоӣ мусоидат карда, ҳукмронии ақлу хирадро таъмин мекунад. Ба ақидаи Кошифӣ маҳз шоҳи хирадманд давлати ормониро ҳифз ва амалӣ мекунад, сиёсатро аз ҳар гуна тағйироти нобаҳангом эмин нигоҳ медорад. Асл ё принсипи давлати ормонӣ дар он аст, ки ҳар як узви ҷомеа бояд ҳамон кореро анҷом диҳад, ки лоиқу шоистаи он аст. Кошифӣ муътақид аст, ки сарвари давлати ормонӣ бояд чор фазилати асосӣ дошта бошад:

1. Хирадманд
2. Ҷасорат
3. Мулоҳизакор
4. Адолатпеша

Кошифӣ ҳарчанд, ки дар доираи ҳокимони замони худ аз нуфузи хоса бархурдор бошад ҳам, аз тарзу усули давлатдории онҳо пуштибонӣ намекард. Ӯ дар шароите ҳаёт ба сар бурдааст, ки дар аксари мамолики Шарқ низоми феодалӣ рӯйи кор омада, дар тариқи давлату давлатдорӣ, мактабу маориф тарҳи нав рехта шуда буд. Дар бисёр давлатҳои Шарқ ғояҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ густариш доштанд. Кошифӣ аз ҳолу аҳволи халқи заҳматкаш хуб бохабар буд, имкон дошт, ки тарзи давлатдории Шарқу Ғарбро муқоиса намуда, баъзе ислоҳотро вобаста ба шароити мушаххаси Осиёи Миёнаи феодалӣ пешниҳод намояд. Кошифӣ хуб медонист, ки ҳукумат ва давлатдорӣ кори мушкил аст. Бинобар ин сарвари давлат бояд марди бо фазлу хирад, ботаҷриба, адолатпараст, хушахлоқ бошад. Кошифӣ имони комил дошт, ки танҳо сарвари донишманд, хушахлоқу адолатпараст, дурандешу ватанхоҳ метавонад, ҷомеаро ба таври бояду шояд идора намояд. Ӯ таъкид мекард, ки сарвари давлат бояд кафили оромӣ ва амнияти ҷамъият бошад. Кошифӣ бар он андеша аст, агар кормандони давлатӣ вазифаашонро дуруст адо накунанд, зулмро ба халқ раво бинанд, тибқи қонун ба ҷазо гирифтор карда шаванд. Кошифӣ

аввалин шахсест, ки дар афкори сиёсии форсу тоҷик оид ба давлати ормонӣ рукнҳои зеринро пешниҳод намудааст.

1. Подшоҳ агар золиму заифҳол бувад, ҳамсоягон ба мамлакати ӯ тамаъ кунанд ва кишварро поймол намоянд.

2. Дар дастгоҳи идораи давлатӣ бояд шахсони донишманд, адлгустар фаъолият кунанд, зеро агар амалдорони дастгоҳи ҳукумат золим ва ҷоҳил бошанду подшоҳ адлгустар, дар ин маврид низ шаҳр хароб шуда, мардум тарки он мекунанд, деҳаҳо вайрон мегарданд, чунки зулми амалдорон ин зулми худи султон аст.

3. Дар кишвар ба соҳаи ахлоқи ҷомеа таваҷҷӯҳи хоса бояд дод.

4. Дар шаҳр бояд обҳои ҷорӣ, дарёву наҳрҳо ва чашмасорҳо вуҷуд дошта бошанд.

Кошифӣ ҷомеаро бе подшоҳ тасаввур намекунад ва ба нақши сарвар дар ҳаёти ҷамъиятӣ арҷ мегузорад. Бинобар ин, ӯ хостгорӣ он аст, ки шахси подшоҳшаванда дорои сифатҳои зайл бошад:

1. ҳоҷатбарор буда, чизу молпараст набошад;
2. ғамхор буда, ҳалиму ботамкин бошад;
3. халқро дифоъ кунад;
4. дар андешаи ҳимояи кишвар буда, аҳли фазлро эҳтиром кунад;
5. таккабур надошта бошад ва дар сиёсати шоҳӣ устувору бофаросат бошад.

Кошифӣ ҳам ба монанди мутафаккирони пешин ҷонибдори подшоҳи одилу хайрхоҳ аст.

Аз муқоисаи иҷмоли пайдоиши давлат ва ҳуқуқ, чунон ба чашм мерасад, ки Кошифӣ дар таҳрезиву фароҳам сохтани «ҷомеа» асосан афкори сиёсӣ-ҳуқуқии худро ба пояи далелу асноди боэътимоди пешиниён таҳия менамояд ва албатта аз чанд натиҷаи ахлоқию ҳуқуқӣ барканор намемонад. Яъне, Кошифӣ ҷомеа ва давлатро берун аз мунсибатҳои мураккаби дар он ҷой дошта тасаввур карда наметавонад. Зеро аз нигоҳи ӯ, ҷомеа ва давлат дорои муносибатҳои ба худ хос мебошанд, аз ҷумла:

-авлодӣ, ҷамъиятест, ки то давлатдорӣ эътироф шудааст;

-қабилавӣ, ҷамъиятест, ки дар он гурӯҳҳои нави одамон давлатдориро ба роҳ мемонанд;

-гурӯҳӣ, ҷамъиятест, ки дар он синфи нави одамон давлатдориро ба роҳ мемонанд.

Кошифӣ ҳокимияти давлатиро маҳсули иродаи Худованд медонад. Шаклҳои идоракунӣ ба вазъият ва воқеият вобастагӣ доранд. Кошифӣ бар он ақида аст, ки ҳокимияти давлатӣ тобеи ҳокими мутлақ (шоҳ) гардонида шавад. Ҳуқуқҳои шоҳ дахлнопазир аст ва шоҳ бояд ҳуқуқҳои фитриро эътироф кунад. Ӯ се унсури ҳокимияти давлатӣ: моҳият, пайдоиш, истифодаи онро қайд мекунад. Идоракунии подшоҳиро дар давлат тарафдорӣ менамояд. Кошифӣ ҳамзистии инсонҳоро дар он мебинад, ки

одамон мақсадҳои ахлоқии худро дар руҳия ва таълимоти динӣ идрок намоянд.

Дар асрҳои миёна мақоми рӯҳониён дар ҷамъият хеле бузург буд, онҳо нахустабақаи ашрофи ҷомеа буданд. Қисми зиёди амлоку заминҳоро соҳибӣ менамуданд. Мафкурасозони ҷомеаи феодалӣ буданд. Ақидаҳои сиёсии Кошифӣ, ки бар зидди иштироки рӯҳониёни золим дар рукнҳои давлатдорӣ мебошад, пеш аз ҳама аз ҷанбаҳои ахлоқию ҳуқуқӣ бархурдоранд. Аз ин рӯ, ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии асримиёнагии Кошифӣ барои инкишофи давлати ормонӣ бо сарварии шоҳи одил, ки бе дахолати рӯҳониён идора карда мешавад, равона гардидааст. Ӯ масъалаҳои гуногуни вобаста ба ҳаёти ҷомеаро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Масъалаҳои ташаккули иттиҳодияҳои одамон, пайдоиш ва вазифаҳои давлат, шаклҳои давлатдорӣ, хусусиятҳои тарзи ҳаёти шаҳрӣ, мақом ва нақши инсон дар ҷомеа ва ғайра дар маркази таваҷҷуҳи мутафаккир буданд. Ба ақидаи Кошифӣ давлат барои он арзи вуҷуд намудааст, ки одамон ба воситаҳои моддӣ барои ҳаётгузаронии худ эҳтиёҷ доштанд.

Ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Кошифӣ ҷанбаи умумӣ доранд ва аз ҷумлаи оғози пайдоиши тафаккури ахлоқӣ дар ҷомеаи муттамаддин мебошанд. Кошифӣ дар бораи бунёди ҷомеаи маданию ахлоқӣ сухан ронда, ақидаҳои сиёсиву ҳуқуқиашро дар осори худ баррасӣ намудааст. Ба андешаи Кошифӣ дар саргаҳи ҷомеаи маданӣ шоҳи бохирад ва донишманд қарор дошта, муносибатҳои байниҳамдигарии табақаҳои гуногуни ҷомеаро танзим ва инкишофи пайвастаи ҷомеаро таъмин менамояд. Ҳокими бомаърифат ва хирадманд, аҳли ҷомеаро сарварӣ мекунад.

Ба ақидаи Кошифӣ, шоҳ дар тамоми мулк ҳокими мутлақ аст. Ӯ бояд соҳиби 12 сифати модарзодӣ бошад: «камолоти ҷисмонӣ, борикбинию дурандешӣ ва зиракии фитрӣ, дорои ақл ва хотираи солиму мустаҳкам, хушахлоқ ва бофаросат, хушбаён ва тозабаёнии андешаҳо, маърифатнокӣ, эътидол дар хурдан ва нӯшдан, ишқу алоқа ба ҳақиқат, нафрат ба дурӯғ ва дурӯғгӯён, қадр кардани шарафу номус, некмаром ва ҳимматбаландӣ, нафрат ба сарватандӯзӣ, молу пул ва ҳаргуна унсурҳои ҳаётӣ, бо адлу дод ва нафрат ба беадолатӣ ва зулм, қайсар ва ҷасур будан, дар зарурат ба қотеъият рафтор кардан» [1;127].

Аммо мутафаккир аз ҳама сифатҳо донишмандию адолатнокиро болотар мегузорад. Ба ақидаи ӯ агар ин ду сифат дар шоҳ набошад марги давлат ногузир хоҳад буд.

Кошифӣ муътақид буд, ки давлатро бояд ақаллият, яъне баргузидагон (элита) сарварӣ намоянд. Ӯ аҳли ҷомеаро яксон намедонад.

Ба ақидаи Кошифӣ мадори олам бар сиёсат аст ва онро ба шаҳнагии ҷаҳони қавну фасод номзад кардаанд. Ӯ зикр кардааст, ки «гар забти сиёсат набошад, муҳиммоти ҷаҳон бар насқ намонад ва агар қонуни таъбиду таъзиб набувад, корҳо рӯй ба табоҳӣ ниҳад» [1;120].

Кошифӣ ибрози ақида менамояд, ки «агар подшоҳ набудӣ, одамиён баъзе баъзеро бихӯрдандӣ, яъне ҳалоку нобуд сохтандӣ. Овардаанд, ки яке аз хулафо ба минбар баромад, теғ кашида ва мусфаҳ бар даст гирифта. Пас дар аснои хутба гуфт: эй мардумон, некуи шуморо ин бас аст, яъне мусҳаф. Ва бадони шумо ҷуз ба ин рост нашавед (яъне, манзур шамшер аст (Д.М)» [1;142].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ пеш аз ҳама ба мафҳуми сиёсат таваҷҷуҳ менамояд ва онро ба маънии зӯрӣ, тарс, иҷбор ва ғайра мефаҳмад. Ва вобаста ба ин мефармояд, ки «яке аз фавоиди сиёсат таскини фитна аст, мардуми фитнаангез чун бинанд, ки оташи сиёсат тез аст дар гӯша гурезанд ва агар андак рахнае дар кори сиёсат мушоҳида равад ҳазор фитна бар пой кунанд ва аз ҳар ҷиҳате шӯру шойе ба зуҳур расонанд» [1;120].

Кошифӣ сиёсатро воситаи асосии танзими ҳаёти ҷомеа мешуморад. Кошифӣ аз номи ходимон ва мутафаккирони давраҳои гузашта дар бораи сиёсат ва сиёсатмадорӣ қиссаҳо оварда, нуқтаи назари худро асоснок менамояд. Салтанатро ба ниҳол ва сиёсатро ба об монанд мекунад.

Ба назари мутафаккир яке аз ҳадафҳои дигари сиёсат фурӯ нишондани фитнаю фитнагарӣ мебошад.

Кошифӣ дар дарки сиёсат ва идоракунии давлат ба моҳият ва вазифаҳои адлу адолатхоҳӣ мароқи зиёд зоҳир намуда, адлро воситаи пойдории кишвар меҳисобад:

Мутафаккир подшоҳи одилро қадр мекунад ва ӯро паноҳгоҳи мазлумон меномад. Ранҷбарон аз зулму золимӣ ба танг меоянд ва аз подшоҳи одил имдод металабанд.

Ба ақидаи Кошифӣ ҳам ба мисли дигар мутафаккирони асримиёнагӣ подшоҳӣ хосияти илоҳӣ дорад. Подшоҳро ҳамчун сояи Худо дар рӯйи замин эътироф мекунад.

Ӯ муътақид аст, ки яке аз аркони адолат шунидани сухани мазлумон, ба доди мардум расидани подшоҳ мебошад. Подшоҳро зарур аст, ки то охир ботамкин ба арзи касон гӯш фаро диҳад, боандешаву мулоҳиза, хулоса барорад. Адл накӯтарин хислат аст. Подшоҳи одил бақои мулкро таъмин созад, мамлакатро обод намояд. Кошифӣ яке аз хислатҳои подшоҳи одил ва додгустарро дар қудрат доштан ва авф кардан мебинад.

Кошифӣ дар раванди идоракунии давлат ба машварат намудан ва махфӣ нигоҳ доштани асрори далатдорӣ арҷ мегузорад.

Дар сиёсат ва давлатдорӣ, Кошифӣ ба гирд овардани ахбор ва муътамадӣ ва саривақтӣ будани он нақши махсусро мансуб медонад. Гирд овардани иттилоот дар бораи вазъи кишвар ва паҳлуҳои гуногуни он, баровардани хулосаҳои саривақтию дуруст, қарори қабул ва амали намудани он ба қатори суннатҳои асосии давлатдорӣ дохил мегардад.

Бинобар ин, ӯ яке аз пояҳои асосии салтанатӣ ва давлатдориро дар мавҷудияти ахбор медонад ва табиист, ки набудани яке аз пояҳои

давлатдорӣ боиси таназзули салтанат гардад. Ба сифати ҳамин гуна поя «.. соҳибхабари амин, ки пайваста хабари шаҳру вилоят ва ҳолати аъёну раият ба ҳазрати султон арз намояд», баромад менамояд[10;83].

Мутафаккир вазифаҳои ҳар як аз унсуронҳои давлатдориро шарҳ дода, рушди пешрафти кишварро ба муносибатҳои байниҳамдигарии аъёну ашроф, ходимони давлатӣ вобаста медонад. Махсусан мақом ва нақши муносибатҳои байниҳамдигарии подшоҳ, вазир ва ҳокимони дигар дар кори давлатдорӣ барҷаста аст.

Кошифӣ ба нақши махсуси вазир дар идораи давлат мароқ зоҳир намудааст ва онро муҳимтарин унсури давлатдорӣ меҳисобад. Вазир тамоми корҳои идораи кишварро сарварӣ менамояд, ба низом меандозад. Бояд подшоҳ ба вазир муносибати махсус дошта бошад. Ӯро эҳтиром кунад. Вазирро таҳқиру мазаммат накунад, ба андешаҳои ӯ гӯш фаро диҳад.

Мутафаккир  подшоҳонро ба шукру сипос даъват менамояд.

Кошифӣ ба масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ батафсил таваққуф намуда, назарияи Арастуро, ки дар таърихи афкори сиёсӣ бо номи «муаллими ахлоқ»[6;72] маъруф аст, дар масъалаҳои пайдоиш ва вазифаҳои давлат, шаклҳои давлатдорӣ, махсусан, назарияи шаҳри ормонии ӯро эҷодкорона инкишоф ва такмил додааст. Ӯ истилоҳи «ахлоқ»-ро вориди афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ намуда, дар рисолаи худ бо номи «Ахлоқи Муҳсинӣ» онро батафсил муаррифӣ мекунад. Кошифӣ сарвари фозилро ба ахлоқ - унсури асосии ҷомеаи инсонӣ муқоиса мекунад, зеро ба ақидаи ӯ ахлоқ боиси мавҷудият ва омили асосии фаъолияти инсонӣ ва дигар аъзои ҷомеа мебошад.

Ӯ муътақид аст, ки ҳар як инсон аз руйи табиати худ тавре офарида шудааст, ки барои бақои худ ва даст ёфтан ба олитарин такомул ба бисёр чизҳо ниёз дорад ва барои ноил шудан ба он чизҳо ба ҷамъияти инсонҳо муҳтоҷ аст, зеро дар ҷомеа ҳар як узви он дар алоҳидагӣ ин ё он чизи мавриди зарурати ӯро фароҳам меоваранд.

Кошифӣ ба сифатҳои некуи сарвари фозил қобилияти бо неруи тахайюл пайвастани ақли фаъолро шомил месозад, зеро қонунҳои одилона, корҳои некӯ ва гуфтори шоистаи сарвар маҳз маҳсули талқини ақли фаъол мебошад. Мутафаккир дар мавриди адлу инсофи ӯ чунин мегӯяд: «Бояд табиатан, адолатро дуст дорад ва аз беадолатӣ танаффур дошта бошад, ҳамчунин аз онҳое, ки истибдод ва беадолатӣ бармеояд» [1;149].

Масъалаҳои адлу дод ва риояи ахлоқ равишу усули идоракунии давлат ва кишвардорӣ дар эҷодиёти мутафаккири қарни XV, мутафаккири форсу тоҷик Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз мавқеъ ва мақоми бориз бархурдор мебошад. Ӯ тақрибан дар ҳамаи асарҳояш ба масъалаҳои зикршуда дар мавридҳои зарурӣ ишора намудааст, масалан, у нақши инсофу адлро дар ободии мамлакат ва расидан ба

салоҳи мамлакатро дар асараш «Ахлоқи Муҳсинӣ» чунин ба қалам медиҳад: «Аз фазилати адолат ҳамин нукта бас, ки одил маҳбуби ҳама мардумон аст. Агарчи аз адли ӯ фоида ба эшон нарасида бошад. Ва золим мабғузи (душмани) ҷамиъи ҷаҳониён аст. Мамлакат аз кору қарори боадолати шоҳ пойдор шавад»[1;142].

Ҳамин тавр, ғояҳои адлу инсоф ва додгустарии шоҳону салотин дар осори ин мутафаккири тоҷику форс бо овардани тимсолу ҳикояту ривоятҳои дилпазир инъикос гардидааст.

Кошифӣ ҳокимияти давлатро маҳсули иродаи Худованд медонад. Шаклҳои идоракунӣ бошанд ба вазъият ва воқеият вобастаанд. Кошифӣ дар он ақида ҳаст, ки ҳокимияти давлатӣ тобеи ҳоким (шоҳ) гардонида шавад. Ҳуқуқҳои шоҳ дахлнопазир аст ва шоҳ бояд ҳуқуқҳои фитриро эътироф кунад. Ӯ се унсури ҳокимияти давлатӣ: моҳият, пайдоиш, истифодаро баён мекунад. Тарзи идоракунии подшоҳиро дар давлат тарафдорӣ менамояд. Кошифӣ ҳамзистии инсонҳоро дар он мебинад, ки одамон мақсадҳои ахлоқии худро дар рӯҳия ва таълимоти динӣ идрок намоянд. Ӯ ҳаёти ҷомеаро фақат ба ҳайси давраи тайёрӣ ба оянда, ба ҳаёти маънавию ахлоқӣ медонист. Ба ақидаи ӯ сарвари ҳокимияти олӣ дар давлат- шоҳ мебошад.

Кошифӣ ақидаҳояшро оид ба адл асоснок карда, чунин қисса мекунад, ки «Абдуллои Тоҳир рӯзе писари худро гуфт, ки оё давлат дар хонадони мо то ба кай бимонад? Писар ҷавоб дод: то даме, ки бисоти адлу фарши инсоф дар ин айвон густурда бошад»[1;144].

Ӯ бар-он ақида аст, ки подшоҳи одил сояи лутф аст, дар замине, ки дар вай ҳар мазлуме паноҳ мегирад. Муттафаккир адолатро ба сояи лутф ташбеҳ мекунад, ки ҳар киро аз тобиши офтоб ранҷе расад, барои истироҳат паноҳ ба соя мебарад, то ранҷи ӯ ба роҳат мубаддал гардад ва ҳамчунин мазлум низ, ки аз тобиши офтоби ситам ва ҳарорати шарорати зулм ба танг ояд, паноҳи сояи Худо, ки иборат аз подшоҳ аст, илтиҷо намояд, то аз кулфати золимон осоише дошта бошад.

Ба фикри Кошифӣ «шоҳи одил сояи лутфи Ҳақ аст ва ҳар ки адл дорад лутфи мутлақ аст. Шоҳи одил халқро дар сояи худ ҷой медиҳад, аз ин рӯ дар фарқи гардун ҳамчун шахси бошараф аз ҷониби омма эътироф мегардад»[2;144].

Барои Кошифӣ василаи татбиқи усули адолат сифатҳое мебошанд, ки ҳар подшоҳ ё ҳоким онро дошта бошаду мутобиқ ба ин сифатҳо иҷрои вазифа намояд. Ин усули сифатҳо дар муҳтавои асарҳои Кошифӣ хеле моҳирона ба риштаи тасвир кашида шудааст.

Тибқи ақидаҳои Кошифӣ шоҳ ё ҳоким дорои сифатҳои адолатнокӣ, хирадмандӣ, мақому манзалат дар миёни омма, хайрхоҳи, ростқавлӣ, шуҷоатнокӣ, лутфу карам, олиҳиматӣ, боғайратӣ, дурандешӣ, фаросатнокӣ, ҳоҷатбарорӣ, ҳалимӣ, мулоҳизакорӣ, инсондустӣ ва иффату

ҷуд буда, вазифаҳояшро равшану амиқ дарк намояду барои таъмини вазифа ин сифатҳоро ба кор барад.

Кошифӣ мефармояд, ки «яке аз осори шавқати шоҳ он аст, ки чунон раиятро дӯст дорад, ки падар фарзандро ва ҳар чӣ бар худ написандад бар эшон написандад. То эшон низ молу ҷони худро аз вай дареғ надоранд ва ҳар чӣ доранд фидои вай кунанд ва ҳама ҳиммати худро бар дарозии умру зиёдатии давлати ӯ гуморанд ва чунончи ӯро раҳму шафқат бар халқ бештар бошад»[1;160].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳамчун воиз ва мутафаккири даврони худ дар баробари дигар масоили замони феодалӣ, аз ҷумла ба мавзуъ ва ҷомеаи ахлоқӣ рӯй оварда, дар таҳаввул ва тафсири ин афкори муҳими инсонӣ нақши калиди бозидааст. Қайд кардан зарур аст, ки ақидаи ҷомеаи ахлоқӣ ва адолатпарвар ҳануз дар афкори сиёсӣ-ҳуқуқии мардумони эронитабор дар китоби Авесто, баъдтар дар афкори адолатхоҳонаи асотирии Фаридуну Анӯшервони одил ва дигарҳо ташаккул ёфта, дар таълимоти афкори мутафаккирони баъдинаи тоҷику форс густариш ёфтааст. Дар афкор ва ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии форсу тоҷик дар инкишофи назарияи ҷомеаи ахлоқӣ мутафаккирони Шарқ аз қабили Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯнасри Форобӣ, Низомулмулк, Саъди Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ андешаҳои худро иброз дошта бошанд ҳам, афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ахлоқии Кошифӣ доир ба ин мавзӯъ бо чанд вижагии худ аз дигарон фарқ мекунад. Кошифӣ дар пайи ин мавзӯъ ба тарғиби баробарҳуқуқии одамон, ташвиқи адлу адолат, ҳимояи манфиатҳои табақаи заҳматкаши ҷомеа, даъват барои ғамхори халқ будани шоҳону ҳокимон, ифшо сохтани нобаробариҳо ва зулму ҷабри сохти феодалӣ пардохтааст. Ӯ дар асараш «Ахлоқи Муҳсинӣ» ба таври мафкуравӣ ба тавсифи сохти ҷамъиятие мепардозад, ки асоси онро ахлоқ, риояти ҳуқуқ, адолат, сабру таҳаммул, хубиву некӣ, саховату эҳсон ва вафову аҳд ташкил медиҳад. Дар ҷомеаи ахлоқӣ ҳамаи одамон аз лиҳози ҳуқуқ ва моликият баробар мебошанд, чи будани ҷинояту бадахлоқиро намедонад. Онҳо аз корҳои зишту бад ва муфлиси нафрат доранд ва аҳли ҷомеаи ахлоқӣ дорои сифатҳои хуб, аз ҷумла адолатнок, босабру таҳаммул ва босаховату эҳсон ҳастанд. Дар осори Кошифӣ на танҳо фикри вуҷуд доштани чунин ҷомеа, балки зарурати ҷорӣ намудани он ва эҷод сохтани беҳтарин ҷомеаи ахлоқӣ буданаш ба назар мерасад. Фарқи андешаҳои Кошифӣ аз афкори дигар мутафаккирони форсу тоҷик дар ҳамин ифода меёбад.

Дар ҷомеаи адолатпеша ё худ давлати ормонии Кошифӣ аз бадахлоқию ҷинояткорӣ осоре дида намешавад, зеро сокинони он бо ҳамдигар боэҳтиром ва дар амнияту субот ҳаёт ба сар бурда, падидае омадани ҳама гуна амали зиштро имконнопазир мегардонанд.

Ба андешаи Кошифӣ, дар ҷомеае, ки ахлоқ ҳамчун мувозинати ҳамешагӣ дар байни сокинонаш бошад, ба ҳеҷ гуна шоҳу султон ниёз

надорад ва сабаби асосии ниёзманд будани ҷамъият ба шоҳу султон танҳо беадолатии иҷтимоӣ ва зулму истибдод аст. Вазифаи шоҳи одил аз он иборат аст, ки зулму истибдод, беадолатию бадахлоқиро дар ҷомеа бартараф созад. Аз ин лиҳоз, ҷомеае, ки дар он зулму истибдод, беадолативу бадахлоқии инсон ҷой надорад, ба ҳеҷ гуна шоҳ ё султон муҳтоҷ нест.

Дар давлати ормониву адолатпешаи Кошифӣ на ба шоҳ, на ба султон ва на ба лашкару сипоҳ роҳ дода мешавад. Сабаби ҷой надоштани ин сохторҳоро мутафаккир набудани моликияти хусусӣ, шоҳу ҳокимон, нобаробариву ахлоқи зишту золимии адаму ҳашам мебинад. Ба ҳамин ҳадаф ӯ на танҳо давлати ормониашро ба сохти шоҳигарии ноадолатона, олами ҷаҳолату иртиҷоъ муқобил мегузорад, балки ҳамчун ҳомии сохти феодалии одилона дар аксар мавридҳо ба шоҳону ҳокимони давр муроҷиат намуда, маслиҳат медиҳад, ки нисбат ба раият бошафқату адолатхоҳ бошанд ва ба зулму таҳқири онҳо роҳ надиҳанд, зеро бақои давлат ба шафқату муруввати шоҳону ҳокимон нисбат ба раият комилан вобастааст.

Ин қабил андешаҳо дар афкори сиёсиву ҳуқуқии Кошифӣ бисёранд. Ӯ ба ин далел аст, ки эътирофи арзиши ахлоқӣ ва нақши мусбати давлат чун падидаи неки ҷомеа ҷузъи анъанаҳои афкори форсу тоҷик мебошад. Ин ақидаҳо ҳоло ҷавобгӯи талаботи имрӯзаи инкишофи ҷомеа, алалхусус ҷавобгӯи таҳлилҳои нави давлат ба сифати падидаи некхоҳонаи ҷомеа аст. Ба андешаи Кошифӣ давлат яке аз шаклҳои зарурии инкишофи ҷомеа маҳсуб ёфта, арзиши баланди ахлоқиву иҷтимоӣ дорад.

Аз ин хотир, андешаҳои мутафаккир дар хусуси давлати некхоҳ дар ташаккули мафкураи мусбати давлатшиносии аъзои имрӯзаи ҷомеа, муносибати эҳтиромомез ба давлат, тарбияи ҷавонон дар руҳияи эҳтироми давлат, кӯшиш баҳри тақвияти он аҳамияти сиёсиву ҳуқуқӣ доранд.

Ба ҳамин тартиб, Кошифӣ дар «Футувватномаи султонӣ» ва «Ахлоқи Муҳсинӣ» андешаҳо ва назариёти сиёсии хешро дар мавриди шеваи ҳукумат кардан возеҳан баён кардааст. Ӯ бо зиракӣ ва ҳадафмандона «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-ро ба Мирзо Абдулмуҳсин фарзанди Ҳусайн Бойқаро ҳадя мекунад. Дар он рузгор интишорот ва имконоти кунунии чоп вуҷуд надошт, ки аз ин тариқ Кошифӣ битавонад афкори худро густариш диҳад. Бинобар ин, ӯ «Ахлоқи Муҳсинӣ»-ро мустақиман, ба дасти давлатмардони замони хеш тақдим мекунад, то ки аз он дар умури идора ва раҳбарии ҷомеа кор бигиранд. Аз тавсифоти баъдии мутафаккир дар бораи Мирзо Абдулмуҳсин ба назар мерасад, ки шоҳ аз тавсияҳои ӯ дар идораи умури давлат истифодаҳои зиёде намудааст, зеро Кошифӣ аз равиши ҳукуматдории ӯ розӣ ба назар мерасад. Дар осори Кошифӣ мавзуоти идораи ҷомеа, ҳокимият ва давлат ба таври фарогир матраҳ шуда, мутафаккир ба масоиле монанди тарбияти фарзанд, сахову ҷавонмардӣ, зарурати омӯзиши илм, ҳақиқати ибодат, риояи адлу дод,

адолат дар қазовати додгоҳи, эътидол дар сиёсат, иллати нопойдории давлатҳо, ҳаросат аз амонати мардум ва ғайра пардохтааст, ки ҳама аз зарурати бақои давлат ва тараққии кишварҳо маҳсуб мешаванд.

## Адабиёт


1. Кошифӣ Ҳ.В. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Мӯҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия»,- Душанбе: «Адиб», 1991.-320 с.

2. Бӯриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон (Қисми аввал). Душанбе: «Ирфон», 2013.

3. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Душанбе «Империал-Групп», 2010, Ҷилди 1. 484 с.

4. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Душанбе «Империал-Групп», 2010, Ҷилди 2. 654 с.

5. Сотиволдив Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ.- Душанбе, «ЭР-граф», 2011. - 460 с.

6. Сативолдыев Р.Ш. Политическая и правовая мысль раннесредневекового мусульманского Востока [Электронный ресурс]: На примере "Кабуснамэ", "Сиёсет-намэ", "Синдбаднамэ" Дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01 .-М.: РГБ, 2003.

7. Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе «Адиб», 1989. 200 с.

8. Г.Н.Зокиров. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе: «Матбуот», 2003, 616 с.

9. Давлатов М. Н. Бӯриев И.Б. Ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва аҳамияти муосири он (мақола). «Кишоварз», №2, соли 2014.

10. Давлатов М. Н. Ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ оид ба пайдоиши ҷамъият, ҳокимият ва давлат (мақола). Паёми ДДТТ №4, соли 2015.

# ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУЛТИМЕДИЯВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Хайриддини Аслиддин*** **-** *муаллими калони кафедраи технологияи иттилоотӣ ва илмҳои табиатшиносии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,тел.:(+992)937 409 000, E-mail: khairiddin.it@gmail.com*

Дар мақола натиҷаи татбиқи технологияи мултимедиявӣ дар раванди таълим таҳлил гардидааст. Воқеан, татбиқи чунин навъи технология раванди омӯзиши маводи таълимиро фаъол намуда, онҳоро барои омӯзиш, азхудкунӣ возеҳ, фаҳмо ва осон мегардонад. Бо истифода аз маводи визуалӣ ва аудиовизуалӣ дар инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон имконоти нав ба вуҷуд омада, фаъолияти амалиёти дарккунӣ дар онҳо зиёд мегардад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *технологияи мултимедиявӣ, пойгоҳи иттилоотӣ, раванди таълим, интерфейси интерактивӣ, намоиши маводи аудиовизуалӣ, таҷҳизоти мултимедиявӣ, барномаҳои мултимедиявӣ, низоми омӯзиши мултимедиявӣ, сахтафзор, нармафзор*

# ПРИМЕНЕНИЕ МУЛЬТИМЕДИЙНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

***Хайриддини Аслиддин*** *- старший преподаватель кафедры информационных технологий и естественных наук Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.:(+992)937 409 000, E-mail: khairiddin.it@gmail.com.*

В статье исследуется результаты применения мультимедийных технологий в учебном процессе. Применение таких технологий существенно активизирует учебную информацию, делает ее более наглядной для восприятия и легкой для усвоения. Использование визуального и аудиовизуального материала открывает новые возможности в организации учебного процесса, способствуя развитию сообразительности и творческих способностей обучающихся.

***Ключевые слова:*** *мультимедийная технология, информационная база, учебный процесс, интерактивный интерфейс, демонстрация визуальных материалов, мультимедийное оборудование, мультимедийные программы,*

*мультимедийные системы обучения, аппаратное обеспечение, программное обеспечение*

## MULTIMEDIA APPLICATIONS IN TEACHING SITUATION

***Khairiddini Asliddin* - *Senior Lecturer of the Department of Information Technologies and Natural Sciences Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str. 33, phone: (+ 992) 937 409 000, E-mail: khairiddin.it@gmail.com.***

The article reviews the results of the application of multimedia technology in a teaching situation. The use of such a technology significantly activates educational information, makes it more visual for perception and easy for digestion. The use of visual and audiovisual aids opens up new opportunities in the organization of the learning process, contributing to the development of intelligence and creative abilities of students.

***Keywords:*** *multimedia, information base, teaching situation, interactive interface, demonstration of visual aids, multimedia equipment, multimedia programs, multimedia training systems, hardware, software*

Мафҳуми мултимедия солҳои 60-уми асри гузашта бо истилоҳи аслиаш «мултимедия» паҳн гардидааст. Он замон мултимедия мафҳуми намоиши театрикунонидашудаи мухташамро ифода менамуд. Дар ин гуна намоишҳо иттилоот дар шаклҳои гуногун бо воситаҳои мухталиф ба тамошобинон расонида мешуд.

Айни замон технологияи мултимедиявӣ соҳаи босуръат инкишофёбандаи технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт шумораи зиёди ширкатҳои калон ва хурд, донишгоҳҳои техникӣ ва студияҳо (аз он ҷумла NVIDIA Corporation, LG Electronics, Adobe Systems, Microsoft Corporation, App1e, Intel(Integrated Electronics), Sony, Nokia, Samsung ва ғайра) кор мебаранд. Аз тарафи ин ширкатҳо сахтафзорҳо ва нармафзорҳои зиёди мултимедиявӣ тавлид ва истеҳсол мешаванд. Масалан, ширкати Adobe Systems, ки яке аз ширкатҳои машҳуртарини истеҳсолкунандаи таъминоти барномавии компютердар ИМА маҳсуб меёбад, ба сохтани веб-барномаҳо ва муаррифисозиҳои мултимедиявӣ машғул мебошад.

Истилоҳи «мултимедия» аз ду калимаи лотинии (multi - *бисёр* ва media - *муҳит*)- тарзи пешниҳоди иттилоот дар компютер бо имконияти истифодабарии ҳамзамони матн, графика, овоз, видео ва василаҳои аниматсионӣ ба ҳисоб меравад. Якчанд таърифҳои маъмули мултимедияро ба маънои комили имрӯзааш чунинанд:

- ❖ Мултимедия-технологияе мебошад, ки тартиби ташаккул, амалкард ва корбурди воситаҳои коркарди иттилооти гуногунро муайян месозад.

- ❖ Мултимедия манбаи (маҳсулоти) иттилооте мебошад, ки бар пояи технологияҳои коркард ва шаклҳои гуоногуни ифода кардани иттилоот сохта мешавад.
- ❖ Мултимедия – нармафзоре (software) мебошад, ки амали он ба технологияҳои коркард ва шаклҳои гуногуни иттилоот вобаста аст.
- ❖ Мултимедия – сахтафзоре (hardware) мебошад, ки ба воситаи он корбарӣ бо иттилооти гуногун имконпазир мегардад [6,196].

Соҳаҳои татбиқи технологияҳои мултимедиявӣ хеле васеъ мебошанд: низомҳои иттилоотӣ, таълимии интерактивӣ, намоишдиҳӣ, тиҷорати электронӣ ва ғайра.

Тамоюлоти рушди низомҳои муосири маълумоти олӣ аз ҷорӣ намудани шаклҳои гуногун, методҳо ва воситаҳои фаъоли омӯзиш, дар раванди таълим зич алоқамандӣ дорад.

Яке аз тамоюли иттилоотонии ҷомеа ин тараққиёти технологияи мултимедиявӣ, воридшавии он ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ: истеҳсолот, тиҷорат, илм, маориф ва ғайра маҳсуб меёбад. Таъмини иттилооти ҷанбаҳои гуногундошта (матнӣ, графикӣ, садоӣ, аниматсия, видео ва ғайраҳо) ва тарзҳои ҳосил намудани онҳоро технологияи мултимедиявӣ ташаккул медиҳад. Истифодаи технологияи мултимедиявӣ дар ташкили раванди таълим ва рушд намудани қобилияти эҷодии хонандагон имконоти навро ба вуҷуд меорад [3].

Барои ҷорӣ намудани усулҳои самараноки раванди таълим таҷҳизонидани пойгоҳҳои методӣ ва иттилоотӣ теъдоди зиёди компютерҳо зарур аст. Воқеан, ҳадафи асосии татбиқи чунин усул дар таъмини густариши тайёр намудани мутахассисон, мувофиқи талаботи бозор мебошад.

Дар шароити кунунӣ технологияи мултимедиявӣ яке аз самтҳои бо суръат тарққикунандаи технологияҳои иттилоотии муосир дар раванди таълим маҳсуб меёбад.

Яке аз вижагиҳои пурарзиши технологияҳои мултимедиявӣ ин саҳмгузор будани онҳо дар тавлиди пурқиматтарин неъмати ҷомеаи башарӣ - дониш зоҳир мегардад. Татбиқи ин навъи технологияҳо дар раванди таълим чунин ҷиҳатҳои мусбат ва боарзишроба вуҷуд меорад:

- ❖ истифодаи тасвирҳои графикии ранга, аниматсия, овоз, абарматн;
- ❖ имконияти азнавсозии доимӣ;
- ❖ сарфу хароҷоти начандон калон барои чопкунӣ ва зиёдкунӣ;
- ❖ имконияти ҷойгиркунии web-унсурҳои интерактивӣ;
- ❖ имконияти нусхабардорӣ ва гузаронидани қисмҳо барои иқтибосоварӣ;
- ❖ имконияти ғайрихаттии интиқоли мавод ва иттилоот ба туфайли абарпайвандҳои зиёд;
- ❖ таъмини абариртибот бо маъхазҳои иловагӣ дар китобхонаҳои электронӣ ё сайтҳои таълимӣ [3].

Ҳамин тавр беш аз пеш татбиқ намудани технологияҳои мултимедиявӣ (истифодаи фаврии иттилоот, якҷоясозии маводи визуалӣ, аудиовизуалӣ ва ғайра) дар ташкили раванди таълим ҳеҷ тардидеро ба вуҷуд намеоварад. Корбурди чунин навъи технологияҳо раванди омӯзиши маводи таълимиро фаъол намуда, онҳоро барои омӯзиш ва азхудкунӣ возеҳ, фаҳмо ва осон мегардонад.

Тақвияти робитаҳо ва ҳамкориҳои муштараки кормандони соҳаи таълим, олимон, барномасозон, тавлидкунандагони воситаҳои мултимедиявии донишазхудкунӣ ва омӯзгорон, воситаи нави азхудкунии иттилоотро тавлид месозад. Ин воситаҳо ба муҳтавои таълим, метод ва технологияи омӯзиш, ҳамгироии равандҳои иттилоотӣ ва таълимро ворид менамояд.

Технологияи мултимедиявӣ яке аз самтҳои муҳими дурнамои рушди низомҳои компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ба шумор меравад. Корбаст намудани чунин навъи технология имконияти сохтани маҳсулоти иттилоотии мултимедиявӣ «маҷмӯи тасвирҳо, матнҳо ва додаҳо, интиқоли савту садо, аниматсия, василаҳои визуалӣ ва ғайраро таъмин намуда, интерфейси интерактивӣ ва дигар механизмҳои идоракуниро ба вуҷуд меорад. Маълумоти муайяншуда соли 1988 дар Комиссияи Аврупо тавсия дода шудаанд, ки он барои амалисозии истифодаи технологияҳои нав робита дошт.

Ғояи пайдоиши технологияи мултимедиявиро ба консепсияи ташкилоти хотиравии «МЕМЕХ» алоқаманд намудан мумкин аст, ки ҳанӯз соли 1945 аз ҷониби олими амрикоӣ Буш Ванневар пешниҳод гардида буд.

**Буш Ванневар** (Bush Vannevar - 1890-1974) соҳибмансаби боистеъдод ва «ҳосилкунандаи идеяҳои нав», ба шумор мерафт, муосиронаш ӯро «Эдисони давраи нав» номидаанд. Бо номи Буш Ванневар тақрибан тамоми дастовардҳои илмӣ-техникии солҳои 40-50-ум алоқаманд мебошанд. Буш Ванневар ба таърихи информатика бо шарофати мақолаи «Чи тавр мо фикр карда метавонистем» (1945) дохил мешавад, ки дар он аввалин бор ғояи массивҳои иртиботдоштаи иттилоот - «МЕМЕХ» баён шуда буд. Пас аз ним аср ғояҳои Буш Ванневар дар низоми абарматнӣ мансуб ба (Бернерс-Ли, Тим) татбиқи худро меёбанд. Ғайр аз ин, Буш Ванневар яке аз ташаббускорони тартибдиҳии оҷонсии ARPA (Advanced Research Project Agency) буда ҳамин тавр, яке аз асосгузорони Интернет низ маҳсуб меёбад [8,768].

Лекин аз охирҳои солҳои 80-ум тавачҷӯҳ ба татбиқи технологияи мултимедиявӣ дар соҳаи гуманитарӣ бевосита ба ном ва фаъолияти тоҷири барҷастаи амрикоии ҷаҳони компютерӣ Билл Гейтс вобаста аст. Инчунин ба Билл Гейтс ғояи сохтан ва амалисозии маҳсулоти мултимедиявӣ дар асоси хадамоти рӯйхати пойгоҳи додаҳои осорхона бо истифодаи ҳамаи имкониятҳо яъне татбиқи воситаҳои мултимедиявӣ: тасвирӣ, садоӣ, аниматсия, низомҳои абарматнӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошанд.

Дар низомҳои муосири таълим аксари истифодакунандагони

фаъоли технологияҳои иттилоотӣ, технологияи иттилоотию иртиботӣ (коммуникатсионӣ) ва технологияи мултимедиявиро истифода мебаранд, ки барои омилҳои муҷҷаҳазонидани муассисаҳои таълимӣ бо техникаи компютерии пуриқтидор ва муоишрат дар шабакаи саросарии Интернет мусоидат менамояд.

Соҳаи татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим ва баргузории таҳқиқоти илмӣ ниҳоят васеъ мебошанд. Якчанд бартариҳои татбиқи ин соҳаро ҷудо намудан мумкин аст:

- Даври равоншиносӣ-омӯзгорӣ
- Ба низом даровардани воситаҳои таълими компютерӣ
- Муоинаи нақши шабакаи ҷаҳонии Интернет дар раванди таълим

Ҳар як омӯзгор методи хосаи таълими худро дорад. Масалан, баъзе омӯзгорон одати кор бо тахтаи синфӣ, дар ҷой нишаста фаҳмондани дарс, озодона гузаронидани машғулияти лексионӣ дар синфхонаи таълимӣ ва ғайраро доро мебошанд.

Нововбаста аз истифодаи ин методҳо аксари омӯзгорон кӯшиш менамоянд, ки дар раванди гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ маводи визуалӣ ва аудиовизуалиро мавриди истифода қарор диҳанд. Аз ин рӯ, бояд шакли анънавии гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ дар раванди таълим бо усулҳои муосири татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, иртиботӣ ва мултимедиявӣ омезиш ёбад.

Бо истифода аз омӯзиши таҷрибаҳои пешқадами таълимии маъмул дар кишварҳои хориҷӣ якчанд ҷанабаҳоро ҷудо намудан мумкин аст: омӯзгор нақши паҳнкунии иттилоотро иҷро намекунад, балки ӯ ҳамчун мушовир, тавсиядиҳанда, амал менамояд. Ин ҷанбаҳо ба якчанд омилҳои мусбат боис мегарданд: иштироки фаъоли донишҷӯён дар раванди таълим, ба таври мустақил фикррониӣ намудан, пешниҳод намудани ақидаи худ, амсиласозии вазъияти воқеӣ(объекти омӯхташаванда) ва ғайраҳо.

Татбиқи технологияҳои мултимедиявӣ дар раванди таълим фаъолнокиии амалиёти идрокро дар хонандагон афзоиш дода, ба омӯзгорон имконияти самаранок идора намудани маводҳои визуалӣ ва аудиовизуалиро фароҳам меорад. Истифодаи чунин навъи технологияҳо ва воситаҳои электронии таълим ба истифодаи методҳои анъанавӣ монеа эҷод накарда, балки сатҳ ва сифати таълимро ба дараҷаи баланд мебардорад.

**Адабиёт**

1.Борзенко А. и др. Мультимедиа для всех.- М.: КомпьютерПресс, 1996.

2.Дьяконов В.П. Популярная энциклопедия мультимедиа.- М.:ABF, 1996.

3.Захарова И.Г. Информационные технологии в образовании: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений. – М.: Издательский центр «Академия», 2003. – 192 с.

4.Комилов Ф.С.,Шарапов Д.С.. Информатикаи татбиқӣ, Душанбе-2009

5.Тростников В.Н. Человек и информация. – М.: Наука, 1970.

6.Комилов Ф.С. Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ, Душанбе-2016

7.Ғаюров Ҳ.Ш., Самеев М.М..Информатика(курси базавӣ), Хуҷанд-2013

8.Шокиров Ф., Шамсиев А., Самеев М.Асосҳои технологияҳои иттилоотии муосир, Хуҷанд-2005

## НАҚШИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОҚИБАТҲОИ МАНФИИ ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР

***Абдураҳмонов З. В.*** *– н.и.т., дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, тел.: ( + 992) 935 984 497. E–mail: zevar-1986@mail.ru*

Дар мақола оид ба хатарҳои ҷаҳони муосир - терроризм, экстремизм ва ифротгароӣ маълумот дода шудааст ва муаллиф нақши ҷавононро дар бартараф сохтани оқибатҳои манфии он дар асоси хулосаи хеш ба қалам додааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *ҷавонони Тоҷикистон, ДИИШ, терроризм, экстремизм, низоъ, ҷанг, қурбонӣ*

## РОЛЬ МОЛОДЁЖИ ТАДЖИКИСТАНА В УСТРАНЕНИИ НЕГАТИВНЫХ ПОСЛЕДСТВИЙ ОПАСНОСТЕЙ СОВРЕМЕННОГО МИРА

***Абдурахмонов З. В.*** *– к.и.н. доцент кафедры международных отношений и политических процессов Института государственного управления при Президента Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+ 992) 935 984 497. E–mail: zevar-1986@mail.ru*

В своей статье автор рассматривает негативные последствия опасности терроризма и экстремизма в современном мире и роль молодежи в преодолении этих негативных последствий.

***Ключевые слова:*** *молодёжь Таджикистан, ИГИЛ, терроризм, экстремизм, конфликт, война, жертва*

## THE ROLE OF THE YOUTH OF TAJIKISTAN IN THE ELIMINATION OF NEGATIVE CONSEQUENCES OF THE HAZARDS OF THE CONTEMPORARY WORLD

***Abdurahmonov Z. V.*** *- Candidate of Historical Sciences, Professor Associate of the Department of International Relations and Political Processes Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str, 33, phone: (+ 992) 935 984 497. E-mail: zevar-1986@mail.ru.*

The article rewiews  the negative consequences of the danger of terrorism and extremism in the modern world and the role of youth in overcoming these negative consequences.

***Keywords:*** *youth ofTajikistan, ISIL, terrorism, extremism, conflict, war, sacrifice*

Масъалаи бо суръати баланд пеш рафтани ҷаҳони муосир ва бархӯрди тамаддунҳо дар ҳаёти инсоният имрӯз дигаргуниҳои куллиро ба миён овардааст. Яке аз проблемаҳои ҷаҳони муосир, ки олами ислом ба он рӯ ба рӯ шудааст ин хатари ифротгароӣ ва терроризм мебошад. Мавзӯи мазкур дар адабиёти илмӣ пурра омӯхта нашудааст, танҳо паҳлуҳои алоҳидаи он дар матбуоти даврӣ ва дигар расонаҳо ва васоити ахбори омма ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Муаллифи ин сатрҳо кӯшиш менамояд, ки ба таҳлилҳо ва далелҳои нишондодаи солҳои ахири расонаҳои хабарӣ  чанд илова ироа намояд.  Соли 2014 дар саросари ҷаҳон 40 низои низомӣ сурат гирифтааст, ки аз соли 1996 ин ҷониб собиқа надоштааст. Дар  сарчашмаҳо теъдоди ҳалокшудагон дар ин муқовиматҳо 100 ҳазор нафар нишон дода мешавад. Аз ин миқдор бузургтарин талафоти ҷонӣ дар ҷангҳои Сурия буд. Аммо дараҷаи истифодаи силоҳ дар кишварҳое чун Афғонистон, Ироқ, Нигерия ва Украина хеле боло будааст, ки он «низоъҳои мусаллаҳона» номида мешаванд.  Аз рӯйи меъёрҳои қабулшуда  «низоъ» он аст, ки бар асари он 25 нафар ҳалок мегардад, аммо «ҷанг» ин ҳолатест, ки беш аз 1000 нафар кушта мешавад. Теъдоди қурбониёни давлати Сурия ба 50 ҳазор нафар рақам зада мешавад. Тибқи пажӯҳиши донишгоҳи Упсал дар Ироқ ва Афғонистон дар соли 2014 то 12 ҳазор нафарӣ ба ҳалокат расидааст. Низои мусаллаҳона дар Украина 3500 ва дар Судони Ҷанубӣ ҳаёти 1600 нафарро аз миён бурдааст. Бино ба иттилои Раёсати гурезагони СММ афзоиши бесобиқаи низоъҳои мусаллаҳона, шумораи оворагон дар саросари олам ба ҳадде зиёд аст, ки назири он баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ набуд. Бино ба гузориши раёсати мазкур соли 2014 даҳ муоҳадаи қатъи низоъи мусаллаҳона бештар нисбат ба соли 2013 имзо шудааст.[8]

Тибқи маълумоти мақомоти салоҳиятдор аз вилояти Хатлон дар ҷангҳои Сурия, Ироқ ва Афғонистон зиёда аз 40 нафар асосан ҷавонон иштирок доранд ва танҳо аз як ноҳияи Бохтар 26 нафар ҷавон ҷониби марг бо хоҳиши хеш рафтаанд.  Тибқи омори расмӣ 10 ҷавони хатлонӣ дар ин ҷангҳо кушта шудаанд. Айни ҳол шаш ноболиғи хатлонӣ бо ҳамроҳии модарони худ дар Сурия қарор доранд, ки падарони онҳо дар ҷангҳои «Давлати исломӣ» кушта шудаанд.[4] Даҳшатовар он аст, ки аксарияти ҷавонон бо аҳли оилаашон дар ин ҷангҳо ширкат доранд, ки ин худ як манбаи таҳдид ба амнияти кишвари мо мебошад. Масалан сокини ноҳияи Спитамени вилояти Суғд  Раъно Содиқова аз амалҳои фарзандонаш норозиёна хабар додааст, ки ду писараш Шуҳрат ва Ғайрат бо занону

фарзандонашон дар Сурия қарор доранд. Номбурда афзудааст, ки бо дастрас кардани аксҳои фарзандону наберагонаш аз он ба даҳшат афтодааст, ки набераи 14 - солааш Асадбек Нозимов бо яроқи оташфишон мусаллаҳ аст. Пас саволе ба миён меояд, ки чаро ҷавонон ба хотири ҳифзи ислом ба Сурия ва Ироқ меравaнд, ҳол он, ки исломи ҳақиқӣ ҳурмати волидонро аз ҳама боло мегузорад.

Халифа ва сиёсатмадори тавонои ислом - Умар (рз) ба коргузорони худ дар гӯшаю канори мамлакат ҳамеша тавсия мекард: «Мусулмонро лату куб нанамоед, то сабаби зиллатпазирӣ, ноҷавонмардӣ ва хории нафси онҳо гардед». [2-651]

Сиёсишавии дин, ки яке аз хатарҳои асосии ҷаҳони муосир мебошад, аз сенарияи «бархӯрди тамаддунҳо» сарчашма мегирад. Вақте кӯдакону наврасон ва дигар қишри ҷомеа ба хулоса расиданд, ки танҳо роҳи ҳалли мушкилот зӯроварӣ аст, онҳо ба тундравию бунёдгароӣ рӯ меоваранд. Бунёдгароӣ ин ҷустуҷӯи ҳақиқати мутлақ мебошад. Аз ин рӯ ҷӯянда дар аксарияти мавридҳо ҷаҳонбинии динӣ касб мекунад, чунки танҳо динҳо дорои ҳақиқатҳо ва ё худ аҳкоми мутлақ ҳастанд. [9]

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аввали соли 2008 дар суханрониҳо ва вохӯриҳои худ бо аҳли ҷомеа аз хатари «Салафия» ҳушдор дода буд. Роҳбари давлат дар ҷаласаи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе аз хатар ва пайомадҳои хушунатабори «Давлати исломии Ироқу Шом» ҷомеаро хабардор намуда, иброз дошта буд, ки «ташкилотҳои экстеримистии ДИИШ барои дастёбӣ ба силоҳи қатли ом дар ҳолати набард бо давлатҳои Ироқу Шом қарор доранд. ДИИШ ташкилоти дастҷамъонаи террористӣ ва экстремистӣ аст, ки хатари ҷиддӣ ба амният ва суботи ҷомеаи башарӣ дорад». Даҳшатовар он аст, ки барои ҷавоне, ки дар фазои ороми кишвари хеш ба дунё омадаасту кору зиндагӣ дорад, минбаъд ҷониби марг меравад ва дигар барояш Ватан, забон, миллат ва падару модар вуҷуд надорад, балки интиҳор, инфиҷор, фаъолияти террористӣ, хушунату тундгароӣ, ифротгароӣ ва қатлу куштор муқаддас ва арзишманд мегардад. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои хабарии ҷаҳонӣ, беш аз 5000 зану духтар дар асорати салафияҳои ДИИШ қарор доранд. Забҳ ва сар буридани инсон аз ҷониби муҷоҳидони хунхори ДИИШ ҳамчун омили исломӣ муаррифӣ мегардад, ки ин кирдор бар хилофи Қуръон ва дигар қонунҳои байналмиллалии башарӣ мебошад. Танҳо як нафар салафиягарои ДИИШ бо номи Абу Анас Алибӣ беш аз 105 зани ҳомиладор ва духтараконии ноболиғро ба далели он, ки бо «Ҷиҳоди никоҳ» мухолифат намудаанд, дар шаҳри Фалуҷа куштааст. [11]

Хатари асосии ифротгароӣ аз «Толибон» бармеояд, ки тибқи иттилои сайти «Википедия», шумораи онҳоро чунин нишон додааст: Соли 1995 - 25 000 нафар, 1998- тақрибан 110 000 нафар, соли 2006 - зиёда аз 12 000 нафар, соли 2010 - ба 27 000 ҷангиён расидааст. Замоне, ки «Толибон» 27- уми сентябри соли 1996 пойтахти Афғонистон шаҳри Кобулро забт намуда буданд, қонунҳои шариатро ҷорӣ намуданд.

Гузаронидани дарсҳои муосирро барои хонандагон манъ намуда буданд ва ҳатто намегузоштанд, ки духтарҳо ба мактаб раванд. Чунин таълими яктарафа боиси он гардид, ки малакаи тафаккури интиқодӣ дар хонандагон вайрон гардид. Пас аз ин ҷо бармеояд, ки чунин фаъолият боиси паст гардидани қобилияти зеҳнии кӯдакон мегардад. Агар вазъияти он давраи Афғонистонро бо Тоҷикистон муқоиса намоем, ба осони пай бурдан мумкин аст, ки солҳои 90- уми асри гузашта, ки кишвари моро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта буд таъсироти он ҳанӯз ҳам дар мафкураи ҷавонони мо боқӣ мондааст. Аз ҷиҳати равонӣ модаре, ки дар батнаш тифл дошт, тоқати таҳаммули куштори ваҳшиёна ва нодориро надошт, чунин падида, албатта, ба инкишофи тифле, ки дар батнаш дошт,таъсири манфии худро гузошта буд. Падидаҳои манфии шомил гардидан ба гурӯҳҳои ифротӣ, содир намудани ҷиноятҳои вазнин аз ҷониби наврасон шояд таъсироти манфии он давра бошад.

Саволе ба миён меояд, ки оё мазҳаб ё равияе дар дини ислом аст, ки Худо ва паёмбари дини мубини исломро инкор кунад? Ҳамаи мусулмонони дунё бар он ақидаанд, ки «Нест Худое ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад расули Худост». Қуръон китоби муқаддаси мусулмонон аст.

Ислом баробарии инсонҳоро дар се самт муқаррар намудааст.

1. Баробарӣ дар асли инсоният
2. Баробарӣ дар ҳуқуқ ва таколиф (вазифаҳо)
3. Баробарӣ дар назди додгоҳҳо ва иҷрои қонунҳо [3- 134]

Ё худ Худованд дар китоби муқаддаси Қуръон мефармояд: «Эй мардум мо Шуморо мард ва зан офаридаем. Ва шуморо халқҳо ва қабилаҳо кардаем, то якдигарро бишносед» (Сураи «Ҳуҷурот» ояи 13)

Яке аз калонтарин хатарҳоеро, ки дар олами исломи имрӯза пайдо гардидааст ва исломро ба манфиати дигарон табдил додааст, ин равияи тундгарои Салафия мебошад. Бино ба шарҳи донишманди сиёсатшинос Гулчеҳра Муродова истилоҳи «Салафия»аз калимаи арабии «салафа», яъне «дар шакли аввала будан» гирифта шудааст. Аз назари фаҳму тафсири ислом онҳо «аҳли зоҳир» буда, аз замони Паёмбари ислом (с) то имрӯз дар шаклҳои гуногун фаъолият доранд. Онҳо на ба маънии амиқи дин ва ҷанбаи иҷтимоии он, балки ба зоҳири ояту ҳадисҳо такя мекунанд. Аз назари таърихӣ равияи Салафия дар қарни XXIV дар чаҳорчӯбаи андеша ва осори Ибни Таймия ҳамчун равияи мазҳабӣ рушд кардааст. Баъдтар таблиғгари ин равия Муҳаммад ибни Абдулваҳоб буда, пас аз ӯ ин равия асосан номи ваҳобияро гирифт. Баъзе аз уламо онҳоро пайравони мазҳаби «ҳавою ҳавас» меноманд. Яке аз вазифаҳои асосии онҳо дар тамоми ҷаҳон мубориза бурдан бо пайравони мазҳаби шиъа аст. Аксари ин тарҳ ва супориши доираҳои ғарбӣ аст, ки на танҳо бар зидди Эрон, балки бар зидди ваҳдату қудрати мусулмонон равона карда шудааст. Пажӯҳишгарони таърихи салафия (ваҳҳобия) собит карданд, ки мароми асосии салафиён, яъне ихтилофандозӣ миёни мусулмонон, дар асли бо

фармони Вазорати умури мустаъмироти Биритониёи Кабир ба вуҷуд омадааст. [6]

Ё мисоли дигар, ки ҳанӯз соли 1927 таҳти фишори ваҳобия шоҳ ибни Сауд фатвои маъмулеро баровард, ки тибқи он шиаҳо бояд ё ба мазҳаби суннӣ рӯ меоварданд ё кишварро тарк мекарданд. Имрӯз ҷаҳони ғарб исломро ба он айбдор менамояд, ки он ташаккулдиҳандаи терроризм ва ифротгароӣ аст.

Сиёсишавии ислом аз нигоҳи пажӯҳишгари тоҷик Абдуллозода Ш. аз замоне оғоз гардид, ки муборизаҳои миллию озодхоҳӣ бар зидди давлатҳо ва қудратҳои мустамликадорӣ оғоз шуданд. Нерӯи муборизи ислом дар ин задухурд коройии худро нишон дод. Вале бо ҳамин такон сиёсишавии ислом ба манфиати худи ислом ва давлатҳои исломӣ нест.

Масалан, дар худи ватани ислом Арабистони Саудӣ низ хонадони Оли Сауд аз хатари исломиёни худиву бегона беташвиш нест, аз ҳамин хотир як пойгоҳи низомиёни Амрико дар он ҷо ҷойгир аст, то ки мусулмононро аз мусулмонон ҳифз намояд. Воқеаҳои баҳори араб-ҷангҳои Ироқу Сурия, воқеаҳои нангини давлати Яман худ мисоли таърихи муосиранд. Ин талош ва хоҳиши душманони ислом аст, то исломро дар ҷабҳаи хушунату зурӣ, дур аз нақши исломи маънавӣ нигоҳ доранд ва бо ин роҳ сиёсати исломҳаросиро ба роҳ монанд.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳанӯз дар асрҳои миёна дар давлатҳои Аврупо ифротгароии динӣ ба дараҷаи аъло расида буд. Ташкили инквизитсия ё худ суди калисо, ки инсонияти солимфикрро туъмаи оташ менамуданд, магар ниҳояти ифротгароӣ ҳисоб намешавад? Масалан, барои мавқеи худро нигоҳ доштани руҳониён дар назди ҷомеа қаҳрамондухтари фаронсавӣ дар ҷанги садсола Жана-д- Аркро, ки барои ҳифзи ҳамватанонаш бархоста буд, ифротгароиён - руҳониёни католик дар оташ сӯзониданд. Ё худ зиндагӯр намудани занони протестантҳо дар давлатҳои асримиёнагии Аврупо аз даҳшати ифротгароии динии асрҳои миёна дар таърих дарак медиҳад. Мақсаду баҳонаи юришҳои салибӣ ба давлатҳои Шарқ низ далели он мебошад, ки ифротгароӣ на хоси мардуми мусулмон ва на хоси ин ё он дини алоҳида аст. Ҳадафи асосии он танҳо барои ба ниятҳои худ расидани шахсиятҳои алоҳида мебошад, ки мафкураи танги аҳли ҷомеаро ба манфиати худ истифода мебаранд.

Мувофиқи маълумоти гуногун дар саргаҳи ташкил намудани гурӯҳҳои террористӣ ва аз он ҷумла «Давлати исломӣ» кишварҳое чун ИМА ва Исроил меистанд. Арабистони Саудӣ ва Туркия бошанд амаликунандагони мақсадҳои ин давлатҳо дар қораи Осиё мебошанд. Масалан, ҳуҷуми Арабистони Саудӣ ба муқобили шиамазҳабони Яман бозии пасипардагии ИМА худ гувоҳи дахолат ба умури давлати Эрон аст.

Дар мусоҳиба бо шабакаи телевизионии Vice News собиқ президенти ИМА Барак Обама изҳор кардааст, ки фаъолшавии гурӯҳҳои радикалӣ «оқибати ғайрихоҳиш»-и воридшавии неруҳои амрикоӣ ба Ироқ дар соли 2003 аст, вақте ки президенти ИМА Ҷорҷ Буши хурдӣ буд. «Давлати

исломӣ» шохаи «Ал- Қоида» аст, ки дар натиҷаи воридшавии мо аланга гирифт. Инчунин президент изҳор намудааст, ки « ман хавф дорам, ки агар мо «Давлати исломӣ»-ро мағлуб кунем, мушкилии асосӣ ин сунниҳои норозӣ дар тамоми ҷаҳонанд. Махсусан, дар минтақаҳои муайян, ба шумули Либия ва Яман, ки ҷавонон барои гирифтани таълимоти муосир дурнамо надоранд ва роҳи ягонаи эътироф, ҳокимият ва эҳтиромро дар ҷангӣ шудан мебинанд. Ва мо наметавонем дар бораи мубориза бо терроризм бидуни ба инобат гирифтани дипломатия, рушди маориф фикр кунем» .[5]

Бояд хотиррасон кард, ки ҷавонон бояд аз он хулоса намоянд, ки ҳар ки заҳр мепошад, натиҷаи онро худаш мечашад. Масалан, баъди таркишҳои моҳи январ дар шаҳри Париж расонаҳои хабарии ҷаҳон ба таври ошкоро нисбат ба Фаронса, ки яке аз пуштибонони «Давлати исломӣ» ба шумор меравад, навишта буданд, ки «Фаронса дар қатори давлатҳоест, ки террористону исломгароёнро дар Сурия дастгирӣ менамуд. Акнун дар ҷисми худ эҳсос намуд, ки мубориза барои озодии онҳо чӣ маъно дорад. Ё худ дар телеканали Al Mayaddeen сиёсатшиноси лубнонӣ Ҷорҷ Сисиан ҳодисаро чунин шарҳ медиҳад: « Ба Фаронса даҳҳо террористоне баргаштанд,ки дар ҷанги Сурия ширкат доштанд. Худ ба худ ин падида хатарзо аст. Фаронса ва дигар кишварҳои Ғарб, ки то ҳол барои идомаи мубориза бо ДИИШ шубҳа доранд, бояд ба як хулоса оянд. Акнун фаронсавиҳо дигар наметавонанд чун қабл бар он қоим бошанд, қисме аз ҷангиёни ДИИШ хубанду қисме бад». [7] Чун ин масъаларо таҳлил кардем ва ёдовар аз он «қаҳрамонҳо»- и тоҷик мешавем, ки барои «ҳифзи ислом» ҷониби марг равон шуда буданд. Аввалан, аз тариқи шабакаҳои интернетӣ садо баланд мекарданд, аммо акнун чун фаҳмиданд, ки онҳо танҳо барои аз даст додани ҷони ҷавони худ омаданд, хомӯширо ихтиёр кардаанд. Натиҷаи фаъолияти онҳо дар боло зикр гардида буд.

Президенти Тоҷикистон дар анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон иброз дошта буд, ки «Мо борҳо гуфтаем ва боз мегӯем, ки мақсади мо сохтани давлати демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Мо ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандонро дар риояи суннатҳои дини ислом заррае маҳдуд намекунем. Алҳамдуллилоҳ ҳамаи мо мусулмонем, фарзу суннатҳои исломро то қадри ҳол медонем ва риоя мекунем. Анъанаҳои гузаштаи халқ, фарҳангу адаби ҳазорсолаи ниёгон дар алоқамандӣ бо суннатҳои ислом густариш ёфтааст». [1,107]

Яке аз маъруфтарин пешвои ҳаракати миллӣ - озодхоҳӣ ва бузургони дини ҳиндуия Маҳатма Гандӣ, ки таъкид ба диндории амиқи худ кардааст, дар арафаи истиқлолияти Ҳиндустон гуфта буд: « Ман қасами вафодорӣ ба дини худ хӯрдаам. Ман ба марг барои вай ҳозирам. Аммо ин кори шахсии ман аст. Давлат ба ин ҳеҷ муносибате надорад. Давлат дар бораи некуаҳволии дунявии шумо, саломатии шумо, роҳу таробарии шумо, муносибатҳои хориҷӣ, асъор ва ғайраро ғамхорӣ мекунад, на дар мавриди дини ману шумо. Ин ташвиши шахсии ҳар шахс аст». Ё мисоли дигар,

нахуствазири Ҳиндустони соҳибистиқлол Ҷ. Неҳру секуляризмро чунин тавзеҳ дода буд: «Дар конститутсияи мо чунин навишта шудааст, ки Ҳиндустон давлати дунявӣ мебошад. Ин ба маънии бединият нест, балки фақат эҳтироми баробар ба ҳамаи динҳо ва имконияти якхела барои ҳамаи онҳое, ки ба ягон дин эътиқод доранд мебошад». [1,107]

Дар китоби Қуръони карим оид ба зиндагии инсонҳои пешин мисолҳо оварда шудаанд, ки ба паёмбарони хеш носипосӣ карда буданд ва сазовори ҷазо ва мусибат гардида буданд. Ва чи тавр мардуме, ки дар адл ва накӯӣ зистанд, сазовори накӯӣ гашта буданд. Ин худ маънои онро дорад, ки Худованд дар китоби хеш динро чун сарчашмаи зиндагии инсоният нишон додааст. Ислом дини ақлу дониш аст ва онро бояд ба таври ҳақиқат пай бурд. Исломро замоне ҳифз карда метавонем, ки дарк намоем, ки он ба воситаи ақл ва таълимоти ақлгароёна пайдо шудааст ва онро инсоният қабул кардааст ва ҳақиқати онро пай бурдааст, вале натиҷаи бо қатлу ғорат ва баҳонаи ғасб намудани ин ё он сарзамин ва бо зурӣ онро ҷорӣ намудан ҷанбаи ифротгароиро касб менамояд. Ҷаҳони ислом имрӯз ба илму дониш ва пешвое ниёз дорад, ки моҳияти ҳақиқии онро таълим диҳад.

Таърих гувоҳ аст, ки падидаи ифротгароӣ боис гардид, ки дар асри X давлати абарқудрати тоҷикон - давлати Сомониён аз байн бурда шуд, ҳол он, ки он аз ҷониби ҳеҷ як давлати абарқудрати он замон шикаст нахӯрда буд. Мутаассибони дин дар он давра бузургоне чун Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва баъдтар Носири Хусрав, Ҳофизу Саъдӣ ва дигаронро аҳли куффор мехонданд. Замони ҳукумати сулолаҳои турк ифротгароӣ ба авҷи аъло расида буд. Ғазнавиёну Салҷуқиён ва Темуриён бо ҳар баҳона ва ифротгарои аҳли илми тоҷикро нест мекарданд. Ҳасани Саббоҳ, ки худ аз авлоди форсу тоҷик буд барои озодии давлати хеш мубориза мебурд, лекин аз ҷониби муаррихон ҳамчун «террорист» дар асарҳои таърихӣ ёдовар мешавад. Лозим аст, ки ба ин гуна шахсиятҳо на аз рӯйи дину мазҳаб, балки аз рӯйи меъёрҳои озодихоҳӣ ва ҷоннисорӣ дар роҳи Ватан бояд баҳои таърихӣ дод.

Мавзӯъро бар асоси далелҳои дар боло овардашуда ҷамъбаст намуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст.

1. Ҷавонони тоҷик чун пешбарандаи ҷомеа бояд аз таърихи на чандон тӯлонии кишвари хеш сабақ гиранд ва дар давраи минбаъдаи таърих муттаҳид бошад ва зиракии сиёсиро сармашқи фаъолияти худ қарор диҳанд.
2. Барои инкишоф додани ҷаҳонбинии илмии насли ҷавон бояд аз тарафи мақомоти дахлдор чораҳои зарурӣ амалӣ карда шаванд.
3. Пӯшида нест, ки дар баъзе мақомоти давлатӣ ба ҷойи истифода намудани имконияти зеҳниву ҷисмонии ҷавонони болаёқат ба падидаи хешутаборгароӣ мароқ зоҳир менамоянд ва дар натиҷа

дар ҷомеаи кишвар фирори мағзҳо ба вуҷуд меояд, бинобар ин, чунин падидаи нанговар бояд решакан гардад.
4. Дар муассисаҳои таълимӣ ва олии кишвар бештар ба фанҳои равоншиносӣ ва тайёр намудани мутахассисони ин соҳа диққати ҷиддӣ додан ба манфиати кор хоҳад буд.
5. Ба семинару конфренсияҳои сатҳи ҷумҳурӣ ва берун аз он ҷалби ҳар чи бештари донишҷӯён низ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

**Адабиёт**

1. Абдуллозода Ш. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар пиёдасозии модели нави давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. Душанбе, 2013, №2 (36) с.107
2. Боқизода А. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ.- Душанбе, 2009. С.651
3. Холиқов А, Ҳуқуқи исломӣ.- Душанбе: «ЭР-граф» 2010.- 476с.

**Матбуоти даврӣ**

4. Имрӯз Nevs. № 70 (1071)
5. Имрӯз News. № 71(1072)30.04.2015
6. Импульс. № 11(217) июн 2015
7. Минбари халқ. № 3(982) 14.01. 2015
8. Нигоҳ, № 13 (446) 24.05.2015
9. Садои мардум. № 4 (3305). 7.01.2015
10. Тоҷикистон. № 15(1109) 16.04 2015
11. Фараж. № 2(423) 7.01.2015

# ПАДИДАИ ЭЪТИРОФНАМОӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Пиров А.*** *– донишҷӯи курси 3-юми факултаи муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 777 076 707. E-mail: rasulov.aminjon@mail.ru*

Дар арсаи байналмилалӣ масъалаи эътирофнамоӣ ба соҳибҳуқуқии давлатҳо иртиботи зич дорад. Эътирофнамоӣ худ яке аз унсурҳои калидии меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ ба шумор меравад. Тавассути ин падида аксари давлатҳои ҷаҳон ба сифати давлати мустақил ва ҳамзамон соҳибихтиёр шинохта шуда ва аз ҷониби ҷомеаи муосир, бахусус, созмонҳо ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ эътироф гардидаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *эътирофнамоӣ, унсури калидӣ, соҳибихтиёрӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, робитаи дипломатӣ, эътирофнамоии декларативӣ, робитаи дуҷониба*

# ФЕНОМЕН ПРИЗНАНИЯ В МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ

***Пиров А.*** *– студент 3-го курса факультета международных отношений Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г.Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 777 076 707 . E-mail: rasulov.aminjon@mail.ru*

Вопросы признания тесно связаны с правомочностью государств на международной арене. Признание является ключевым элементом международной правовой нормы. С помощью этого феномена большинство государств мира были признаны в качестве независимых и одновременно суверенных субъектов международного права со стороны мирового сообщества и других международных институтов.

***Ключевые слова:*** *признание, ключевой элемент, суверенитет, международное право, дипломатические отношения, декларативное признание, двусторонние отношения*

# PHENOMENON OF RECOGNITION IN INTERNATIONAL LAW

***Pirov A.*** *– 3-d year student of the Faculty of International Relations Institute of Public Administration under the President of the Republic of*

*Tajikistan, 734003, Dushanbe, ul. Said Nosir str. 33, phone: (+992) 777 076 707. E-mail: rasulov.aminjon@mail.ru*

The issues of recognition are closely related to the legitimacy of states on the international arena. Recognition is a key element of the international legal norm. By means of this phenomenon, most states of the world were recognized as independent and simultaneously sovereign subjects of international law by the world community and other international institutions.

***Key words:*** *recognition, key element, sovereignty, international law, diplomatic relations, declarative recognition, bilateral relations*

Вожаи эътирофнамоӣ дар истилоҳоти ҳуқуқи байналмилалӣ дар охири қарни XVI ва ибтидои XVII мавриди истифода қарор гирифт.

Эътирофнамоии байналмилалӣ - санади яктарафаи сиёсӣ-ҳуқуқии давлат аст, ки дар он бевосита ё бавосита мавҷуд будани факти ҳуқуқиро бо пайдоиши давлати нав, дар арсаи байналхалқӣ расман тасдиқ намуда, ба ин васила омодагии хешро оид ба барқарор кардани муносибатҳои расмӣ изҳор менамояд.[1,82-83]

Ниҳоди эътирофнамоӣ аз бисёр ҷиҳат ба пайдоиши давлати нав дар натиҷаи ба даст овардани истиқлолият, ҳангоми аз зери зулми мустамликавӣ озод гаштан, муттаҳид ё худ тақсимшавии давлатҳо вобастагӣ дорад. Дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ҳолатҳои фавран, яъне дар муддати хеле кӯтоҳ эътироф гаштани давлату ҳукуматҳо ва ҳамзамон боисрор рад кардани эътирофнамоӣ низ ба назар мерасад. Масалан, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷумҳурии Панамаро соли 1893, таъҷилан баъди ду ҳафтаи таъсиси он давлат эътироф намуд, аммо Ҳукумати Шӯравиро танҳо соли 1933, яъне баъд аз 16 соли мавҷудият ва соҳибихтиёриаш эътироф намуда, бо кишвари Шӯроҳо муносибатҳои сиёсӣ-дипломатии худро барқарор намуд. Одатан, эътирофнамоӣ дар он ифода мегардад, ки давлат ё худ гурӯҳи давлатҳо ба ҳукумати давлати навтаъсис муроҷиат намуда, омодагии худро оид ба ҳаҷм ва хусусиятҳои муносибатҳои хеш тавассути алоқаҳо ва равобити мухталифи дипломатӣ изҳор менамоянд. Доир ба аҳаммияти ҳуқуқии эътирофнамоӣ дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ ду назарияи асосии мавҷуд аст:

- назарияи конститутивӣ
- назарияи декларативӣ

Як қатор олимон аз қабили А. Оппенгейм, Д. Анчилотти, С. Паттел ва дигарон тарафдори назарияи конститутивӣ мебошанд. Мувофиқи ин назария, “давлат”- танҳо дар натиҷаи эътирофи он аз тарафи дигар кишварҳо ҳамчун субъекти фаъоли ҳуқуқи

байналмилалӣ пазируфта мешавад. Масалан, А.Оппенгейм қайд менамояд, ки: эътирофнамоӣ – аз рӯйи хусусияти худ “конститутивӣ” буда, он ба пайдоиши ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ боис мегардад. Яъне, аз рӯйи таҳлили ҷанбаҳои назарияи мазкур, дар сурати мавҷуд набудани асосҳои кофии эътирофнамоӣ, субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ низ вуҷуд дошта наметавонад. Дар амалияи муносибатҳои байналмилалӣ, ин назарияи ихтилофнок дар замони истиқлолият ёфтани давлатҳое, ки дар натиҷаи инқилоби иҷтимоӣ ва ҳаракати миллӣ – озодихоҳӣ ба вуҷуд омада буданд, роҳандозӣ гардида буд. Аз рӯйи исботи мустанади олимон ин назария беасос дониста мешавад, зеро давлат аз лаҳзаи пайдоиши худ дигар субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ буда, соҳибҳуқуқии он аз иродаи дигар давлатҳо ва ё худ ниҳодҳои дигаре аслан вобастагӣ надорад. Назар ба ақидаи мазкур, агар эътирофнамоӣ набошад, пас давлати нав низ вуҷуд дошта наметавонад. Яъне бе эътироф гаштан, аз тарафи гурӯҳи давлатҳо давлати нав субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳисоб намегардад. Ин назария мухолифи усули (принсипҳо) ҳуқуқи байналхалқӣ буда, наметавонад ҳамчун назарияи асоснок ҳаққи мавҷудият дошта бошад.

Барои исботи гуфтаҳои боло, бояд қайд намуд, ки дар асоси “*принсипи баробарии соҳибихтиёрӣ*” тамоми давлатҳо новобаста аз замони пайдоиш баробарҳуқуқ мебошанд. Аз ин рӯ, баробари далели пайдоиши давлати нав нисбат ба он, принсип ва дигар меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ паҳн мегарданд.[2,316]

Мутобиқи назарияи декларативӣ давлат баробари далели пайдоиш, сарфи назар аз эътирофи дигар давлатҳо, субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Яъне, моҳияти ин назария дар он ифода мегардад, ки эътирофнамоӣ танҳо пайдоиши нави субъекти нави ҳуқуқи байналмилалиро муқаррар менамояд. Ф.Ф. Мартинс қайд намудааст, ки: “Пайдоиш ва мавҷудияти давлати мустақил аст”. Эътирофнамоӣ танҳо ба вуҷуд омадани онро муайян менамояд. Назарияи мазкур, айни замон дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ назарияи ҳукмрон буда, баъзе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки эътирофнамоии декларативӣ танҳо дар муайян кардани далели пайдоиш ва заминаҳои бавуҷудоии давлат маҳдуд мегардад, вале сарфи назар аз ин, эътирофнамоӣ барои давлати нав аҳамияти муҳим дорад, ҳарчанд ки соҳибҳуқуқии онро муайян намекунад. Чи тавре ки дар боло ишора гардид, аҳамияти эътирофнамоӣ, дар он ифода мегардад, ки асоси устувори ҳуқуқиро барои таҳкими равобит ва густариши ҳамкориҳо байни кишварҳои эътирофкунанда ва эътирофшаванда ба вуҷуд меоварад.

Аз рӯйи ҳаҷм ва хусусияти муносибатҳо дар амалияи байналмилалӣ ду шакли расмии эътирофнамоиро фарқ мекунанд:

- ✓ эътирофнамоии *де-юре* (De–Jure)
- ✓ эътирорфнамоии *де-факто* (De–Facto)

Эътирофнамоии *де –юре* эътирофнамоии пурра ва ё мутлақ буда, одатан боиси барқарор намудани муносибатҳои сиёсӣ-дипломатӣ мегардад, яъне, давлат расман дар ҳаҷми пурра эътироф гашта, асоси ҳуқуқиро барои барқарор намудани равобити дипломатӣ, бастани шартномаҳои байналмилалӣ дар ҳама самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ, аз қабили масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сармоягузориро низ ба вуҷуд меорад. Эътирофнамоии де–юре, чун қоида, дар шакли асноди меъёрии расмӣ, амсоли қатъномаи ташкилотҳои байналмилалӣ, санадҳои хотимавӣ, дар изҳороти давлатҳо дарҷ мегарданд.

Эътирофнамоии *де – факто* бошад, эътирофнамоии маҳдуд ва ё нопурра буда, хусусияти яктарафаро дорост. Он ҳамчун заминаи гузариш ба шакли эътирофнамоии де – юре мебошад. Ин навъи эътирофнамоӣ, одатан асоси ҳуқуқиро дар ҷодаи барқарор намудани муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ба вуҷуд меорад. Шакли мазкур дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки агар кишвари эътирофкунанда нисбат ба устувории давлати эътирофшаванда (яъне субъекти нави ҳуқуқи байналмилалӣ) эътимоди қатъӣ надошта бошад. Масалан, ИҶШС Ҷумҳурии Алҷазоирро соли 1960 эътироф кард. Аммо баъди чанд вақт, эътирофнамоии де – факто ба шакли эътирфнамоии пурра ва мутлақ, яъне эътирофнамоии де – юре табдил гардида, байни онҳо равобити дипломатӣ барқарор карда шуд. Бояд қайд намуд, ки дар замони муосир, дар таҷрибаи ниҳодҳои байналмилалӣ эътирофнаомии де – факто хеле кам ба назар мерасад.

Фарқи ин ду шакли эътирофнамоӣ вобаста аст, ба ҳаҷми оқибатҳои ҳуқуқие, ки дар муносибатҳои дуҷониба ба вуҷуд меоянд, вобаста аст.

Ҳамчунин, дар радифи ин ду падида, дар китобҳои соҳавии вобаста ба илми ҳуқуқи байналмилалӣ, намуди дигари эътирофнамоӣ, яъне эътирофнамоии яктарафа ва ё муваққатӣ (Ad-hoc) ба истилоҳ “special mission” миссияи махсус низ вомехӯрад. Ин шакли эътирофнамоӣ одатан барои пешбурди раванди музокирот ва гуфтушунид бо давлат ё намояндагони ҳукумати эътирофшаванда, ҳимояи амнияти шаҳрвандони хеш, ки дар хориҷа мебошанд ва амсоли инҳо истифода мегардад. Дар амалияи байналмилалӣ намудҳои дигари эътирофнамоиро фарқ мекунанд: амсоли эътирофнамоии давлат, ҳукумат, ҳукумати дар муҳоҷиратбуда, ҳаракатҳои миллӣ – озодихоҳӣ ва инчунин эътирофнамоии тарафҳои

“даргир” . Унсури асосии эътирофнамоӣ давлати эътирофшаванда ва мустақилона ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ мебошад.[3,69]

Эътирофнамоии ҳукумат, одатан дар як вақт бо эътирофнамоии давлати нав ба вуҷуд меояд. Чунончи, баъди ба вуҷуд омадани давлати Шӯравӣ аксарияти кишварҳо Ҳукумати Шӯравиро эътироф намуданд, ки ҳамчун эътирофнамоии давлат фаҳмида мешуд. Вале мумкин аст, эътирофнамоии ҳукумат ба эътирофнамоии давлат табдил ёбад. Яъне, масъалаи эътироф намудани ҳукумат дар он вақте, ба миён меояд, ки агар он ба сари ҳокимият бо роҳи ғайриконститутсионӣ, дар натиҷаи табаддулот, инқилоб, ҷанги шаҳрвандӣ ва амсоли инҳо ба амал омада бошанд. Ба ибораи дигар, агар дар давлат ҳукумати нав бо роҳи ғайриконститутсионӣ ба вуҷуд ояд, ивазшавии ҳукумат бо роҳи конститутсионӣ масъалаи эътирофнамоиро тақозо намекунад. Аз ин ҷост, ки давлатҳои эътирофкунанда ин ҳукумати навро ҳамчун намояндаи қонунӣ ва ягонаи давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳисоб мекунанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки чӣ эътирофнамоии ҳукумат ва чӣ эътирофнамоии давлат маънои онро дорад, ки тарафи давлати эътирофкунанда, маҳз ин ҳокимиятро дар қаламрави дахлдор эътироф ва ҳамчун субъекти комилҳуқуқ мепазирад.

Заминаи ба вуҷуд омадани соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 мебошад, ки дар иҷлосияи дуюми Шӯрои Олӣ қабул гардидааст. Вале бояд, қайд намуд, ки истиқлолияти кунунии Тоҷикистон натиҷаи пошхӯрии ИҶШС буд. Лекин мавқеи ин санадро аз мадди назар набояд дур намуд, зеро он як равиши муайянро дар масоили соҳибихтиёрӣ муқаррар намуда, барои нахустин бор ба таври сиёсӣ-ҳуқуқӣ соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистонро эълон намуд. Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҷараёни расмии эътирофи истиқлолият сурат гирифт.

То кунун дар арсаи байналмилалӣ 130 кишвари ҷаҳон истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, Тоҷикистон бо онҳо робитаҳои мухталифи дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба роҳ мондааст. Ҳамакнун Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 98 давлати ҷаҳон равобити мустаҳками дипломатӣ барқарор намуда, дар ҳудуди кишварамон намояндагиҳои дипломатӣ ва сафоратхонаҳои ин давлатҳо, аз қабили: Афғонистон, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Олмон, Федератсияи Русия, ИМА, Ҷумҳурии Халқии Чин, Туркия, Беларус ва ғайра фаъолият менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки ба расмият шинохтани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри рушди мутақобилан судманди ҳамкориҳои дуҷониба ва ҳамзамон густариши муносибатҳои дӯстона

бо давлатҳои минтақа ва ҷаҳон аҳамияти беандоза муҳим дорад. Зеро эътироф кардани Тоҷикистон мавқеи байналмилалии онро боз ҳам устувор намуда, ба ин васила баҳри дарёфти имконоти муосид дар самти дурнамои инкишоф ва афзалиятҳои рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон мусоидат менамояд.[4,250]

**Адабиёт**


1. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Ҳайати муаллифон, зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Менглиев Ш.М . Душанбе “Эр-граф”- 2010
2. Лукашук И.И. Международное право. Общая часть. Москва-1996
3. Шуршалов В. М. “Международные отношения”. Москва-1971
4.Зафар Саидов. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становление внешней политики. Душанбе -2012

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ ПРЕЗИДЕНТ ВА ҲУКУМАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ИТАЛИЯ

***Бачамардов А.Н. -*** *донишҷӯи курси 2-юми факултети идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33, тел: (+992) 931 971 253. E-mail: abubakr.did@gmail.com*

Дар ҳар давлат ва дар ҳар гуна конститутсия оид ба вазъи ҳуқуқӣ конститутсионии президент ва ҳукумат, муносибот ва нақши онҳо дар ҳокимияти давлатӣ гуногун нишон дода шуда, як вижагие дида мешавад.

Дар мақола муаллиф саъй намудааст, ки оид ба вазъи ҳуқуқӣ ва конститутсионии ин ду ниҳоди идоракунӣ дар Ҷумҳурии Италия бозгӯ намояд.

***Вожаҳои калидӣ****: конститутсия, Шӯрои Вазирон, парлумон, магистратура, контрассигнатсия, раъйи эътимод, мақомоти ёрирасон*

# КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОЙ СТАТУС ПРЕЗИДЕНТА И ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ИТАЛИЯ

***Бачамардов А.Н.-*** *студент 2-го курса факультета государственного управления Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992)931 971 253. E-mail: abubakr.did@gmail.com*

В Конституции любого государства подчеркивается особый конституционно-правовой статус президента и правительства и их роль в процессе государственного управления.

В статье автор пытается раскрыть правовой и конституционный статус этих двух институтов управления в Италии.

***Ключевые слова****: конституция, Совет Министров, парламент, контрассигнация, магистратура, вотум доверия, вспомогательные органы*

# CONSTITUTIONAL AND LEGAL STATUS OF THE PRESIDENT AND THE GOVERNMENT OF ITALY

***Bachamardov A.N.-*** *2-nd year student of the faculty of Public Administration of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir str. 33, phone: (+992) 931 971 253. E-mail: abubakr.did@gmail.com*

Every Constitution of any state sets a special constitutional and legal status of the President and the Government and their importance in the process of public administration.

The author tries to fully explore the issue of the legal and constitutional status of these two institutions of the governance of Italy.

***Keywords***: *constitutional, Council of Ministers, parliament, countersign, magistracy, vote of confidence, subsidiary bodies*

Ҷумҳурии Италия дар дар Аврупои Ғарбӣ воқеъ буда, бо Франсия, Швейтсария, Австрия, Словения ва инчунин бо ду кишвари сарҳади дохилидошта – Ватикан ва Сан –Марино ҳамсарҳад мебошад. Италия ҷумҳурии ягона буда, шакли идоракунии ҷумҳурии парламентиро дорад ва ба 20 вилоят тақсим мешавад. Қонуни асосии давлат конститутсияи кишвар буда, соли 1947 қабул шудааст. Сарвари давлат Президенти Италия мебошад. Ҳамзамон мақомоти қонунгузорӣ аз ду палата: палатаи болоӣ - Сенат ва палатаи поёнӣ - Палатаҳои вакилон иборат аст. Ҳокимияти иҷроия ва Ҳукуматро раиси Шӯрои Вазирони Италия сарварӣ мекунад. Мавриди қайд аст, ки вазъи конститутсионӣ ва нақши Президент ва Ҳукумат дар идоракунӣ аз конститутсияи кишвар сарчашма мегирад. Қисми дуюми боби 2 Конститутсия ба вазъи ҳуқуқии конститутсионии Президент ва боби 3 ба Ҳукумат бахшида шудааст. Ин ҷо сухан дар бораи вазъи конститутсионӣ ва идории Президент ва Ҳукумати Италия меравад.

Дар Италия интихоби президенти ҷумҳурӣ ба тариқи зайл сурат мегирад. Сарвари давлат дар ҷаласаи якҷояи ҳар ду палата бо иштироки вакилони ҳар вилоят ба муҳлати ҳафт сол интихоб карда мешавад. Ҳар вилоят се намояндаи худро, ки дар шӯрои вилоятӣ интихоб шудаанд, ба истиснои вилояти Валле – дАоста, ки як намояндаи худро пешниҳод мекунанд, дар интихоби президенти мамлакат иштирок кунанд. Ин ҷаласаро раиси Палатаҳои вакилон то 30 рӯз пеш аз қатъи муҳлати ваколатҳои президент даъват мекунад. Агар палатаҳо пароканда ё то то муҳлати ваколати онҳо се моҳи дигар монда бошад, интихобот дар муддати 15 рӯз баъд аз даъвати нави палата гузаронида шуда, аммо ваколати президенти амалкунанда мувофиқи ҳамин муддат тамдид карда мешавад

Ҳар шаҳрванди Италия, ки ба синни 50 расидааст ва дорои ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ бошад, метавонад президенти мамлакат интихоб шавад. Интихоботи президент ҷумҳурӣ бо овоздиҳии пинҳонӣ бо истифода аз низоми мажоритории аксарияти мутлақ гузаронида мешавад. Низоми мажоритории аксарияти муайяншуда чунин низоми интихобот аст, ки номзад шахси интихобшудае аст, ки бо аксарияти муқарраршуда, яъне бо зиёда аз ними овозҳо бартарӣ дорад [4]. Номзаде интихобшуда ба ҳисоб

меравад, ки ба тарафдории вай 2/3 ҳиссаи шумораи умумии аъзои ҷаласа овоз дода бошанд. Баъд аз интихоб шудани президент дар назди парламент дар ҷаласаи якҷояи палатаҳо барои садоқат ба ҷумҳурӣ ва риояи конститутсия савганд ёд мекунад.[3, 268]

Мувофиқи моддаи 87 конститутсияи кишвар президенти ҷумҳурӣ “сарвари давлат ва таҷассумгари ваҳдати миллӣ” мебошад. Ба парламент паёми худро мерасонад, интихоби ҳайати нави палатаро таъйин намуда, рӯзи якуми ҷаласаро муайян карда, лоиҳаи қонунҳои аз ҷониби Ҳукумат ба парламент пешниҳодшударо тасдиқ намуда, қонунҳоро интишор намуда, ҳуқуқи вето гузоштан дорад ва санадҳои дорои қувваи қонунидошта бароварда, инчунин рӯзи раъйпурсиро дар ҳолати муқаррарнамудаи конститутсия таъйин мекунад. Эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул менамояд. Қарордодҳои байналмилалиро дар сурати баррасӣ намудан ва иҷозати палата ратификатсия ( ё тасдиқ) мекунад. Метавонад ҳар ду палатаи парламент ё яке аз онҳоро пароканда кунад. Аммо ӯ наметавонад аз ин ҳуқуқ дар муҳлати шаш моҳи пеш аз хотима ёфтани ваколаташ истифода кунад, агар он пурра ё қисман ба шаш моҳи хатми ваколати парламент мутобиқат накунад. Президент раиси Шӯрои Вазиронро ба вазифа таъин ва озод мекунад. Ба ғайр аз ин вай панҷ сенаторро якумра таъйин мекунад. Албатта ин панҷ нафарро аз ҳисоби шахсиятҳои маъруф, муътабар ва арбоби ботаҷрибаи сиёсӣ таъйин мекунад, то ки манфиатҳои миллии давлатро ҳифз карда, аз таҷрибаи густардаи касбнамудаи худ дар такмили қонунгузорӣ саҳм гузоранд. Инчунин президент Сарфармондеҳи Олии Қуввагҳои Мусаллаҳ мебошад ва ба сифати раиси Шӯрои Олии Мудофиа иҷрои вазифа намуда, бо иҷозати палатаҳо ҳолати ҷангиро эълон мекунад. Ҳеҷ як санади президенти ҷумҳурӣ бе котрассигнатсияе (тасдиқи санади Сарвари давлат бо имзои вазире, ки масъулияти сиёсӣ ва ҳуқуқии санади мазкурро ба уҳда мегирад) [5], ки ба вазир пешниҳод шудааст, эътибори ҳуқуқӣ надорад. Дар баъзе мавридҳои муайян санади Сарвари давлатро худи Раиси Шӯрои Вазирон контрассигнатсия мекунад.

Сарвари давлат баъзе ваколатҳоро дар соҳаи ҳокимияти судӣ низ соҳиб аст. Ӯ раёсати Шӯрои олии магистратураро бар уҳда дошта, 1/3 ҳиссаи судяҳои Суди конститутсиониро таъйин карда, метавонад афв ва сабук кардани ҷазоро амалӣ кунад. Шӯрои олии магистратура мақоми беназир дар низоми судии Италия мебошад. Шӯро қабули магистрантони нав, таъйин ба мансаби судягӣ, интихоб ва ҷобаҷогузориро, ки ба мавқеи магистрантон дахл дорад, амалӣ мекунад. Ба ҳайати он шахсони олии мансабдори низоми судӣ – раиси якум ва прокурори генералии Суди касатсионӣ, инчунин 30 аъзои интихобшуда дохил мешаванд. Аз онҳо аз 2/3 ҳиссаашон бевосита магистрантон аз ҳисоби судяҳои категорияи гуногун, инчунин аз 1/3 ҳиссаашонро дар ҷаласаи якҷояи ҳарду палата аз

ҳисоби профессорони муқаррарии соҳаи ҳуқуқи донишгоҳҳо ва адвокатҳо, ки на камтар аз 15 сол собиқаи кории адвокатӣ доранд, интихоб мешаванд. Ваколати онҳо 4 сол буда, аз нав интихоб намешаванд. Магистрантон судяҳо ва прокуророн мебошанд, ки дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба конститутсия ва қонунҳо тобеъ мебошанд. Таъйини онҳо дар асоси озмун сурат мегирад. Ҳамзамон месазад қайд кард, ки президент дар низоми судии Италия таъсири бевоситаи худро дорад. Дар ҳар шохаи ҳокимияти давлатӣ бевосита мақомеро касб карда, таъсири худро мерасонад.[2, 550]

Конститутсияи Италия асли (принсип) ба ҷавобгарӣ накашидани президенти ҷумҳуриро дар ҳолати иҷрои вазифаҳои худ муқаррар кардааст. Он метавонад дар ҳолати табаддулоти давлатӣ ё ихтилоф бо конституция ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Қарор дар бораи айбдор кардани президент дар ҷаласаи якҷояи ҳарду палата бо аксарияти мутлақи овози аъзои ҷаласа қабул карда мешавад. Масъаларо, дар ниҳояти кор, Суди конститутсионӣ ҳал мекунад. Дар сурати бад шудани аҳволи саломатии президент, ки натавонад вазифаҳои худро иҷро карда намояд, иҷрои вазифаи ӯро раиси Сенат ба уҳда мегирад. Дар ҳолати вафот ё истеъфои Сарвари давлат раиси Палатаҳои вакилон дар муддати 15 рӯз интихоботи президентро таъйин мекунад. Муҳлат метавонад дар сурате идома ёбад, ки агар палатаҳо пароканда ё то анҷоми ваколати онҳо муҳлати 3 моҳ боқӣ монда бошад.[1]

Вазъи конститутсионӣ - ҳуқуқии Ҳукумат дар қисми дуюми боби 2 конститутсияи Италия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзими худро ёфтааст. Ҳукумат дар ҳаёти сиёсии Италия мақоми олии ҳокимияти иҷроия буда, татбиқи ҳамаи низоми сиёсӣ ва маъмурии давлатро таъмин мекунад. Президенти Италия Раиси Шӯрои Вазиронро таъин намуда, бо пешниҳоди вай вазиронро низ таъйин мекунад. Сарвари давлат ҳангоми ҷобаҷогузории мансабҳои давлатӣ қувваҳои сиёсӣ ва ҷамъбасти интихоботи парлумониро ба назар мегирад. Италия ҷумҳурии парлумонӣ аст, бинобар ин Ҳукумат бояд боварии ҳар ду палатаи парламентро (Сенат ва Палатаҳои вакилон)- ро ба даст оварад. Аксарияти мутлақи ҳукуматҳои баъдиҷангӣ дар асоси коалитсионӣ (эътилофӣ) ташкил шудаанд. Шӯрои Вазирон на дертар аз 10 рӯз баъди ташкил шудан барномаи ҳукуматии худро ба палатаҳо барои гирифтани раъйи эътимод пешниҳод мекунад.

Вижагии асосии низоми идоракунии Италия дар он аст, ки палатаи болоӣ бевосита дар ташкили Ҳукумат иштирок мекунад. Ҳайати Ҳукумат аз Раиси Шӯрои Вазирон ва вазирон, ки дар якҷоягӣ Шӯрои Вазиронро ташкил мекунад, иборат аст. Ҳукумати Италия мухторияти васеи функсионалиро соҳиб буда, ваколатҳои иҷроявии худро дар ҳаҷми васеъ амалӣ мекунад. Дар алоқамандӣ бо консепсияи конститутсионии Италия

диққат ба он дода мешавад, ки Ҳукумат дар сурати заифии ҳокимияти президентӣ "бемасъулиятии сиёсии" конститутсионии президентро мукаммал намуда, баъзе ваколатҳои онро бар ӯҳда мегирад, чунонки дар боло қайд гардид, санадҳои президентро конрассигнатсия мекунад.

Соли 1988 дар Италия қонуне қабул шуд, ки тартиби фаъолият, сохтор ва маъмурияти дохилии ташкилии вазоратҳоро танзим мекунад. Ба шумули он вазироне, ки роҳбариро дар соҳаи мушаххаси идоракунии давлатӣ ба ухда доранд ва ҳамчунин "вазирони мушовир" ("министры без портфеля") низ ба Ҳукумат дохил мешаванд. Онҳо мисли дигар вазирон соҳиби ҳамон ҳуқуқ ва ваколатҳое ҳастанд, ки ҷавобгарии коллективиро дар фаъолияти Ҳукумат ба ӯҳда мегиранд. Муовини вазирро президент бо пешниҳоди сарвари ҳукумат таъйин мекунад. Муовини вазирон аъзои Парламент буда, ҳизберо, ки аксариятро дар Ҳукумат ишғол намудааст, намояндагӣ мекунанд. Вазирон дар назди палатаҳои парламент барои ҳар амали Шӯрои Вазирон ё соҳае, ки онро алоҳида роҳбарӣ мекунанд, ҷавобгарии сиёсиро дастаҷамъона бар ӯҳда мегиранд. Ҳамчунин Конститутсия дар моддаи 94 муқарраротеро муайян кардааст, ки овоздиҳии як ё ҳар ду палата муқобили ин ё он пешниҳоди Ҳукумат наметавонад онро ба истеъфо водор намояд. Ҳукумат ҳамон вақт ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ки қарори сарзанишии яке аз палатаҳо қабул карда шавад. Ҳукумати бисёрҳизбии Италия, пеш аз ҳама, дар сурати ихтилофи эътилофи ҳукмрон ба истеъфо меравад. Ҳангоми аз тарафи вазирон содир намудани ҷиноят дар зимни иҷрои вазифаҳои мансабӣ онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Ҳамин гуна ҷиноят бо тартиби истеҳсолоти муқаррарии судӣ ( Суди умумӣ ё олӣ) бо иҷозаи палатаҳои парлумон, ҳатто баъд аз анҷоми ваколат муайян карда мешавад. То соли 1989 вазиронро Суди конститусионӣ гунаҳгор карда, ба ҷавобгарӣ мекашид.

Мувофиқи Конститутсияи Италия идораҳои давлатӣ ва ҳамаи муассисаҳои давлатӣ дар асоси қонун таъсис дода мешаванд, то ки тавонанд шаффофият ва самаранокиро дар маъмурият (хизмати давлатӣ) таъмин кунанд. Хизматчиёни давлатӣ дар хизмати халқи худ қарор доранд. Шаҳрванд ба хизмати давлатӣ ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун дар асоси озмун қабул карда мешавад. Дар Италия маҳдудият ба хизматчиёни давлатӣ ҷорӣ нашудааст, шаҳрванд метавонад бевосита ба ҳизбҳои сиёсӣ дохил шуда, ба фаъолияти сиёсӣ машғул шавад. Маҳдудият танҳо барои судяҳо, хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони полис, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулӣ ҷорӣ шудааст.

Дар Ҷумҳурии Италия мақомоти ёрирасоне низ мавҷуданд, ки ҳамзамон дорои якчанд ваколатҳои мустақил мебошанд ва ба фаъолияти Ҳукумат ва парлумон дар амалӣ намудани вазифаҳои онҳо ёрӣ мерасонанд. Ба ин мақомот Шӯрои милии иқтисодӣ ва меҳнат, Шӯрои

давлатӣ ва Палатаи ҳисоб мансубанд, ки дар конститусияи Италия танзими худро ёфтаанд. Шӯрои милии иқтисодӣ ва меҳнат аз 12 муҳаққиқ (8 нафарро Президент ва 4 нафари дигарро Раиси Шӯрои Вазирон таъйин мекунад) ва 99 аъзо, ки дорои ихтисосҳои гуногун, аз ҷумла кооперативӣ, саноатӣ, кишоварзӣ, сайёҳӣ, кори бонкӣ ва дигар соҳаҳои муҳими ҳаётӣ иборат мебошад. Шӯро мақоми машваратии парлумон ва Ҳукумат оид ба масъалаҳои иқтисодӣ мебошад. Мувофиқи моддаи 99 Конститутсия "ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта, метавонад дар таҳияи қонунҳои фарогири соҳаи иқтисодиёт ва иқтимоиёт, мувофиқи принсип ва муқаррароте, ки қонун муайян кардааст, иштирок кунад". Муҳлати ваколати онҳо 5 сол аст [1].

Шӯрои давлатӣ мақоми машваратии Ҳукумат оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ буда, инчунин дар як вақт мақоми олии адлияи маъмурӣ мебошад. Се бахши он ба фаъолияти машваратӣ машғул буда, сетои дигар фаъолияти адлияи маъмуриро ба роҳ мемонад. Мақоми мазкур хулосаро оид ба лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳое, ки Ҳукумат ирсол кардааст медиҳад. Инчунин лоиҳаи баъзе қонунҳоро низ таҳия менамояд.

Палатаи ҳисоб назорати пешакиро доир ба қонуният, қонунҳо ва санадҳои Ҳукумат амалӣ карда, инчунин назорати пешакӣ ва ниҳоиро оид ба хароҷоти маблағҳо, риояи буҷети давлатӣ роҳандозӣ мекунад. Он ба шаклҳои назорати молиявии ташкилотҳо ва ҳимоя аз буҷети давлатӣ назорати худро амалӣ намуда, оид ба натиҷаи фаъолияти худ ба палатаҳо гузориш медиҳад. Он аз даҳ бахш иборат буда, ҳайати он аз 500 кормандро дар бар мегирад, ки тавассути озмун ва таъйини Ҳукумат ҷобаҷо карда мешаванд.

Сохтори идоракунии маҳаллӣ дар моддаи 121 Конститутсия муайян шудааст. Ба ҳайати он шӯрои маҳаллӣ, ҷунта (ҳокимияти иҷроия) ва раиси он дохил мешавад. Шӯрои маҳаллӣ ҳокимияти қонунгузор ва маъмуриро амалӣ карда, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дошта, метавонад ба парламент пешниҳоди қонунгузориро амалӣ кунад. Шӯрои маҳаллӣ аз ҳайати худ ҷунтаи маҳаллиро интихоб менамояд, ки мақоми иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Раиси ва аъзои он (асессор) бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ бо иштироки аз се ду ҳиссаи аъзои шӯрои маҳаллӣ интихоб мешаванд. Ҳар як асессор ба ин ё он самти мушаххаси идораи маҳаллӣ масъул мебошад.

Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар музофот ва коммунаҳо шӯрои интихобӣ, ҷунтаҳо мебошад.

Мувофиқи ваколати худ музофот ва коммунаҳо ҳуқуқи гузаронидани раъйпурсии хусусияти машваратӣ ва ҷанбаи маҳаллидоштаро доранд. Дар ҳолати вайрон кардани меъёрҳои конститутсия, ихтилоф бо қонун ва дар ҳолати рад кардани ивази ҷунта ва

раис шӯрои маҳаллӣ ва дигар мақомоти худидораи маҳаллӣ пароканда карда мешавад. [2, 552-553]

## Адабиёт

1. Конституция Итальянской Республики. "Конституции зарубежных государств: Учебное пособие/Сост. проф. В.В.Маклаков. - 4-е изд., перераб. и доп. - М.: Волтерс Клувер, 2003")

2.Конституционное право зарубежных стран: Учебник для вузов / Под общ. ред. чл.-корр. РАН, проф. М. В. Баглая, д. ю. н., проф. Ю. И. Лейбо и д. ю. н., проф. Л. М. Энтина. — М.: Норма, 2004. — 832 с. с. 550

3. Конституционное право зарубежных стран / О. В. Афанасьева, Е. В. Колесников, Г. Н. Комкова, А. В. Малько; Под общ. ред. д. ю. н., проф. А. В. Малько. — М.: Норма, 2004. —320 с. — (Серия учебно-методических комплексов). С. 268

4. http://dic.academic.ru/dic.nsf/fin_enc/24811

5. http://slovariki.org/tolkovyj-slovar-usakova/47554

# ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО СТРАХОВАНИЯ

***Шамсуллозода Ш.*** - *к.э.н., заведующий отделом институциональных исследований и социального сектора экономики Института экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан, тел.:(+992) 935 877 606, E-mail: imdodi@mail.ru*

***Шамсуллозода Х.*** - *соискатель кафедры экономической теории и финансов Кургантюбинского государственного университета имени Н.Хусрава, тел.: (+992) 937 350 606. E-mail.: Shamsullozoda7737@mail.ru*

В статье анализируется развитие сельскохозяйственного страхования на современном этапе, выявляются ключевые проблемы страхования в сельском хозяйстве, а также определяются направления совершенствования системы сельскохозяйственного страхования в Таджикистане.

***Ключевые слова:*** *страхование, сельское хозяйство, риск, государственное регулирование, защита интересов, оценка ущерба, конечный результат, неблагоприятный фактор*

# ПРОБЛЕМАҲОИ РУШДИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ КИШОВАРЗӢ

***Шамсуллозода Ш.*** – *н.и.и., мудири шуъбаи таҳқиқоти ниҳодӣ ва бахши иҷтимоии Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Тоҷикистон, тел.:(+992) 935 877 606. E-mail:imdodi@mail.ru*

***Шамсуллозода Х.*** - *унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молияи Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Носири Хусрав, тел.: (+992) 937 350 606. E-mail.: Shamsullozoda7737@mail.ru*

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба раванди рушди суғурта дар соҳаи кишоварзӣ баррасӣ гардидааст. Таҳлили ҷараёни суғуртаи кишоварзӣ, ки муаллифон анҷом додаанд, дар марҳилаи кунунӣ яке аз масъалаҳои калидии соҳаи суғурта ба ҳисоб меравад, ки барои такмили низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоизи аҳаммият мебошад .

***Калимаҳои калидӣ:*** *суғурта, кишоварзӣ, хатар, танзими давлатӣ, ҳимояи манфиатҳо, баҳодиҳии хасорат, натиҷаи ниҳоӣ, омили номусоид*

# ISSUES OF DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL INSURANCE

***Shamsullozoda Sh.*** *- Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Institutional Research and Social Sector of Economics of the Institute of Economics and Demography of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, phone: (+ 992) 935 877 606. E-mail: imdodi@mail.ru*

***Shamsullozoda H.*** *– Applicant for PhD of the Department of Economic Theory and Finance of the Kurghanteppa State University named after. N. Khusrav, phone: (+992) 937 350 606. E-mail: Shamsullozoda7737@mail.ru*

The development of agricultural insurance at the present stage is reviewed in the article. At the same time key problems of insurance in agriculture are identified and directions for improving the agricultural insurance system in Tajikistan are outlined by the author.

***Keywords***: *insurance, agriculture, risk, state regulation, protection of interests, damage assessment, final result, unfavorable factor*

Сельскохозяйственное производство, как известно, подвержено воздействию большого числа неблагоприятных факторов различного характера. Ущерб, наносимый указанными факторами, существенным образом влияет на конечные результаты деятельности сельхозтоваропроизводителей, приводя многих из них в состояние убыточности. Правительство в случае возникновения неблагоприятных событий стремится поддержать сельское хозяйство, поскольку это – стратегический сектор экономики. Однако, размеры компенсационных выплат за счёт средств бюджета и специальных фондов зачастую оказываются гораздо ниже реальных размеров убытков. Кроме того, помощь государства зачастую доходит только до крупных и средних сельхозпредприятий, и малые формы аграрного бизнеса остаются один на один со своими проблемами. Дополнительной формой защиты интересов сельхозтоваропроизводителей выступает сельскохозяйственное страхование, которое позволяет наиболее целесообразным образом объединять интересы участников аграрного рынка.

Основной целью системы сельскохозяйственного страхования является обеспечение предоставления доступных для большей части сельскохозяйственных товаропроизводителей услуг по сельскохозяйственному страхованию и комплексной защиты сельскохозяйственного производства от основных рисков.

К основным функциям системы агрострахования можно отнести следующие:

- функция возмещения убытков, которая проявляется в покрытии ущерба, наносимого сельхозтоваропроизводителям вследствие воздействия различных неблагоприятных факторов;

- предупредительная функция, которая реализуется посредством финансирования различных превентивных мероприятий, направленных на снижение вероятности наступления неблагоприятных событий;

- контрольная функция, которая заключается в осуществлении контроля за целевым расходованием средств страховых фондов, формируемых за счет взносов сельхозтоваропроизводителей, а также за целевым расходованием государственных средств, выделяемых на субсидирование страховых премий по сельскохозяйственному страхованию.

Эффективно функционирующая система сельскохозяйственного страхования является одним из основных факторов устойчивого развития агарной отрасли. Об этом свидетельствует опыт зарубежных стран, где сельскохозяйственное страхование пользуется достаточной популярностью и в последние годы получило существенное развитие.

Наиболее развитые системы агрострахования существуют в США, Канаде и Испании. По уровню развития сельскохозяйственного производства давно и убедительно ведущие позиции в мире занимают США. Одной из причин такой стабильности специалисты называют удачную государственную политику, направленную на поддержку аграриев, а также эффективное сотрудничество государственного и частного секторов.

К числу наиболее трудноразрешимых проблем сельскохозяйственного страхования можно отнести проблемы финансового характера. Недостаток средств для приобретения страховки у сельскохозяйственных товаропроизводителей ограничивает возможности их участия в системе агрострахования. Особенно остро обозначенная проблема стоит в дотационных регионах.

Отрицательное влияние на развитие системы агрострахования оказывает и низкая страховая культура аграриев. Уровень знаний большинства сельхозтоваропроизводителей о различных аспектах страхования и не позволяет им составить полное представление о сущности и необходимости страхования и обо всех его преимуществах как инструмента управления рисками.

К числу важнейших проблем сельскохозяйственного страхования следует отнести и проблемы институционального характера. Отсутствие у страховщиков сельскохозяйственного страхования достаточных стимулов для качественного развития бизнеса обуславливает их инертность в плане расширения ассортимента страховых продуктов по агрострахованию. Это существенным образом снижает привлекательность страхования для представителей агробизнеса.

Существуют также некоторые психологические проблемы, наличие которых обуславливает нежелание аграриев вступать в систему сельскохозяйственного страхования. Эти проблемы связаны в основном с особенностями менталитета таджиков. Самой очевидной из таких проблем можно признать низкий уровень доверия таджиков к различным финансовым институтам в целом, и к страховым компаниям в частности.

Данная проблема усугубляется тем, что в нашей стране, в отличие от развитых стран, пока не создан эффективный механизм защиты прав страхователей, в том числе и в сфере сельскохозяйственного страхования.

Таким образом, система сельскохозяйственного страхования в Республике Таджикистан нуждается в реформировании путем оптимизации ключевых аспектов ее функционирования. При этом приоритетными задачами реформирования таджикской системы агрострахования должны стать обеспечение ее стабильности, повышение финансовой устойчивости и создание необходимых условий для привлечения большей части сельхозтоваропроизводителей к участию в системе, в том числе путем снижения тарифов на страховые услуги, расширения линейки страховых продуктов и улучшения качества обслуживания страхователей.

Общая схема процесса оптимизации системы сельскохозяйственного страхования может быть представлена в следующем виде (см. рис. 1).




**Рисунок 1.** *Алгоритм процесса оптимизации системы сельскохозяйственного страхования.*

Базовой составляющей процесса оптимизации системы является оценка эффективности ее функционирования. Вместе с тем, сегодня в

Таджикистане отсутствует единая методика комплексной оценки эффективности системы страхования сельскохозяйственных рисков. В качестве основных индикаторов развития системы используются такие показатели, как объем страховых премий в секторе сельскохозяйственного страхования, количество застраховавшихся предприятий, удельный вес застрахованных посевных площадей, размер государственных субсидий, выделяемых на поддержку агрострахования.

При определении критериев и показателей оценки эффективности системы сельскохозяйственного страхования следует исходить из целей и функций данной системы, особенностей организационно-экономического механизма ее функционирования, а также основных факторов, определяющих ее развитие..

Исходя из этого, в качестве основных можно предложить следующие критерии оценки эффективности функционирования системы сельскохозяйственного страхования:

1. Открытость системы – ключевой критерий эффективности функционирования системы страхования сельскохозяйственных рисков, позволяющий оценить доступность предоставляемых в рамках работы системы страховых услуг для сельхозтоваропроизводителей.

2. Полезность системы – критерий, отражающий роль системы в покрытии ущербов.

3. Адекватность системы – критерий, позволяющий дать оценку соответствия функциональности системы интересам страхователей.

4. Масштабность системы – критерий, позволяющий определить уровень распространенности страхования среди потенциальных страхователей, степень охвата страховой защитой потенциальных объектов страхования, а также роль системы в покрытии ущербов.

5. Стабильность системы – критерий, характеризующий уровень финансовой независимости и устойчивости системы, а также позволяющий дать оценку перспектив развития системы.

Оценка эффективности системы агрострахования на основе предложенных критериев позволит не только определить текущий уровень развития системы, но также выявить основные недостатки системы, провести анализ возможностей их устранения и дать обоснованные рекомендации по оптимизации системы.

**Литература**

1. Закон Республики Таджикистан «О страховой деятельности » от 30.12.2010. № 681

1. Закон Республики Таджикистан «О государственной поддержке отраслей агропромышленного комплекса Республики Таджикистан» от 05.03.2007 №241

2. Махдиева Ю.М. Перспективы развития страхового рынка Республики Дагестан// Финансы и кредит. 2011. № 12 (444). С. 14.

# МАҚОМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

***Алиева Т.С.*** *– омӯзгори кафедраи забонҳои Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.:(+992) 909 990 789*

Дар мақола баъзе ҷиҳатҳои масъалаи рушди забони тоҷикӣ дар масири таърих ва то замони муосир аз лиҳози нақш ва мақоми фарҳанггустарӣ ба таври фишурда мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллиф ҳамчунин оид ба давраҳои таърихии рушди забони тоҷикӣ ибрози андеша намуда, ҳамзамон аз мақоми воло бархӯрдор будани забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ дар раванди идоракунии давлатӣ таъкид менамояд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *забони тоҷикӣ, идоракунии давлатӣ, коргузорӣ, таърих, истиқлолият, рамзи давлатӣ, мақоми давлатӣ*

# СТАТУС ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В ПРОЦЕССЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ

***Алиева Т.С.*** *- преподаватель кафедры языков Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 909 990 789*

В статье рассматриваются некоторые аспекты вопроса истории и развития таджикского языка с точки зрения культуротворения. Автор выражает свое мнение, посвященное историческим этапам развития государственного (таджикского) языка, и при этом подчеркивает, что статус таджикского языка как государственного имеет особое значение в процессе государственного управления.

***Ключевые слова***: *таджикский язык, государственное управление, делопроизводство, история, независимость, государственный символ, государственный статус*

# THE STATUS OF TAJIK LANGUAGE IN THE PROCESS OF PUBLIC ADMINISTRATION

***Alieva T.S.*** *- Teacher of the Languages Department of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str. 33, phone: (+992) 909 990 789*

The article deals with some aspects of the issue of the history and development of Tajik language from the perspective of culture. The author expresses her opinion on the historical stages of the development of the state (Tajik) language, and at the same time emphasizes that the status of Tajik as a state language is of particular importance in the process of public administration.

***Keywords***: *Tajik language, public administration, office work, history, independence, state symbol, state status*

Миллати тоҷик дар ҳама давру замон ба неъматҳои фарҳангии ниёгони худ арҷ гузоштаанд. Забони тоҷикӣ яке аз чунин сарватҳои миллати тоҷик мебошад, ки то имрӯз ҳамчун гавҳараки чашм новобаста аз таъсироти сиёсиву иҷтимоии давру замонҳои гуногун мақоми волои худро нигоҳ доштааст. Мисоли равшани ин гуфтаҳо ин нукта мебошад, ки новобаста аз сиёсати фармонфармои давлатии томгарои вақти Иттиҳоди Шуравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 22 июни соли 1989 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ” қабул гардид.

Ин забони поку ноб ва ғановатманд дар даврони салтанати Сомониён ба ниҳояти шукӯҳу ҷалолу азамати хеш расида, забони давлатӣ маҳсуб мешуд ва бузургтарин суханварони он аср Одамушшуаро устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ борварӣ ва мақому манзалати онро ба арши аъло расонида буданд. Маҳз Фирдавсии бузург бо офаридани ҳамосаи безаволи худ «Шоҳнома»-и азимушшаън «Аҷамро зинда кард ба-дин порсӣ».

Дар давраи салтанати Сомониён бо вуҷуди нуфузи густардаи забони арабӣ забони тоҷикӣ забони дарбор, забони дафтару девон ё ба истилоҳи имрӯз забони идоракунии давлатӣ буд. Баъди суқути давлати Сомониён ҳарчанд зимоми корҳои давлатдорӣ дар дасти фармонфармоёни саҳронишини туркнасабу туркзабон бошад ҳам, вале ҳамаи вазирону коргузорони асосии дарбори онҳо аз ҷумлаи мардумони бумӣ, яъне тоҷикон будаанд. Аҳли қалам, адибону суханварон, номанигорон, солноманависону муаррихони маъруф низ аз ҷумлаи форсизабонон буданд. Нақшу нуфузи забони дарию форсию тоҷикӣ дар қаламрави Хуросони бузург то дараҷае буд, ки туркону намояндагони қавмҳои турктабор маҷбур мешуданд, ки дарию форсию тоҷикӣ омӯзанд ва ба ин «қанди порсӣ» такаллум бикунанд.

Баъди соли 1924 Ҷумҳурии Худмухтор ва соли 1929 Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ эълон гардидани Тоҷикистон ва барқарор гардидани давлатдорӣ ва эътироф шудани истиқлолияти давлатии тоҷикон забони тоҷикӣ расман забони давлатии Тоҷикистон эълон шуд. Забони давлатии ҶСШ Тоҷикистон расман забони тоҷикӣ бошад ҳам, аммо таҳти таъсири густардаи забони русӣ қарор гирифта, дар солҳои Ҳукумати шӯравӣ доираи нуфуз ва корбурди он хеле маҳдуд гардид. Дар сохтори дастурӣ ва таркиби луғавии он дигаргуниҳои харобиовар барои асолати он

ба вуқӯъ омаданд. Сиёсати баҳамназдикшавии миллату қавмҳои сокини Иттиҳоди Шӯравӣ дар раванди сохтмони ҷомеаи коммунистӣ, ки шиори ҳизби коммунисти ҳукмрон буд, ба забонҳои бисёр миллатҳо ва қавмҳои сокини кишвар, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ ҳам таҳдиди хатаровар дошт.

Баъди фарорасии бозсозии горбачёвӣ ва дамидани насими демократикунонии ҷомеа имконияте фароҳам гардид, ки аҳли илму адаби тоҷик бо сарварии як идда донишмандони маъруфи ҷумҳурӣ дар бобати маҳдуд гардидани мақому мартаба, обрӯю эътибор ва харобу бенаво гардидани забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон овоз баланд намуда ба ин забон додани мақоми давлатиро матраҳ намуданд. Бояд хотирнишон намуд, ки дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ин нахустин падидаи чунин пуштибонии густарда аз забони миллӣ дар он айём ба ҳисоб мерафт.

Равшанфикрону суханшиносони бедори ҷумҳурӣ, ки дар раъси онҳо шодравон академик Муҳаммадҷон Шакурӣ қарор дошт, дар он айём ягона роҳи раҳоӣ аз ин бунбасти харобкунандаи забони миллӣ, рафъи нуқсу камбудии забони тоҷикиро дар ҷумҳурӣ дар иқдоми ба он додани мақоми давлатӣ ва ба ҳимояву ғамхориҳо фаро гирифтани ин аввалунсури ҳастии миллатро медонистанд.

Бояд гӯем, ки Тоҷикистони Шӯравӣ ба истиснои ҷумҳуриҳои Назди Балтик нахустин шуда ба забони хеш мақоми давлатӣ дод. Ҳамраъйӣ, ягонагии маънавию ахлоқӣ ва сиёсие, ки он солҳо ҷомеаи Тоҷикистонро фаро гирифта буд, собиқа надошт.

